**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 34тоҷик(575.3)+343.2/7+343.977.340.6**

**ТКБ: 67.99(2тоҷик)93+67.52+67.73+67.99(2)94**

**А** – 37

**АЗИМЗОДА ФИРДАВС АКБАРАЛӢ**

# ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ВА ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ МУВОФИҚИ ВАНДИДОД

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**САЪДИЗОДА ҶАҲОНГИР**

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.................3

**МУҚАДДИМА**.........................................................................4-20

**БОБИ 1. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ВА ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ МУВОФИҚИ ВАНДИДОД**.....................21-54

1.1. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва арзишҳои башарии он...................21-41

1.2. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ..................................................................41-54

**БОБИ 2. ТАСНИФОТИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ВА ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ МУВОФИҚИ ВАНДИДОД**............................................55-107

2.1. Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ.............................50-70

2.2. Мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод.....71-88

2.3. Мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод..88-107

**БОБИ 3. ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ВА ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ МУВОФИҚИ ВАНДИДОД ВА ТАНОСУБИ ОНҲО БО ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**.......................108-159

3.1. Ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон..............................................108-126

3.2. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон..............................................126-142

3.3. Вандидод ҳамчун заминаи таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ......................................................................................142-159

**ХУЛОСА**...........................................................................160-165

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.........................................................................................166-167

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**...........................................168-187

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**...................................................................................188-190

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**б.** – банд

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиёҷ ба эҳё ва бознигарии арзишҳои ҳуқуқии марбут ба давлатдории бостонии халқи тоҷик, аз ҷумла, низоми ҳуқуқии давраи зардуштӣ, эҳсос гардид. Маҳз ҳамин давра яке аз сарчашмаҳои аслии ташаккули тамаддуни умумибашарӣ ба ҳисоб меравад. Халқи тоҷик, ки дорои таърихи бисёрсола ва бой аст, ҳанӯз ҳазорсолаҳо пеш аз замони муосир низомҳои ҳуқуқиро ба кор мебурд, ки ҷиноят ва ҷавобгариро муайян мекарданд ва ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ равона шуда, бо руҳи башардӯстӣ фарқ мекарданд.

Дар ин росто, мушкилоти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсбарангези таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ ба шумор меравад. Омӯзиш ва пажӯҳиши ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод на танҳо ҷанбаи назариявию таърихӣ, балки ҷанбаҳои амалӣ низ дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми баромадҳои худ аз зиёиён ва олимони кишвар даъват ба амал меоранд, ки дастовардҳои таърихии халқамонро бештар тарғиб намоянд: «Вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷаҳон, ки бuҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ таъсир мерасонанд, олимони ҷомеашиноси мо бояд дастовардҳои таърихии халқамонро бештар тарғиб намоянд ва таҳқиқоташонро ба тақвияти пояҳои давлату давлатдории миллиамон ҳамчун омили муҳимтарини ҳифз ва таҳкими Истиқлолияти давлатӣ равона созанд» [63, с. 5]. Инчунин, Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо намояндагони илму маориф таъкид намуданд, ки «таҳияи осори илмӣ бояд бо манфиатҳои миллӣ мутобиқат дошта, дар он принсипҳои дунявият, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ ва эҳсоси ватандӯстӣ ба таври устувор инъикос ёбанд» [183].

Дарвоқеъ, Истиқлоли давлатӣ боис гардид, ки олимону пажӯҳишгарон ва фарзандони баруманди ин халқ ба таърихи бойю рангин ва дастовардҳои аҳди бостони ниёгони миллати худ бештар рӯ оваранд. Тамоюли мазкурро суханронӣ ва андешаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон илҳоми тоза бахшиданд. Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2014 ба Маҷлиси Олии ҶТ иброз намуданд: «Вазифаи муҳимми олимони кишвар бо дарназардошти шароити давлати соҳибистиқлол таҳқиқ намудани таърихи пурифтихори миллат, проблемаҳои фалсафа ва адабиёту фарҳанги бойю рангоранги тоҷикон, поку бегазанд нигоҳ доштан ва таҳким бахшидан ба мақоми забони давлатӣ, тоза нигоҳ доштани забони муошират, эҷоду эҳёи забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ ва ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгон мебошад» [182].

Таърих гувоҳ аст, ки ниёгони миллати тоҷик на танҳо дар самти осори адабӣ, балки бо таҷрибаи пешрафтаи идораи давлат, санадҳои ҳуқуқии пешқадам ва қонунҳои инсондӯстонаву инсонмеҳвар байни халқҳои аҳди бостон мақом ва мартабаи шоиста доштанд. Ҳарчанд ниёгони мо дар дарознои таърих борҳо мавриди ҳуҷуми аҷнабиён қарор гирифта бошанд ҳам, бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Авесто то замони мо боқӣ мондааст. Авесто куҳантарин асари динӣ, адабӣ ва таърихии тоҷикон, сарчашмаи асосии низомии ҳуқуқии зардуштӣ ва дастури муҳимми рӯзгори зардуштиён ба ҳисоб меравад. Авесто сарчашмаест, ки дар он муҳимтарин меъёрҳои ҳаёти ҷомеа пешбинӣ шудаанд. Меъёрҳо ва муқарраroти Авесто аз номи Аҳуро Маздо эҷод шуда, ба воситаи асосгузори дини зардуштӣ, яъне паёмбар Зардушт ба ҷомеа паҳн шудааст. Мувофиқи маъхазҳо, таълимоти зардуштӣ, ки манбаи асосии он Авесто маҳсуб мешавад, дар сарзаминҳои Бохтар, Суғд, Хоразм, Фарғона, Помир, Хуросон, қисмати мулкҳои Паси Қафқоз ва сарзаминҳои Эрони Ғарбӣ ҳамчун таълимоти

расмӣ ва ҳуқуқи расмӣ амал мекардааст ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси Авесто танзим мешудаанд. Авесто ном ё калимаест баргирифта аз форсии миёнаи «apastak», баъдтар «awastay», ки тарҷумаи таҳтуллафзии он асос, муқаррарот, нишондод, ҳамднома мебошад [27, с. 59]. Авестое, ки имрӯз дар даст дорем, самари саъю талоши зардуштиёни Ҳиндустон аст, ки бар дини бостонии ниёгони худ содиқ мондаанд ва ин китоби муқаддаси зардуштиро, ки фарҳангу тамаддун ва забони куҳани эронӣ ва боарзиштарин санади хаттии Эрони Бостон аст, нигоҳ доштаанд. Китоби Авесто чандин бор дар кишварҳои гуногун, чун Ҳиндустону Эрон, Тоҷикистон ва кишварҳои Аврупо ба нашр расидааст, ки ба назари авестошиносон ҳарчанд аз назари суннат арзишманданд, аммо аз диди илмӣ-интиқодӣ, чунонки бояд, мустанад нестанд. Дақиқтарин ва илмитарин чопе, ки дар пажӯҳишҳои илмӣ аз он истинод мешавад, нашрест, ки Карл Фридрих Гелднер, авестошиноси олмонӣ пас аз муқоиса ва баррасии беш аз 130 дастнависи мухталиф омода кардааст.

Шоирони аҳди Сомониён, ки дорои ифтихори миллӣ буданду ба шовинизми арабӣ нафрат доштанд, аз фарҳангу адабиёти аҳди бостон, хосса аз Авесто ва «Занд»-у «Позанд» ба ифтихор ёд кардаанд.

Чунончи, дар як байти Рӯдакӣ номи Авесто ба шакли Абисто омадааст:

*Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,*

*Ҳамчу Абистост фазлу сирати ӯ Занд.*

Асосгузори таълимоти зардуштӣ Зардушт мебошад, ки дар сисолагӣ рисолати паёмбариаш зуҳур намуда, шоҳаншоҳи Балхро бовар кунонид, то оини ӯро эътироф намояд. Олимон маънои луғавии номи Зардуштро гуногун ба қалам додаанд. Аз ҷумла, дар тамаддунҳои ҷаҳонӣ ӯро Зороастр, Заратуштра ё соҳиби уштури зард низ ном мебаранд. Зардушт писари Пурушасп аз авлоди Спантаман буда, таълимоти худро аз номи Аҳуро Маздо дар ҷомеаи аҳди бостон тарғиб мекард. Таълимоти ҳуқуқӣ ва динии Зардушт дар Авестои ҷовидон мунъакис гардидааст. Авесто аз

21 қисм таркиб ёфтааст, ки то ба имрӯз 5 қисми он боқӣ мондаанд. Яке аз бахшҳои калидии китоби муқаддаси Авесто – Вандидод ба шумор меравад, ки дар он масъалаҳои муҳимми марбут ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд. Таҳлили илмии ин сарчашма метавонад саҳми арзандае дар рушди назарияи ҳуқуқ ва такмили қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон гузорад. Вандидод ҳамчун яке аз муҳимтарин ва бонуфузтарин манобеи ҳуқуқии зардуштӣ ва мероси қонунгузории тамаддуни бостонии тоҷикон маъруф аст. Ин санади қадимӣ, ки ба ҳайси як гуна кодекси ҳуқуқӣ хизмат мекунад, дорои аҳаммияти баланди илмӣ буда, омӯхтани он барои таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти касбии ҳар ҳуқуқдон хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Ба ибораи дигар, Вандидод ганҷинаи пурасрори ҳуқуқии миллати тоҷик ва кодекси фарогири аксарияти соҳаҳои ҳуқуқӣ буда, ҳанӯз дар аҳди бостон муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, экологӣ, оилавӣ ва ғайраро танзим менамудаст. Фазои ҳуқуқии аҳди бостон дар баробари дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ маҳз тавассути Вандидод танзим мегардид.

Дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷик соҳибистиқлол гардидани ҶТ неъмати бебаҳо арзёбӣ мегардад, ки саҳифаҳои нави ҳаётро барои халқи мо боз намуда, барои шинохт ва эҳё намудани арзишҳои фарҳанги миллии тоҷикон шароити мусоидро ба миён овард. Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи навин зарурати омӯзиш ва таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи арзишҳои таърихиву фарҳангии чандинҳазорсолаи миллатро бар пояи воқеияти таърих дар миён ниҳод [61, с. 96]. Омӯхтани таърих танҳо донистани гузашта нест, балки он барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз дорад. Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем

ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем [62, с. 4-5].

Бинобар ин, омӯзиши ниҳоди ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва дигар ҷанбаҳои он дар баробари баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва ошноӣ бо гузаштаи пурифтихор барои қонунгузории муосири ҶТ, аз аҳаммият холӣ нест.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ба мафҳум, моҳият, мақсад, таснифот, намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон дода шуда, мавзуи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Баъзе аз паҳлуҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар корҳои илмии анҷомдодаи донишмандон: У.А. Азиззода [108; 110; 112; 158], Г.С. Азизқулова [11], Б.Т. Базилев [17], Н.И. Бобоева [160], Ф.А. Бобохонов [161; 162], М.С. Богданова [163], Э.Б. Буризода [22; 119; 164], А.М. Диноршоҳ [31; 121], З.Х. Зокирзода [166; 167], Ш.Ф. Искандаров [168], Ш.М. Исмоилов [41], Н.Ш. Қурбонализода [170], М.А. Маҳмудзода [49], А.С. Мордоветс [171], Э.С. Насриддинзода [51], А.И. Петелин [135], И.Н. Радко [174], М.З. Раҳимзода [136], Ҷ. Саъдизода [178], И.Н. Тихоненко [179], А.Ғ. Холиқзода [85; 86; 87; 88; 89; 90], М.М. Холинова [181], С. Ҳасанов [91], Ш.Т. Шарипов [98; 99; 100], Р.Ш. Шарофзода [78; 79; 153] то андозае инъикоси худро ёфтаанд. Аммо қобили тазаккур аст, ки дар мавзуи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод таҳқиқоти фарогири монографие анҷом дода нашудааст. Ин холигӣ пажӯҳишҳои минбаъдаи илмиро, ки ба амиқ омӯхтани мавзуи мазкур равона шудаанд, боз ҳам мубрам мегардонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи илмӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии ҶТ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод мебошад ва он имкон медиҳад, ки вижагиҳои хоси мавзуи мавриди назар муайян карда шуда, мафҳум, мақсади иҷтимоӣ, усулҳои амалӣ ва таъсири мутақобилаи он бо қонунгузориии муосири ҶТ ошкор карда шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасии илмии вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

– таҳқиқи низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва арзишҳои инсонпарваронаи дар он ҷойгирифта;

– омӯзиши равандҳои ташаккул ва инкишофи мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар доираи таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ;

– арзёбии Вандидод ҳамчун як манбаи муҳимми таърихӣ ва ҳуқуқӣ;

– таҳлили мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ ва гурӯҳбандии он тибқи муқаррароти Вандидод;

– бознигарии назариявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои он дар матни Вандидод;

– муқоисаи муҳтавои ҳуқуқвайронкунӣ тибқи Вандидод бо муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории ҶТ;

– таҳқиқи Вандидод ҳамчун заминаи таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳияи яке аз масъалаҳои мураккаби илми таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ – ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод бахшида шудааст.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз меъёрҳое иборат мебошад, ки низоми ҳуқуқии зардуштия ва арзишҳои

башарии он, ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштия, Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ, мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод, мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод, ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири ду марҳилаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад: 1) ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар пасманзари низоми ҳуқуқи зардуштӣ; 2) Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби онҳо бо қонунгузории ҶТ. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва муосир баррасӣ гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2021-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод бахшида шудаанд, пурра менамоянд. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори илмии У.А. Азиззода, Н.И. Бобоева, Ф.А. Бобохонов, Э.Б. Буризода, А.М. Диноршоҳ, З.Х. Зокирзода, А.И. Имомов, Ш.Ф. Искандаров, Н.Ш. Қурбонализода, М.А. Маҳмудзода, Э.С. Насриддинзода, М.З. Раҳимзода, Д.С. Раҳмон, С.А. Раҷабзода, Б.А. Сафарзода, Н.Ф. Сафарзода, Ҷ. Саъдизода, А.Ғ. Холиқзода, М.М. Холинова, Ш.Т. Шарипов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил

медиҳанд. Аз ҷумла дар таҳқиқи диссертатсия усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ бештар истифода гардидаанд.

Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ба воситаи усули диалектикӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Усули мазкур имконият дод, ки воқеияти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод дар давраҳои таърихӣ таҳлил карда шавад. Усули мантиқӣ-забонӣ дар таҳлил ва пешниҳоди дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодагардида мусоидат намудааст. Дар заминаи усули мазкур истифодаи якхела ва дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ аз назари мантиқӣ ва забонӣ пешниҳод гардидаанд. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ гардидааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ дар муқоиса бо масъалаҳои ҳуқуқии Вандидод барои падидаҳои алоҳида омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Тибқи усули муқоисаи давлативу ҳуқуқӣ муқоисаи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ бо КҶ ҶТ оид ба муносибати бераҳмона нисбати ҳайвонот сурат гирифт. Бо истифода аз усули таърихӣ-ҳуқуқӣ паҳлуҳои таърихии масъалаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Усулҳои мазкур дар якҷоягӣ имконият фароҳам овარданд, то таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаҷониба, пурра ва объективона гузаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муқаррароти Конститутсияи ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Кодекси мадании ҶТ, Кодекси оилаи ҶТ, Кодекси меҳнати ҶТ, қонунгузории

алоҳидаи замони муосир, давраи шуравӣ, меъёрҳои ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва низоми ҳуқуқи зардуштӣ, бахусус Авесто ташкил додаанд. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин, баъзе қонунгузории давлатҳои алоҳида мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муҳимтарин замина ва роҳнамои таҳқиқот Паёмҳои ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мераванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқи мувофиқи Вандидод» ба ҳисоб меравад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд, ки онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

– Бори аввал низоми ҳуқуқии зардуштия ва арзишҳои башарии он мавриди омӯзиши монографӣ қарор дода шуд;

– Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштия бори аввал баррасӣ гардида, муайян карда шуд;

– Нахустин бор Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ошкор карда шуд;

– Бори аввал мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ошкор ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд;

– Моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал муайян карда шуд;

– Тавсияҳо барои ҳалли мушкилоти қонунгузорӣ, назария ва амалияи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда пешниҳод карда шуданд.

– Вандидод ҳамчун заминаи таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ баррасӣ шуда, умумият ва тафовути меъёрҳои қонунгузории соҳавии ҶТ бо меъёрҳои Вандидод муайян карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот бо нуктаҳои илмии зерин, ки ба ҳимоя пешкаш карда мешаванд, собит мегардад:

1. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ бар мабнои Авесто асос ёфта, бисёр падидаҳои ҳуқуқие, ки дар низомҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва мусулмонӣ амал менамоянд, аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ сарчашма мегиранд, ба монанди якканикоҳӣ, розигии тарафайн дар никоҳ, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, ҷуброни зарар ё хариди гуноҳ ва амсоли инҳо. Ҷазоҳои ҷиноятӣ дар намуди қатл, ҷазои ҷисмонӣ, мусодираи молу мулк, ҷуброни зарар бо роҳи додани моликият (қисман ва ё пурра), бадарға аз ҷамъият ва ғ. дар Вандидод дарҷ ёфтаанд. Вале дар бештари ҳолатҳо ҷазоҳои ҷарима, мусодираи молу мулк, додани моликият ҳамчун ҷуброни зарар (харидани гуноҳ) ва ғ. мавриди корбурд қарор мегирифт, ки далели васеъ будани доираи ҷазоҳо мебошад. Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки аҷдодону ниёкони мо барои муносибати бераҳмона нисбати ҳайвонот ҷавобгарӣ дар намуди харидани гуноҳ ё кафорат татбиқ менамуданд. Аз ин рӯ, зарурати аз нав эҳёву барқарор кардани ниҳоди мазкур ба миён омадааст.

2. Низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон дар баъзе масъалаҳо нисбат ба низоми ҳуқуқии муосир ба пешравиҳо ноил гардида буд ва нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҷиддият кор гирифтааст. Масалан, хариди гуноҳ яке аз падидаҳое мебошад, ки дар замони ҳуқуқи зардуштӣ амал мекард. Агар низоми ҳуқуқии зардуштиро бо низоми ҳуқуқии исломӣ дар муқоиса қарор диҳем, дар низоми ҳуқуқии мусулмонӣ низ ин падида ба мушоҳида мерасад. Дар низоми ҳуқуқи исломӣ институти фидя (каффораи гуноҳ) мавҷуд мебошад, ки тибқи он шахси муҷрим бо

додани фидя (каффораи гуноҳ) аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ озод карда мешавад. Дар ҳуқуқи зардуштӣ ин падида ба мафҳуми хариди гуноҳ ёд мешудааст. Муқоисаи мазкур муттасилӣ ва меросбарии таърихии падидаҳои ҳуқуқӣ ва рушди онҳоро дар чаҳорчӯби низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ нишон медиҳад.

3. Дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ тақрибан аз ҳазораи II то мелод то асри VII мелодӣ низоми ҳуқуқии зардуштӣ амал намудааст ва падидаҳои алоҳидаи он ба низоми ҳуқуқии ғарбӣ ворид шуда, боз бо шаклу шамоили ғарбӣ ба қонунгузории муосири Тоҷикистон мунтақил гардидааст. Тоҷикон аз азал бунёдгузорони низоми ҳуқуқӣ буда, дар омезиш ба анъанаҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқиро эҷод намуданд, ки бо гузашти вақт ба низомҳои ҳуқуқии дигар мунтақил гардида, бо шаклу шамоили румӣ дар низоми ҳуқуқии имрӯза ворид гардиданд. Масалан, мувофиқи Авесто зан ҳуқуқ надошт, ки дар вақти бемории занонаи ҳайз ба оташ, об ва дигар ҷойҳои пок қадам ниҳад ва он ҷойҳоро нопок гардонад. Зани дар чунин ҳолат бударо «армешт» мегуфтанд, ва ҷое, ки ӯ дар он нигоҳдорӣ мешуд, «армештгоҳ» («армештгос») меномиданд. Ӯ бояд пурра аз чунин ҳолат баромада, покиза мешуд ва сипас ба ҷомеа роҳ дода мешуд. Мувофиқи таълимоти Вандидод, ҷисми мурда наҷасу нопок аст, як шахс наметавонист ҷисми мурдаро танҳо бо худ бибарад. Ин кор бояд бо ёрии шахсони дигар анҷом дода мешуд, зеро ҳангоми интиқоли ҷасад аъзои ҷомеа метавонистанд сироят ёбанд ва ҷомеа нопок гардад. Бар хилофи ҳамаи мамнуот, агар чунин кор анҷом дода мешуд, пас, ӯро низ нақли макон мекарданд ва ӯ низ дар ҷойҳои муайян маҳдуд карда мешуд. Масъулиятшиносӣ, бовиҷдонӣ, ихтиёрона ва бидуни маҷбурсозӣ риояи қоидаҳои ҷамъиятӣ вижагиҳои асосии низоми ҳуқуқии зардуштӣ маҳсуб мешаванд, ки ҳамеша миёни мардум тарғиб мешудааст. Аз ин рӯ, дар ин низоми ҳуқуқӣ бемасъулиятӣ дар иҷрои вазифаҳо ва хунукназарӣ ба қоидаҳои ҷамъиятӣ ва рӯзгордории мардум маҳкум шудааст.

4. Мувофиқи м. 54 КҶ ҶТ, маҳдуд кардани озодӣ яке аз намудҳои ҷазо ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи пажӯҳиш муайян карда шуд, ки аввалин генезис ё бавуҷудоии ҷазои маҳдуд кардани озодӣ аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ оғоз меёбад. Мувофиқи сарчашмаҳо, ин намуди ҷазо бо таъсири низоми ҳуқуқии шуравӣ ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, махсусан ба КҶ ҶТ ворид шудааст. Дар сарчашмаҳои аҳди бостон, аз ҷумла Вандидод баъзе меъёрҳое пешбинӣ шудааст, ки шабеҳ ва ё ҳаммонанди ҷазои маҳдуд кардани озодӣ мебошанд. Ҳарчанд дар Вандидод истилоҳи «маҳдуд кардан» ё «нақли макон кардан» истифода гардида бошад ҳам, озодии ҳаракати инсонро дар ҷойҳои муайян маҳдуд мекарданд. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки таъсири низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба низоми ҳуқуқии шуравӣ, бавижа дар самти ҷиноят ва ҷазо расидааст.

5. Таҳлили меъёрҳои ҷиноӣ-ҳуқуқии дар Авесто зикршуда нишон медиҳад, ки ҳанӯз дар давраҳои бостон ҷиноятҳо ва чораҳои ҷазодиҳӣ тибқи низомҳои нисбатан мураттаб муайян гардида буданд, ки дар онҳо шаклҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, маҳдудсозии озодӣ, ҳатто ҷазои қатл ва дигар навъҳои ҷазо дарҷ ёфта буданд.

6. Дар ҳуқуқи зардуштӣ фарзанддорӣ шарти муҳимми оиладорӣ дониста мешуд ва талоқ ихтиёрӣ набуд. Ба назари мо, масъалаҳои мазкур бояд дар қонунгузории амалкунанда мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дода шаванд. Зеро яке аз омилҳои парокандашавии оилаҳо маҳсуб меёбанд. Ҳуқуқвайронкунӣ бар мабнои Вандидод ин содир намудани кирдорҳое мебошад, ки ба муқобили мамнуиятҳо ё объектҳои таҳти муҳофизати Аҳура Маздо равона карда шудааст, фаҳмида мешавад.

7. Дар аксар маврид дар меъёрҳои умумипазируфташудаи амалкунанда дар Тоҷикистон падидаҳои ҳуқуқиеро метавон дучор омад, ки реша дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ доранд. Дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии зардуштӣ ба масъалаи ҳифзи ҳаёти ҷанини инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешуд. Бар асоси меъёрҳои он давра, шахсе, ки сабаби

марги кӯдаки дар батнбуда мешуд, тахти ҷавобгарии ҷиддӣ қарор мегирифт. Ҳатто дар ҳолате ки зани ҳомила бо мақсади қатъи ҳомиладорӣ ба табиб муроҷиат мекард ва ӯ ин амалро анҷом медод, ҳар ду – ҳам табиб ва ҳам зан бо ҷазои қатл муҷозот мешуданд. Ба ин тартиб, то замони мо миқдори кофии меъёрҳо, падидаҳо ва консепсияҳои бунёдӣ нигоҳ дошта шуд, ки ҷавҳари аслии онро адолат ва башардӯстӣ нисбат ба одамон, олами вуҳуш ва табиат ташкил медиҳад.

8. Дар Вандидод меъёрҳои ҳуқуқӣ ба тавре танзим шудаанд, ки мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ, инчунин роҳу усулҳои татбиқи ҷазо дар доираи муқарраротн мураттаби ҳуқуқӣ гурӯҳбандӣ ва шарҳ дода шудаанд. Дар давраҳои қадим бештари падидаҳои илми ҳуқуқшиносӣ мушаххасу дақиқ шуда буданд. Ретсидиви ҷиноят, сӯиқасд ба ҷиноят, шакли гуноҳ, намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ, шартан татбиқ накардани ҷазо, авф ва ғайра аз ҷумлаи ниҳодҳои ҳуқуқие мебошанд, ки то ҳол аз аҳаммияти илмию амалӣ орӣ нестанд. Падидаҳои ёдшуда лозим ба зикр аст, ки дар ҳоли ҳозир ҳам мубрам ба шумор меравaнд.

9. Боз як хусусияти дигари Вандидод ин аст, ки ҳангоми қасд кардан ё омодагӣ доштан барои содир намудани ҷиноят, ретсидив ва дараҷаи вазнинии ҷиноятҳои содиршуда ба инобат гирифта мешуданд. Ҳамин тавр, тибқи таълимоти зардуштӣ ҷиноятe, ки ҳанӯз шуруъ наёфтаву боиси расонидани зарар нагардидааст, бояд аз бунёд решакан карда мешуд. Замони он расидааст, ки мо бояд падидаи ҳуқуқии харидани гуноҳ ё каффоратро, ки ҳазорсолаҳо пеш аҷдодону ниёгони мо ҳангоми азобу уқубат намудани ҳайвонот, аз ҷумла саги хонагӣ ё чӯпонӣ истифода мебурданд, аз нав эҳё намоем.

10. Далели таваҷҷуҳ ва алоқамандии хоссу хеле зиёд ба ин ёдгории бостонии миллӣ дар тули чанд садсолаи охир ба як омили дигар низ бастагӣ дорад, ки ниҳодҳои ҳуқуқии зиёди он ҳанӯз ҳам бо гузашти муддати тулониву фосилаҳои бузурги замонӣ, барои даврони муосир низ

мисли қабл рӯзмарраву мубрам боқӣ мемонанд. Бавижа он меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба манъи муносибати золимона нисбат ба ҳайвонот, маҳкум намудани ҳамҷинсгарой, такрори ҷиноят, маҷмуи ҷиноят, сӯиқасди ҷиноят, ҷиноятҳои хотимаёфта, давраҳои содири ҷиноят, пешгирии исқоти ҳамл ва қатъи ҳомиладории номатлуб ва ғайра бахшида шудаанд.

11. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ бар асоси таълимоти динии зардуштӣ ташаккул ёфта, ба арзишҳои инсонии иҷтимой, бахусус масъалаҳои оилавӣ, аҳаммияти махсус медиҳад. Мафҳумҳои марбут ба ташкили оила, ақди никоҳ, шартҳои бастани он, ҳуқуқу вазифаҳои аъзои оила, бекорсозии никоҳ ва фарзандхонӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии ин низом ба таври мушаххас танзим ёфтаанд. Авесто, ки ба ҳайси як манбаи муҳимми таърихӣ ва ҳуқуқӣ шинохта мешавад, ба масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ диққати ҷиддӣ дода, ҷанбаҳои гуногуни ин равобитро фаро гирифтааст, ки бо қонунгузории амалкунанда мувофиқ мебошанд. Аз ҷумла, шартҳои бастани никоҳ, бекор кардани никоҳ, якканикоҳӣ ва амсоли инҳо.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод истифода карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи маъмурӣ» «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи оила» ва ғайра истифода шаванд. Навгониҳои рисоларо ҳангоми таълими курсҳои махсуси «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ва «Ҳуқуқи кӯдак» низ матраҳ намудан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи

ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати муайян кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи таҳқиқшаванда асос ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳои ироашуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро бозгӯй менамоянд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳои ироашуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ баён гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва борҳо мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маърӯза дар конференсияҳои зерин ифодаи худро ёфтаанд:

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Рашт, 2021);

– конференсияи илмию амалӣ бахшида ба 26-солагии Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) – маърӯза дар мавзуи «Ниҳодҳои ҳуқуқӣ дар Вандидод» (Рашт, 2023);

– конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Низоми ҳуқуқии зардуштия ва арзишҳои башарии он» (Душанбе, 2023);

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Пешгирии кирдорҳои корупсионӣ ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ: вазъ ва дурнамо» – маърӯза дар мавзуи «Арзишҳои башардӯстии Вандидод» (Душанбе, 2024);

– конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» – маърӯза дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 17 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Инчунин, аз ҷониби унвонҷӯ 4 воситаи таълимӣ вобаста ба мавзуи мавриди назар ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва ё аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ВА ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ МУВОФИҚИ ВАНДИДОД

## 1.1. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва арзишҳои башарии он

Халқи тоҷик мисли дигар миллатҳои минтақа дорои таърихи қадим ва тамаддуни пурғановат буда, бо неруи созандагӣ ва эҷодкории худ дар байни ҷомеаҳои бостонӣ ҷойгоҳи хос ва эътибори баландро соҳиб буд. Бояд қайд кард, ки таълимоти ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, башардӯстона ва инсонмеҳвари мардуми тоҷик, инчунин анъанаҳои хулқу одоб, сиёсати давлатдорӣ ва фарҳанги идоракунӣ дар тули таърих аз ҷониби муаррихон, сиёсатмадорон ва ҳуқуқшиносон мавриди эҳтиром ва арҷгузорӣ қарор гирифтаанд. Таърих гувоҳ аст, ки халқу миллатҳо ба хотири бардавомӣ ва ҷовидон мондани таърих, фарҳанг, расму оин ва арзишҳои миллии хеш мубориза бурдаанд ва онро бо баҳои ҷони хеш ҳифзу ҳимоя намудаанд. Заҳмату талош ва саъю кӯшиши фарзандони фарзонаи миллат буд, ки мо тавонистем арзишҳои миллӣ ва таърихии ниёгони худро то андозае ҳифз намоем ва ба наслҳои минбаъда ба мерос гузорем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид иброз намудаанд: «Тамаддуни ориёӣ бо арзишҳои фарҳангиву ахлоқии хеш дар ташаккули тамаддуни башарӣ ва робитаи тамаддунҳо ва фарҳангҳо нақши бисёр муҳим бозидааст, ки осори таърихии бадастомада дар сарзаминҳои зисти мардумони ориёӣ ва дигар кишварҳо далели он мебошад. Арзишҳои мерос ва фарҳанги ориёӣ на танҳо ифтихори ворисони он, балки ифтихори тамоми башарият ва мероси таърихии башарӣ дониста мешаванд» [61, с. 4-6]. Қобили зикр аст, ки Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саргаҳи эҳёи ва муаррифии ахлоқу адаби ниёгон қарор дошта, ҷиҳати дастрасии миллат ба арзишҳои таърихии худ бо дастгирии молиявии нашри асарҳо, баргузор гардидани чорабиниҳои муҳимми фарҳангӣ ва миллӣ корҳои бузургеро ба сомон расонидаанд.

Андешаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои олимону пажӯҳишгарон ва тамоми қишрҳои аҳолӣ чун роҳнамо ба ҳисоб рафта, барои баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ ва худшиносии миллӣ замина мегузоранд. Аз ҷумла, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси ғании фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди баруманди замони худ шуда наметавонанд. Ашхоси аз решаву насаби хеш канда одатан аз хотироти таърихӣ, гузаштаи пурифтихор ва мероси фарҳангии миллати худ бенасиб монда, чун махлуқи худпараст, бемасъулият, бегонапарвар ба камол мерасанд ва гирифтори тафаккури ғуломона мегарданд» [65, с. 5].

Лозим ба ёдоварист, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ яке аз марҳилаҳои аввали ташаккулёбии ҳуқуқ ва давлатдории бостонии тоҷикон ба шумор меравад. Манбаи асосӣ ва бунёдии ин низоми ҳуқуқӣ китоби муқаддаси пайравони зардуштӣ – Авесто мебошад. Баррасии таълимоти ҳуқуқии Авесто, ки ҳамчун сарчашмаи аслии ҳуқуқи қадимии тоҷикон эътироф шудааст, барои дарки равандҳои ҳуқуқӣ ва сохтори иҷтимоии он давра аҳаммияти муҳим дорад [58, с. 13]. Авесто чун қомуси ҳуқуқӣ дар ҳаёти мардуми тоҷик нақши меҳварӣ дошта, тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути меъёрҳои он ба танзим дароварда мешуд. Меъёрҳои он мушкилоти муҳимми замони худро танзим менамуд, ки баъзеи он меъёрҳо то кунун дар низоми ҳуқуқии муосир амал менамояд. Он ҳамчун китоби муқаддас, ки аз шумораи зиёди мулоҳизаҳо иборат аст, тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти ҳаётии халқи кишварҳоеро, ки ба он паҳн мегардид, инъикос мекард [161, с. 29-30]. Ба андешаи Н.И. Бобоева, «дар ин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ меъёрҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки то андозае ҳуқуқи инсонро бо тамоми санъату

нозукиҳояш пешбинӣ намуда, мавриди танзим қарор медиҳанд ва ба замони қадима тааллуқ доштани онро маълум мекунанд» [160, с. 17].

Бар мабнои пажӯҳиши У.А. Азиззода, «меъёрҳои ҳуқуқии зардуштӣ дар заминаи дин ташаккул ва такмил ёфтааст, ки он то ҳадде низоми ҳуқуқии зардуштиро прогресивӣ намудааст» [158, с. 366]. Илова бар ин, ин низоми ҳуқуқиро аҷдодони мо дар ин сарзамини биҳиштосо солҳои сол мавриди корбурд қарор додаанд. Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода, «тамаддуни Эрону Турон, ки аз гавҳари ягонаи халқияти ҳиндуориёӣ мабдаъ мегиранд, бидуни ягонагии фарҳангӣ, динӣ ва забонӣ сараввал ҳамоҳангию монандиро дар паҳнои ҳаёти сиёсию ҳуқуқӣ доро буданд» [88, с. 24]. Ҷ. Саъдизода бо назардошти рамзҳои ҳуқуқи инсон ё рамзҳои адолат дар давраи муайян, санадҳои ҳуқуқии таърихӣ хулоса ва пешниҳодҳои худро ироа намуда, фарҳанги ҳуқуқиро дар аҳди зардуштиён ба таври амиқ баррасӣ намудааст [74, с. 204-211; 140, с. 109-113; 141, с. 61-62; 142, с. 65-66]. Бар асоси нигориши У.А. Азиззода, «фарҳанги зардуштӣ дар давлатдории тоҷикон нуфуз дошта, онро яке аз замонҳои тиллоии тоҷикон ҳисоб бояд намуд, зеро меъёрҳо ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муассир доштанд» [103, с. 236]. Ба андешаи муҳаққиқ, «низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар баробари дигар низомҳои ҳуқуқии ҷаҳони қадим ҳамчун дастоварди бебаҳои таърихии халқи тоҷик эътироф карда мешавад» [12]. Ягонагии дунёи Эрон ва Турон, ки қабл аз нузули Авесто дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дида мешуд, инъикоси худро дар ҳаёти ҳуқуқии онҳо ёфтааст. Воқеияти ягонагии усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳо аз ҷониби худоҳои об, хок, ҳаво, оташ, дар усулҳои мурофиаи ордалияи сард ва гарм (важи гарм ва важи сард) ҷаҳонбинию маънавиёти ҳуқуқии мардуми ориёиро исбот менамояд [90, с. 24]. Умуман, ҷиноят ва ҷазо дар давлатҳои қадим бо урфу одат, анъана ва меъёрҳои динӣ алоқаманд буд. Ба андешаи Р.С. Комилов, «гуноҳҳо дар он аҳд, асосан, ба се гурӯҳ ҷудо шуда баданд:

якум, айбу нуқсонҳои офарида нисбат ба офаридагон ё гуноҳҳои мазҳабӣ; дуюм, нуқсонҳои раият нисбат ба подшоҳ ё гуноҳони сиёсӣ; сеюм, нуқсонҳои афрод нисбат ба афроди дигар ё гуноҳҳои умумӣ» [44, с. 74-75]. Тамоми авзову аҳволи гунаҳгор ва навъи гуноҳашро дар содир намудани ҳукм ба эътибор мегирифтанд: байни ашхоси калону хурд ва касоне, ки аз содир намудани гуноҳ озод буданд ва аз рӯйи иродаашон амалеро анҷом додаанд [44, с. 74-75]. Ба онҳое, ки маҷбуран гуноҳ содир менамуданд, имтиёз дода мешуд, ҳатто байни ашхоси 7-8-сола ва ашхосе, ки аз 8 то 16-сола буданд, фарқ мегузоштанд. Ҷинси гунаҳгор низ ба эътибор гирифта мешуд ва ҷазои занон бо мардон тафовут дошт. Ба содиркунандагони гуноҳ 2 навъ ҷазо муқаррар шуда буд: сазои дунявӣ ва сазои ухравӣ. Гунаҳгор барои он ки руҳи худро аз ҷазои ухравӣ озод созад, бояд тавба намояд. Ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ дар замонҳои пеш низ мавҷуд буд, ки гунаҳгорон барои кирдори ҷиноятӣ ба муқобили олами ҳайвонот содиркардаашон ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешуданд. Масалан дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ баъзе ҳайвонот, ба монанди сагу асп ва дигар ҳайвоноти хонагӣ дар хизмати мардум буданд. Аз ин рӯ, касоне, ки ба озори ҳайвонот даст мезаданд, ҷазо дода мешуданд. Дар ин замина Авесто ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ меъёрҳои сершумори ҳифзи табиатро ба ҳам мепайвандад.

Ба андешаи Д.С. Раҳмон, «яке аз пайомадҳои муосири раванди ҷаҳонишавӣ ғарбӣ гаштани мазмуни қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ мебошад. Воқеан, имрӯз дар аксар низомҳои миллии қонунгузорӣ афзудани меъёрҳои намунаи ғарбӣ ба назар мерасад» [60]. Дар ҳамин маврид зикри ин андеша ҷолиби диққат аст, ки яке аз аввалин низомҳои ҳуқуқие, ки дар сарзамини таърихии тоҷикон (аз ҳазораи II то мелод то асри VII мелодӣ) мавриди амал қарор доштааст, низоми ҳуқуқии зардуштӣ будааст. Арзишҳо ва меъёрҳои динии зардуштӣ дар аҳди бостон бо суръати баланд на танҳо дар минтақаи таърихии тоҷикон,

балки кишварҳои ҳамҷавор ва тамаддунҳои қадима паҳн ва густариш ёфтааст. Ҳатто баъд аз ҳазор сол метавон баъзе оин ва суннатҳои таълимоти зардуштиро дар зиндагӣ ва муқаддасоти мардумони минтақаҳои гуногуни олам мушоҳида намуд. Илова бар ин, бар мабнои Вандидод, баъзе аз падидаҳо ва меъёрҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ аввалан ба низоми ҳуқуқии римӣ ворид шуда, баъдан бо шаклу шамоли ғарбӣ ба низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон мунтақил гардиданд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста аз зиёиён ва олимони кишвар даъват ба амал меорад, ки дастовардҳои таърихии халқамонро бештар тарғиб намоянд. Чунончи, мефармояд: «Вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷаҳон, ки буҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ таъсир мерасонанд, олимони ҷомеашиноси мо бояд дастоварҳои таърихии халқамонро бештар тарғиб намоянд...» [63, с. 5]. Авесто баландтарин афкори ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ маҳсуб шуда, бузургтарин дастовард ва мероси миллати тоҷик мебошад. Бинобар ҳамин ташкил кардани Маркази авестошиносии назди Ҳукумати ҶТ ба манфиати кор хоҳад буд.

Воқеан, Авесто ёдгории қадимии хеле нодири гузаштагони халқи мо маҳсуб мешавад, ки дар давраҳои муайяни таърихӣ танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба уҳда доштааст. Авестои ҷовидон масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро танзим намуда, дар ташаккули ҳуқуқи инсон ва низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ заминаи қавию устуворро гузоштааст.

Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, махсусан дар сарчашмаи асосии он – Авесто меъёрҳои ҳуқуқие ҷой доранд, ки онҳоро шартан бо дарназардошти пешрафтҳои замонавии илми ҳуқуқшиносӣ, метавон ба гурӯҳҳо ва соҳаҳои зерин ҷудо намуд:

1) меъёрҳое, ки дорои хусусияти давлативу ҳуқуқӣ мебошанд;

2) меъёрҳое, ки танзими равобити ҳуқуқи мааданиро таъмин мекунанд;

3) меъёрҳое, ки ба соҳаи ҳуқуқи оилавӣ дахл доранд;

4) меъёрҳои марбут ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва татбиқи ҷазоҳо;

5) меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба тозагии об ва истифодаи он бахшида шудаанд;

6) меъёрҳое, ки ба ҳимояи муҳити зист равона шудаанд;

7) меъёрҳое, ки муносибати инсонро бо ҷаҳони ҳайвонот ба танзим медароранд.

Қабл аз баррасии низоми ҳуқуқии зардуштӣ, зарур мешуморем, ки нахуст баъзе масъалаҳои хислати мафҳумидошта мавриди таҳлил қарор дода шавад. Дар ин ҷо дар мадди аввал ҳамон истилоҳи «низоми ҳуқуқӣ» меистад, ки дар асоси он низоми ҳуқуқии зардуштӣ ошкор карда шуда, моҳияти категорияҳои илмӣ, таносуби он бо ифодаҳои мушобеҳ муайян карда мешавад. Бар мабнои пажӯҳиши Д.С. Раҳмон, «ҳуқуқи зардуштиро ҳамчун низоми ҳуқуқӣ бояд эътироф кард, зеро ин низоми ҳуқуқӣ дорои сарчашмаҳои ҳуқуқи динӣ мебошад. Меъёрҳое, ки ҳуқуқи зардуштиро ҳамчун як навъи низоми ҳуқуқӣ муайян мекунанд, аз инҳо иборатанд:

1. Омили динӣ. Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ мазҳабӣ буда, ба мафҳумҳои неруи неку заковати Аҳура Маздо асос ёфтааст.

2. Омили таърихӣ. Ҳуқуқи зардуштӣ зиёда аз ҳазор сол дар даҳ давлати бузург амал намуд, ки Ҳахоманишиҳо, Сосониён аз зумраи онҳост.

3. Омили идеологӣ. Маъхазҳои ибтидоӣ ба ташаккули аломатҳои умумии низоми ҳуқуқии зардуштӣ мусоидат намудаанд, ки бозгӯкунандаи идеологияи дини зардуштист» [137, с. 9].

Дар илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ истилоҳоте мисли низоми ҳуқуқӣ, оилаи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳаёти ҳуқуқӣ, фазои ҳуқуқӣ ва ғ. истифода мешаванд [19; 30; 48; 72]. Моҳиятан, ин мафҳумҳо ба ҳамдигар то андозае муродифанд [63, с. 75], аммо тафовути мазмунӣ дар миёни онҳо ба мушоҳида мерасад. Бар мабнои нигориши Р.Ш. Шарофзода,

«низоми ҳуқуқӣ ин ҳуқуқи давлати ҷудогона мебошад» [78, с. 496-497]. Бинобар ин, низоми ҳуқуқӣ ва «низоми ҳуқуқии миллӣ» ҳаммаъно мебошанд. Д.С. Раҳмон нозукиҳои байни мафҳумҳои «низоми ҳуқуқ» ва «низоми ҳуқуқӣ»-ро ошкор намуда, вижагиҳои онро иброз намудааст. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки «низоми ҳуқуқӣ аз низоми ҳуқуқ тафовут дорад. Агар низоми ҳуқуқ сохтори соҳаҳои ҳуқуқро ифода кунад, низоми ҳуқуқи миллӣ дар шакли томаш фаҳмиши ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоиро дар бар мегирад» [63, с. 76]. Дар тақвияти гуфтаҳои боло З.Х. Зокирзода чунин менигорад, «оилаи ҳуқуқӣ» нисбат ба истилоҳи «низоми ҳуқуқӣ» васеътар буда, зинаи баландатарини зуҳуроти ҳуқуқиро касб намудааст [36, с. 22]. Ифодаи «оилаи ҳуқуқӣ» ба маҷмуи низомҳои ҳуқуқие ишора мекунад, ки аз лиҳози хусусиятҳои умумии ҳуқуқӣ ба як гурӯҳи воҳид тааллуқ доранд [63, с. 76]. Ин ягонагӣ дар заминаи умумият дар сохтори ҳуқуқӣ, манбаъҳои ҳуқуқ, соҳаҳо ва зерсоҳаҳои асосии он, инчунин фарҳанги ҳуқуқӣ ва суннатҳои ташаккулёфта ба вуҷуд меояд. Мафҳуми низоми ҳуқуқӣ ҳамчунин бо мафҳуми «ҳаёти ҳуқуқӣ» таҳлил мешавад. Масалан, ба андешаи А.В. Малко, «дар баробари мафҳуми низоми ҳуқуқӣ», мафҳуми «ҳаёти ҳуқуқӣ»-ро низ бояд ворид намуд». Айни замон, мафҳуми «ҳаёти ҳуқуқӣ» васеътар маънидод гашта, «низоми ҳуқуқӣ» чун унсури «ҳаёти ҳуқуқӣ» эътироф мешавад. Дар низоми ҳуқуқии Зардуштӣ вазъи ҳуқуқии диндорон нисбат ба дигар аъзоёни ҷамъият бартарӣ дошт. Тавре профессор А.Ғ. Холиқзода қайд мекунад: «Мувофиқи Авесто, узви комилҳуқуқи ҷамъият танҳо пайравони дини зардуштӣ ба шумор мерафтанд» [86, с. 73]. Муҳаққиқ дар ҷои дигар низ бо ҳамин мазмун чунин қайд мекунад: «... миёни меъёрҳои ҳуқуқии Авесто мафҳумҳои ҳуқуқие ҷой доранд, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии зардуштиёнро муқаррар менамоянд, ... вале ҳамзамон пайравони дини зардуштро нисбатан комилҳуқуқ меҳисобид» [86, с. 73]. Бояд гуфт, ки нахустин

манбаи ҳуқуқии тоҷикон Вандидод ҳамчун қисмати Авесто мебошад, ки ҳуқуқвайронкунӣ, ҷазо ва ҷавобгарии ҳуқуқиро танзим намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихи зиндагии Зардуштро ба ҳазораи II-и пеш аз мелод мансуб донистаанд [65, с. 32]. Ба андешаи Ҷ. Саъдизода ва Н.Ф. Сафарзода, «зиндагии Зардушт ва таълифи китоби Авесто таърихи зиёда аз 3500-4000-сола дорад» [75, с. 17]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, «китоби Авесто аз сӯи коҳинони маъбади зардуштӣ шифоҳӣ нақл мегардид, ки баъдан дар шакли китобат дар аҳди ҳукмронии сулолаи Сосониён расмиёт пайдо намуд» [39, с. 8]. Оид ба китоби Авесто бояд таъкид намуд, ки аз 21 наски он то замони мо ҳамагӣ 83000 вожа расидааст. Умуман, таркиб ва мазмуни Авесто аз инҳо иборатанд:

1. Вандидод асосан дар шакли муколамаи Зардушт ва Аҳура Маздо дастурҳои риояи покии расму оин, кафорати гуноҳон ва дастурҳои гуногуни мазҳабӣ ва унсурҳои асотириро дар бар мегирад, ки аз 22 боб иборат аст.

2. Виспарад фарогири ниёишҳо буда, аз 24 боб аст ва «карде» ном дорад.

3. Ясно дуоҳоеро дар бар мегирад, ки ҳангоми қурбонӣ ва ибодат, ҳамду сано ва даъватҳои литургӣ ба худоён хонда мешаванд. Он аз 72 боб таркиб ёфтааст, ки аз қадимтарин қисми Авесто маҳсуб мешавад.

4. Яштҳо таронаҳои ситоишӣ буда, дорои 22 суруд аст, ки ба худоёни гуногуни зардуштӣ бахшида шудаанд, ки дар онҳо унсурҳои асотирии зиёд мавҷуданд.

5. Авестои хурд чанд матни дуои кӯтоҳро дар бар мегирад.

Китоби Авесто, ки аз умқи таърихи бостонӣ то ба замони мо расидааст, танҳо қисмате аз маҷмуи матнҳои мазҳабии то замони мо ҳифзшударо ташкил медиҳад, ки дар замони ҳукмронии Сосониён таҳияву мураттаб гардидаанд. Худи Авесто аз панҷ китоб, қисматҳои ҷудогона ва тиккаҳои дигаре иборат мебошад, ки ҷузъи китоби Авесто

ба ҳисоб намераванд. Ясно муҳимтар ин ва аслитарин китобе ба ҳисоб меравад, ки аз матнҳо ташкил ёфтааст ва он ҳангоми иҷрои маросими ниёишу дуои дини зардуштӣ хонда мешавад. Ясно муҳимтарин ва аз қисматҳои асосии Авесто ба шумор меравад ва матнҳои он дар маросими ниёишу дуои зардуштиён хонда мешаванд. Он аз 72 фаргарди алоҳидаи дорои мазмуну муҳтавои мухталиф иборат мебошад. Бобҳои 28, 34, 43, 51, 53-ро готҳо, қисматҳои бештар пурарзиши маҷмуаи авестоӣ ва ҳамчунин суруду гимнҳои метрикӣ, ки ба худи Аҳура Маздо бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Аксари муаллифоне, ки ба таҳқиқу баррасии осори Зардушт машғуланд, суруду гимнҳои мавриди назарро ба худи паёмбари таълимоти зардуштия – Зардушт нисбат медиҳанд; Виспарад, ки ҷузъи мукаммалкунадаи Ясно дар шакли арзу дуо ва мурочиат ба «ратҳо» – худоёни намунавии таквину эҷод аст, ки аз 24 фаргард иборат мебошад;

Вандидод «Қонун ба муқобили девҳо» аз маҷмуаи иборат аз 22 фаргард ташкил гардидааст ва он, пеш аз ҳама, ба мавзуи вобаста ба қонуни покизагӣ ва талошу пайкор ба муқобили разилиҳову нопокиҳо бахшида шудааст;

Яштҳо 22 суруду гимнро дар бар мегирад, ки онҳо дар васфи Аҳурамаздо, Амешаспент ва йазатҳои (худоёни) мухталиф эҷод шудаанд. Яштҳо аз ҷиҳати сабку мазмун бо Ясно рақобат доранд;

Хурд Авесто – Авестои кучак маҷмуи дуову ниёишҳои рӯзонаи пайравони зардуштия мебошад ва онҳоро ҳам мӯбадони зардуштӣ ва ҳам шахсони одиву ғайримӯбад низ истифода менамуданд. Ин дуову ниёишҳоро бояд ҳар як пайрави дини Зардушт бидонад ва ҳангоми ибодат ба забон орад. Мазмуну муҳтавои он бо дигар бахшу қисматҳои китоби Авесто шабоҳат дорад. Ҳамчунин, доир ба ҷашнҳо, тақвим ва одоби пӯшидани либос маълумот медиҳанд. Қисмате аз дуову ниёишҳои аслии Авесто бо забони форсии миёна навишта шудаанд ва маъмулан Адурбаду Меҳрпасбандуро муаллифи ин дуову ниёишҳо медонанд.

Қисматҳои авестоии китоби мавриди назар панҷ ниёиши талифиқӣ (компилятивӣ), панҷ гот – ниёиши махсуси тамоми рӯз барои пайравони дини зардуштӣ, панҷ ниёишу дуои хосси язотҳо, чаҳор афринган – ниёишро дар бар мегиранд. Сироза – маҷмуи дуоҳои бахшиши ҳомиёну пуштибонони (худоёни) сӣ рӯзи моҳи тақвимии дини зардуштиро дар ду шакл, дар шакли ном дар ҳолати изофа (Сирозаи хурд) ва дар шакли тасрифии пасоянддор дар бар мегирад. Формулаҳои Сироза, ки ба таври умда аз Ясноҳо иқтибос шудаанд, ба таври зиёд дар Яштҳо ва Авестои хурд истифода ва корбурд мешаванд; Тиккаҳо – қисматҳои пароканда ва ба таври комил ҳифзнашудаи китобҳои авестоӣ ва ҳамчунин нақли қавлҳои Авестоӣ аз осору таълифоти банашррасидаи паҳлавӣ мебошанд.

Сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии зардуштӣ Авесто мебошад. Китоби мазкур аз аввалин сарчашмаҳои ҳуқуқие маҳсуб меёбад, ки дар он бевосита ба масъалаҳои гуногуни ба ҳаёти инсон, гиромидошти шахс, муносибати инсон ба муҳити зист, ҳайвонот ва ғайра таваҷҷуҳ шудааст. Имрӯз муносибати шабеҳи низомҳои ҳуқуқии баъзе кишварҳои англо-саксонӣ, романо-олмонӣ ва мусулмонӣ ба масъалаҳое, аз қабили исқоти ҳамл, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, розигии никоҳшавандагон, хариди гуноҳ, ҷуброни зарар ва амсоли инҳо далели бебаҳси он аст, ки дар ин гуна кишварҳо таъсири низоми ҳуқуқии зардуштӣ расидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки Авесто на танҳо китоби диниву мазҳабӣ, балки он яке аз қонунномаи ҳамон давр эътироф мегардад. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, «Авесто ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ дар қатори маросиму ибодатҳои динӣ ниҳодҳои ҷиноят, ҷазо, ҷавобгарӣ, ҳуқуқвайронкуниро инъикос менамояд» [40]. Дар таълимоти зардуштӣ нақши меъёрҳои динӣ калон мебошад, зеро асоси таълимоти зардуштияро меъёрҳои ҳуқуқии Авесто ташкил медиҳанд. Дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ сарчашмаҳои динӣ аҳаммияти бузургро ишғол намудаанд. И.Б. Буризода чунин менигорад, ки «ҷиноятҳо ба муқобили дин мавқеи асосиро дар таснифоти ҷиноятҳо ишғол менамуд» [164, с. 30].

Дар ин росто лозим ба таъкид аст, ки тавбаи баъзе гунаҳгорон, монанди касони аз мазҳаб рӯгардонда ё ашхосе, ки ҷасадро сӯзонидаанд, пазируфта намешуд ва гунаҳгор ҳам дар ин дунё ва ҳам дар он дунё сазовори ҷазо мегардид. Дар ҳудудҳои зисти тоҷикон то замони ҳукмронии Ҳахоманишиён маҷмуи васеи меъёрҳои динӣ амал мекард, ки танзими равобити иҷтимоиро таъмин менамуданд. Якҷоя бо меъёрҳои динӣ, қоидаҳои одатӣ ва суннатҳои миллии мардум низ нақши муассир дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ доштанд [13, с. 33]. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, оини зардуштӣ ҳамчун дини расмӣ дар давраҳои ҳукмронии сулолаҳои Ҳахоманишӣ, Ашконӣ ва Сосонӣ пазируфта шуда буд [45, с. 19]. Ин давлатҳо, бо такя ба арзишҳои иҷтимоии ин дин, ба рифоҳ ва устувории ҳаёти оилавӣ аҳаммияти хосса медоданд. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ овардаанд: «Империяи Сосониён, пеш аз ҳама, бо афзудани нуфузи дини зардуштӣ ва пуштибонии он шуҳрат ёфтаанд... Беҳуда нест, ки таърихнигори аҳди ислом Масъудӣ ҳикмати машҳури «тахт пояи меҳроб асту меҳроб пояи тахт»-ро ба Ардашери Бобакон нисбат медиҳад» [65, с. 66-67]. Масъалаи мазкур аз ҷониби М. Рашшод ҳам дастгирӣ шуда, чунин пешкаш шудааст: «Дар Эрон подшоҳони сосонӣ мазҳаби Зардуштро ба саросари мамлакат густарида ва ҳама табақотро бад-он кеш даровfamiliарданд...» [66, с. 5].

Дар фарҳанг ва тамаддуни зардуштӣ мақоми зан дорои аҳамияти махсус ва эҳтироми баланд буд. Занон дар баробари мардон ҳам дар заминаи ҳуқуқҳои моддӣ ва ҳам маънавӣ баробар ҳисобида мешуданд. Онҳо дар корҳои рӯзмарраи хонагӣ дар канори шавҳаронашон фаъолона иштирок менамуданд. Бозёфтҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки занони зардуштӣ соҳиби амвол ва дороиҳои шахсӣ низ будаанд.

Дар даврони шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён занон дар корҳои сохтмонии шоҳона мисли мардон иштирок доштанд ва барои меҳнати худ музди баробар ба мардон мегирифтанд. Фаъолияти асосии онҳо дар он давра бештар ба анҷоми марҳилаҳои охирини сайқалдиҳии нақшу нигорҳои сангин ва корҳои дӯзандагӣ рабт дошт. Қайд кардан зарур аст, ки занон ҳангоми ҳомиладорӣ ва ё баъди таваллуд аз кор озод мешуданд, вале ба онҳо кумакҳои иҷтимоӣ ва маводи зарурии рӯзгор дода мешуд.

Чизи ҷолиб он аст, ки дар баъзе муассисаҳои истеҳсолӣ занон на танҳо иштирокчии фаъол, балки дар мақоми роҳбар низ фаъолият менамуданд ва дар ҳолатҳои муайян мардон зери роҳбарии онҳо кор мекарданд. Дар баробари ин, занони хонадони шоҳӣ мақоми баландтар доштанд – онҳо ҳуқуқ доштанд, ки амволи бузургро ба ихтиёр гирифта, идора намоянд.

Дар матни муқаддаси Авесто ба пайравони оини зардуштӣ таъкид шудааст, ки аз беибоӣ, зино ва дигар рафторҳои ношоиста худдорӣ намоянд. Онҳо муваззаф буданд, ки ҳамеша иффат, покдоманӣ ва парҳезгориро ҳифз карда, аз ҳар амале, ки зидди ин арзишҳо бошад, канораҷӯӣ кунанд. Фарди зардуштӣ, пас аз расидан ба синни балоғат, уҳдадор буд, ки ҳамсари шоистаро интихоб намуда, зиндагии оилавиро бо эҳсоси муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати равонӣ оғоз кунад [151, с. 112-120]. Дар ин мафкура, оила ҳамчун падидаи муқаддас шинохта мешуд ва ҳар гуна хиёнат ба ҳамсар, аз ҷумла аз ҷониби зан, ҳамчун амали нангин ва ғайриахлоқӣ маҳкум мегардид. Дар чунин ҳолат, мард ҳуқуқ дошт, ки дар нисбати ҳамсари хиёнаткор чораҳои шадид, ҳатто ҷазои қатлро татбиқ намояд. Ҳуқуқи ҷиноятии бостонии тоҷикон низ ба нигаҳдошти арзиши оила аҳаммияти ҷиддӣ медод ва онро аз ҳар гуна ҳамла ё таҳдиди ҷиноятӣ муҳофизат мекард. Ба андешаи У.А. Азиззода, «дар таълимоти зардуштӣ фиреб додани духтари ҳанӯз шавҳарнакарда

ва ҳомиладор кардани ӯ яке аз ҷиноятҳои вазнин ба ҳисоб мерафт» [13, с. 33].

Яке аз ҷиноятҳои вазнине, ки дар таълимоти зардуштӣ зикр шудааст, муносибатҳои маҳрамонаи берун аз чорчӯби никоҳи қонунӣ мебошад, зеро ин таълимот муқаддасоти оиларо пояи ахлоқи ҷомеа медонист. Хусусан хиёнати зан ба шавҳар ҳамчун амалест, ки оқибатҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дошта, сахт маҳкум мешуд. Инчунин, исқоти ҳамл, новобаста аз он ки натиҷаи никоҳи қонунӣ буд ё ғайриқонунӣ, ҷинояти вазнин дониста мешуд ва бо муқаррароти сахт муҷозот мегардид [13, с. 50]. Вобаста ба исқоти ҳамл, дар Вандидод чунин оварда шудааст: «Агар зан бо розигии мард исқоти ҳамл кунад, яъне гуноҳи падари кӯдак [13, с. 50] ба гуноҳи куштани кӯдак баробар аст. Тибқи Вандидод, ҳам падар ва ҳам модар, субъекти ҷиноят эътироф мегардиданд. Ҷазо барои ин гуна кирдор ҳамчун одамкушӣ бо маслиҳати пешакӣ ҳисобида мешуд» [146, с. 52].

Қобили таъкид аст, ки дар таълимоти дини зардуштӣ бисёрзанӣ иҷозат дода намешавад. Тибқи меъёрҳои низоми ҳуқуқии ин дин, барои мард танҳо як ҳамсар ва барои зан танҳо як шавҳар дар як вақт иҷозат аст [151, с. 112-120]. Ин манъкунӣ бар пояи принсипи баробарии ҳуқуқии марду зан асос ёфта, нақзи он ҳамчун мухолифати ошкор ба ахлоқи динию иҷтимоии зардуштӣ арзёбӣ мегардад.

Агар мард дар ҳолати доштани ҳамсар кӯшиши гирифтани зани дуюмро кунад ва махсусан агар ин амал бе ризоияти ҳамсари аввал анҷом гирад, чунин рафтор ҳамчун поймолсозии ҳуқуқи зан ва амал бар зидди меъёрҳои муқаддаси динии он давра дониста мешуд. Дар зардуштия, зан ҳамчун мавҷуди олие арзёбӣ мешавад, ки аз ҷониби Аҳуро Маздо офарида шуда, дорои табиати пок ва ҳуқуқи комили инсонӣ мебошад. Вай, мисли мард, соҳибиирода ва масъули аъмоли худ шуморида мешавад.

Ҳамчунин, интихоби ҳамсар дар ин дин як амали озоди шахсӣ маҳсуб меёфт. Мардону занон ҳуқуқ доштанд, ки шарики ҳаёти худро мустақилона ва бо дарназардошти арзишҳои асосии таълимоти зардуштӣ – яъне ростӣ, покизагӣ ва адолат (мафҳуми «Ашо») – интихоб намоянд.

Соҳиби китоби «Зан дар ҳуқуқи сосонӣ» чунин баён медорад: «Дар оини зардуштия духтар дар интихоби ҳамсар озод буд ва мардеро, ки падараш барои ӯ таъин мекард, барои ба ҳамсарӣ қабул кардани ӯ маҷбур набуд. Агар мехост қабул мекард ва агар намехост на. Дар сурати напазируфтани интихобкардаи падар, падар ҳақ надошт, духтарро аз ирс маҳрум созад ва дигар намуди муҷозотро дар ҳаққи ӯ раво бинад» [45, с. 5].

Зикри ин нукта зарурист, ки ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ, ки дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, қадру манзалат, номус, шараф, эътибор ва номи нек зери хатар меафтанд, яке аз самтҳои муҳимми низоми ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов, «неъматҳои ғайримоддии зикршуда дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавқеи хосро ишғол менамоянд» [162, с. 5]. Ба андешаи ин муҳаққиқ, ҳимояи шаъну шарафи инсон аз амалҳое чун туҳмат, таҳқир ва дигар рафторҳое, ки ба арзишҳои маънавӣ латма мерасонанд, дар анъанаҳои ҳуқуқии таърихии мардуми тоҷик мавқеи калидӣ дошта, дар муқаррароти ҳуқуқӣ ба таври возеҳ танзим ва ҳифз гардидааст. Ин принсипҳо то имрӯз тавассути анъана ва мероси ҳуқуқӣ идома ёфтаанд.

Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ ба масъалаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Дар ин таълимот бисёре аз ҳуқуқҳои маънавии инсон дар шаклҳои мухталиф инъикос ёфта, барои ҳимояи онҳо механизмҳои ҳуқуқии муайян пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумлаи ҳуқуқҳои муҳимме, ки дар сарчашмаҳои қадима, хусусан дар Авесто пешбинӣ шудаанд, метавон ба ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба зиндагии

шоиста ва хушбахтона, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба интихоби озоди ҳамсар, ҳуқуқ ба моликият ва ҳуқуқ ба зиндагии орому осуда ишора кард [121, с. 31-32]. Ин ҳуқуқҳо дорои хусусияти табиӣ буда, ҳамчун арзишҳои маънавии инсон шинохта мешаванд. Ҳар гуна халалдор кардани онҳо метавонад боиси таъсироти ҷиддии ахлоқӣ ва равонӣ гардад [117, с. 121-128]. Бо истифода аз усули таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ, масъалаи ҳимояи инсон аз зарари маънавӣ дар шароити таърихии ташаккули ҳуқуқ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Таҳқиқи манбаъҳо нишон медиҳад, ки ҳатто дар давраи ташаккули низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар сарзамини тоҷикон, мафҳумҳои марбут ба ҳуқуқҳои ғайримоддӣ - аз қабили ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ва номуси инсон - дар асоси таълимоти динӣ ва ҳуқуқӣ ба таври возеҳ муайян ва ҳифз мегардиданд. Ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ, махсусан аз туҳмат, таҳқир ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар сарзамини тоҷикон ҳифз мегардиданд ва марҳила ба марҳила ташаккул ёфтаанд [161, с. 15]. Ба андешаи С.А. Раҷабзода, «дар марҳилаҳои гуногуни таърихи давлат ва ҳуқуқи халқи тоҷик падидаи товони зарар аз ҷиноят амал менамуд» [176, с. 50]. Воқеан, имрӯз зарурати омӯзиши ҷанбаҳои норавшан ва мураккаби мавзуъ дар низоми ҳуқуқии миллӣ дар равандҳои гуногуни таърихӣ ба миён омадааст. Тавре У.А. Азиззода менигорад: «Таҷрибаи мусбати он дар амалия ва қонунгузории замони муосири Тоҷикистон истифода шаванд, зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ барои пешниҳод намудани механизми миллии дилхоҳ падида лозим аст, ки диққати аввал ба таърих, фарҳанг ва дастовардҳои миллӣ дода шавад» [13, с. 50].

Давраи нуфузи фарҳанги зардуштӣ марҳилаи поягузории давлатдории тоҷикон ва оғози ташаккули падидаҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дар ин замон, ҷараёни таҳаввули меъёрҳои ҳуқуқӣ шуруъ гардида, онҳо барои танзими доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат мекарданд [103, с. 236]. Гарчанде ки он давра то ташаккули

комили низоми мукаммали ҳуқуқ ва соҳаҳои мустақили он ҳанӯз фосила дошт, аммо маҷмуи муқаррароти ҳуқуқии пароканда дар якҷоягӣ бо дигар меъёрҳои иҷтимоии амалкунанда, ба таври мутобиқ ба шароити замон, фаъолияти худро дар танзими равобити иҷтимоӣ амалӣ менамуданд [13, с. 19-20].

Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки бо роҳи азобу уқубати ҷисмонӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ зарари бо кирдори ҷиноятӣ расонидашуда ҷуброн карда мешуд. Бо рушд ёфтани ҷомеа, давлат ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҷазо ва шаклу усулҳои истифодаи он низ тағйир ёфтанд. Шаклҳои қадимаи ҷазо, ки хусусияти бераҳмона доштанд, кам истифода мешуданд. Бар ивази онҳо ҷазоҳое истифода мегардиданд, ки хусусияти моддӣ ва ҷубронкуниро доштанд. Ба ин гурӯҳ ҷазоҳо ҷарима, пардохти товони зарар, фидяҳо, ивази ҷазо бо фидяҳои пулӣ ё корҳои саҳроӣ, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва ғайра дохил мешаванд. Тавре Р.С. Комилов қайд менамояд: «Ҷазоҳои дунявӣ аз қатл, аз 14 то 17 тозиёна задан, занҷирбанд кардан, зиндон, заҳматҳои пурмашаққат фармудан, тамғазанӣ ва ғайра иборат буданд» [44, с. 74]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, «дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аксари маворид ҷазоҳои хусусияти молумулкидошта, ба монади ҷарима, мусодираи молу мулк, додани молу мулк ҳамчун товон ва амсоли инҳо татбиқ мегардид. Барои товони баъзе аз гуноҳҳо гунаҳгор мебоист фидя диҳад» [44, с. 72]. Мусодираи молу мулк дар ҳолати содир кардани ҷиноят таъин гардида, асосан ашёҳои зерин: ҳайвонот, асп, гӯсфанд ва монанди он иҷро мешуд. Профессор У.А. Азиззода низ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ мавҷуд будани ниҳоди мусодираи молу мулкро дастгирӣ менамояд. Тавре ки муҳаққиқон зикр мекунанд, низоми ҷазодиҳӣ дар давлатҳои замони зардуштӣ шаклҳои гуногуни ҷазоро дар бар мегирифт. Бар асоси таҳлили Вандидод, навъҳои ҷазо дар ин давра ба чанд категория ҷудо мешуданд: 1) ҷазои қатл; 2) ҷазоҳои ҷисмонӣ; 3) ҷарима ва пардохти

каффорат; 4) супоридани корҳои ислоҳӣ; 5) маҳдудсозии озодиҳои шахсӣ; 6) маҳрум кардани комили шахс аз озодӣ; 7) бадарға ва хориҷ намудан аз ҷомеа; 8) мусодираи амвол; 9) манъ кардани шахс аз машғул шудан ба касби муайян ё ишғоли мансабҳои хос [158, с. 369].

Дар мавриди аҳкоми қазо ё доварии Эрони куҳан дар китоби Абдуллоҳи Розӣ (Таърихи муфассали Эрон) оварда шудааст: «Шоҳ, назар ба ин ки раиси тамоми табақаҳо ҳисоб меёфт, ҳаққи қазоват дар кулли умури шомил аз ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи ҷазоӣ (ҷиноятӣ) ва ҳатто мазҳабиро дошта, дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон дар маҷлисҳои ошкоро додрасӣ мекардааст, вале муроҷиат ба подшоҳ аз умури одӣ набуда, барои ин мақсуд қузоти махсус муайян шуда буд». Ба назар меояд барои расидагӣ ба қазои сиёсӣ ва низомӣ ва ҳатто барои таҳқиқ дар баъзе масъалаҳои ҷазоӣ қозиҳои салоҳиятдор аз табақаи ғайрируҳониён интихоб мегашт, аз ҷумла шаҳрдовар (қозии шаҳр), родэрон (қозии Эрон), сипоҳдовар (қозии аскар) [44, с. 72]. Вале муроҷиати одии афрод, махсусан, дар масъалаҳои маданӣ ва мазҳабӣ дар назди қузоти руҳонӣ ба амал меомад. Фақат руҳониёне, ки расман ин самтро доштанд, дастаи махсусе дар ҳайати иҷтимоӣ буданд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии зардуштӣ падидаи шарикӣ дар ҷиноят ва такрори ҷиноят мавқеи хоссеро касб намуда буд. Шарикӣ дар ҷиноят ва такрори ҷиноят яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятии муосир маҳсуб мешавад, ки ҳазорсолаҳо пеш аҷдодону ниёгони мо аввалин шуда меъёрҳои мазкури ҳуқуқи ҷиноятиро маълум карда буданд.

Зимни ин, шахсияти иҷтимоӣ (фард) ва хонаводагии маҳкумшуда бар ин ё он ҷиноят ва кирдори зиддиҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт. Сарпарастони хурдсолон, ки ба тарбияти онҳо уҳдадор буданд, дар содир намудани гуноҳ ҷавобгарии ҳуқуқиро низ бар дӯш доштанд. Имрӯз низ масоили таълиму тарбияи кӯдак яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб шуда, доир ба он Қонуни ҶТ «Дар

бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни соли 2024, №2049 қабул гардидааст, ки падару модар, ҷомеа ва мактабро муваззаф гардонидааст, ки аз кирдорҳои зиддиҳуқуқии кӯдакон пешгирӣ намоянд, ҳатто барои кирдори содиркардаи фарзанд падару модар, ҷомеа ва мактаб низ масъулият ба уҳда доранд [7].

Ҳамин тавр, Вандидод ҳамчун қисмати меҳварии Авесто мебошад, ки дар зимни он навъҳои даъво, аҳкоми шаҳодат ва гуноҳҳои гуногун, ба монанди майлу ихтиёри зиёну ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ва гуноҳҳои хурдсолону ғуломон, аҳду паймон, доду гирифти тиҷоратии молу амвол, муносибат бо бегонагон, масъалаҳои ҳуқуқии роҷеъ ба зарару зиён, дину манфиат, моликият, далелҳо ва умури хонаводаро фаро мегирад.

Бо таҳлилу баррасии ин фасл метавон ба чунин хулоса омад:

1. Имрӯз муносибати шабеҳи низомҳои ҳуқуқии баъзе кишварҳои англо-саксонӣ, романо-олмонӣ ва мусулмонӣ ба масъалаҳое, аз қабили исқоти ҳамл, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, розигии никоҳшавандагон, хариди гуноҳ, ҷуброни зарар ва амсоли инҳо далели бебаҳси он аст, ки дар ин гуна кишварҳо таъсири низоми ҳуқуқии зардуштӣ расидааст.

2. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ бар мабнои Авесто асос ёфта, бисёр падидаҳои ҳуқуқие, ки дар низомҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва мусулмонӣ амал менамоянд, аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ сарчашма мегиранд, ба монанди якканикоҳӣ, розигии тарафайн дар никоҳ, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, ҷуброни зарар ё хариди гуноҳ ва амсоли инҳо. Ҷазоҳои ҷиноятӣ дар намуди қатл, ҷазои ҷисмонӣ, мусодираи молу мулк, ҷуброни зарар бо роҳи додани моликият (қисман ва ё пурра), бадарға аз ҷамъият ва ғ. дар Вандидод дарҷ ёфтаанд. Вале дар бештари ҳолатҳо ҷазоҳои ҷарима, мусодираи молу мулк, додани моликият ҳамчун ҷуброни зарар (харидани гуноҳ) ва ғ. мавриди корбурд қарор мегирифт. Ба мақсад мувофиқ аст, ки аҷдодону ниёкони мо барои муносибати бераҳмона нисбати ҳайвонот ҷавобгарӣ дар намуди харидани гуноҳ ё

кафорат татбиқ менамуданд. Аз ин рӯ, зарурати аз нав эҳёву барқарор кардани ниҳоди мазкур ба миён омадааст.

3. Дар таълимоти зардуштӣ ба мақоми зан таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардид. Занон ва мардон аз ҳуқуқҳои баробари моддӣ ва маънавӣ бархӯрдор буданд. Занҳо дар паҳлуи мардон дар корҳои рӯзмарра фаъолона иштирок менамуданд ва ҳуқуқи соҳиб шудан ба амвол ва моликияти шахсиро низ доштанд. Ҷолиб он аст, ки дар ҳолатҳои муайян занон метавонанд вазифаҳои роҳбариро дар сатҳи авлод ба уҳда гиранд ва масъулиятро дар умури ҷамъиятӣ бар дӯш кашанд.

4. Дар доираи низоми ҳуқуқии зардуштӣ, риояи баробарии ҳуқуқӣ миёни зану мард сахт таъкид мегардид. Мутобиқи ин таълимот, ҳам мард ва ҳам зан ҳуқуқ надоштанд, ки дар як вақт зиёда аз як ҳамсар дошта бошанд. Ин амал ҳамчун хилофи меъёрҳои баробарҳуқуқии динӣ арзёбӣ мегардид. Агар мард дар ҳоле, ки ҳамсар дошт ё бо мухолифати ҳамсараш, кӯшиши гирифтани зани дигар мекард, чунин рафтор ҳамчун нақзи оини зардуштӣ ва поймол кардани ҳуқуқи зан ҳисоб меёфт. Дар ин таълимот, зан ҳамчун мавҷуди озод, соҳибихтиёр ва дорои арзиши ахлоқӣ муаррифӣ мешавад, ки мисли мард дар назди Аҳуро Маздо ҷавобгар ва мустақил ба шумор меравад.

5. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар давраи як марҳилаи тулонӣ - аз ҳазораи дуюми то милод то асри VII милодӣ - дар қаламрави Тоҷикистони бостон амал мекард. Дар тули ин давра, муқаррароти ҳуқуқии зардуштӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тарзи ҳаёт ва ҷаҳонбинӣ дар байни мардуми тоҷик нақши муассир доштаанд. Ҳатто пас аз гузашти асрҳо, бархе аз арзишҳо ва боварҳои иҷтимоии ҷомеа то имрӯз реша дар таълимоти ин дин доранд. Дар баробари ин, дар қонунгузории муосири Тоҷикистон падидаҳои алоҳидаи низоми ҳуқуқии мазкур ба таври бавосита ҳам бошад, ба назар мерасад. Падидаҳои зиёди ҳуқуқи зардуштӣ ба низоми ҳуқуқии ғарбӣ дохил шуда, бо намуд ва

сурати ғарбиёна аз нав ба низоми ҳуқуқии мо пешниҳод мегарданд ва ҳамчун дастоварди тамаддуни ғарбӣ муаррифӣ мешаванд.

6. Дар низоми зардуштӣ шаби Ялдо ҷашн гирифта мешуд. Шаби ялдо дарозтарин шаби сол маҳсуб мешавад, ки ба 22 декабр рост меояд. Зардуштиён идҳои Тиргону Меҳргон ва Садаро ҷашн мегирифтанд, инчунин, ҷашни мазкурро низ дар баробари ин идҳо қайд менамуданд. Имрӯз низ идҳои Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада ҷашн гирифта мешаванд, ба истиснои шаби Ялдо. Ба хотири эҳё намудани таърихи гузаштаи худ ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани фарҳангу тамаддуни халқ қобили дастгирӣ аст, ки шаби Ялдо дар баробари дигар идҳо ҷашн гирифта шавад ва ҳамчун ид дар қонунгузорӣ сабт гардад.

7. Авесто, ки асари динӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ниёгони халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, саршори баландтарин афкори аҳлоқӣ аст. Омӯзиши он барои ҳар як нафар, бахусус ҳуқуқшиносон дарёфти як хазинаи бой ва ганҷинаи пурасрори меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, барои дарку фаҳми мазмуну моҳияти вожа ва ибораҳои Авесто ва истифодаи онҳо дар замони муосир пешниҳод менамоем, ки аз ҷониби олимон, пажӯҳишгарон ва авестошиносон фарҳанги истилоҳоти Авесто таҳия карда шавад.

8. Вандидодро қонуни зидди бадӣ унвон кардаанд, ки бешак дуруст аст. Он аслан ҳама гуна кирдори бадро маҳкум мекунад. Вандидод дар як вақт фарогири меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ҷиноятӣ, судӣ, оилавӣ, экологӣ ва ғ. мебошад. Аз ин лиҳоз, он дар маҷмуъ қонун ё кодекси соҳавӣ ё фарогири як соҳаи ҳуқуқ нест, балки меъёрҳои якчанд соҳа, аз ҷумла соҳаҳои зикргардидаро дар худ муттаҳид кардааст. Илова бар ин, дар Вандидод муқаррарот ё навиштаҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки шояд аз назари имрӯз ба табиати ҳуқуқи муосир созгор нестанд ё ин ки бахше аз онҳо бештар хусусияти ахлоқӣ ва динӣ касб кардаанд, дар ҳоле ки дар ҷамъияти бостонии он замон меъёрҳои пешрафта ва ба рӯзгори мардуми аҳди бостон муносибу созгор маҳсуб мешуданд. Бинобар ин, омӯзиши

онҳо барои таҳаввули назару фаҳмиши насли муосир нисбат ба ин сарчашмаи нодири ҳуқуқӣ ва бархӯрдор гаштан аз ҳикмати ҳуқуқии тамаддуни бостон як иқдоми муфид аст. Ба андешаи мо, имрӯз замоне расидааст, ки Вандидод ҳамчун китоби рӯимизии хизматчиёни давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судяҳо ба сифати намуна аз таърихи қонунэҷодкунии тамаддуни миллати тоҷик ба сифати унсури ҳатмӣ ва рамзи давлатдории бостонии тоҷикон роҳандозӣ гардад ва зинатбахши мизии кории онҳо қарор гирад.

## 1.2. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ

Дар китоби қадимии Авесто, мушаххасан дар қисмати Вандидоди он ҳанӯз шуруъ аз аҳди бостонӣ низоми таснифоти ҷиноятҳо ёд мешавад. Тибқи муқаррароти Вандидод, ҷиноятҳо вобаста ба самти таъсири онҳо ба чанд гурӯҳ ҷудо шудаанд: ба муқобили инсон, моликият, замин, об, муҳити зист, набототот, олами ҳайвонот, инчунин арзишҳои муқаддас ба монанди оташ, мазҳаб ва фариштагон. Гуноҳ ба сифати унсури муҳим ва қисмати махсуси ҷиноят дар китоби Авесто ҳамчун асос ва бунёди таъин гардидани ҷазо баромад мекунад. Барои мисол, дар фаргарди чаҳор, сатри сиву чори Вандидод чунин омадааст: «Дар сурати расонидани зарари ҷисмонӣ ба шахс, ки дар натиҷаи он аз бадани шахси зарардида хун ҷорӣ мешавад, шахси ҳуқуқвайронкунанда ва расонандаи зарари ҷисмонӣ ба панҷоҳ зарбаи шаллоқ ва панҷоҳ зарбаи бо чӯби адаб маҳкум мешавад» [10, с. 596]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, «вижагии ин намуди ҷазоҳо дар он хулоса мешуд, ки ба шахси содиркунии ягон амал гунаҳгоршуда ё гирифторшудаи ягон ҳолати аз рӯйи фаҳмиш ва ҷаҳонбинии он замон хавфи ҷамъиятидошта чораҳои маҷбурии давлатӣ истифода мегардид» [39, с. 10]. Аммо ҳамон гуна ки имрӯз дар замони муосир маъмул аст, дар замони барқарор будани фарҳангу тамаддуни зардуштӣ ҳам гуноҳи содиршуда бояд ба исбот мерасид. Дар таълимоти

зардуштӣ ҳар як амал ва рӯйдоди инсонӣ ҳамчун сабаби вокуниши аз ҷониби Худо ва мавҷудоти муқаддас арзёбӣ мегардад.

Бар пояи ин таълимот, агар шахс аз аҳд ва масъулиятҳои ахлоқӣ ва динӣ ифрот гардад – дурӯғ гӯяд, фиреб диҳад, аҳдшиканӣ кунад ва ё даст ба ҳуқуқвайронкунӣ ва кирдори ҷинояткорона занад – пас, ногузир бо ҷазои муқарраршуда дучор хоҳад шуд, худои Митро, ки ба кумаки Аҳура Маздо бояд иҷрои шартномаҳо ва рафтору кирдори одамонро назорат намояд, барошуфта мегардад ва шахсро барои шикастани қавлу паймон ва нишон додани рафтору амали номуносиб ба ҷазо гирифтор месозад. Дар яке аз фаслҳои Авесто зикр шудааст, ки модадев (як махлуқи шарр дар таълимоти зардуштӣ) эълон менамояд, ки бар фарзандоне, ки ба синни понздаҳ расида, вале анвои суннатии дини зардуштӣ – чун пӯшидани судра ва бастани куштӣ-ро иҷро накардаанд, таъсир ва нуфуз пайдо мекунад. Ибора чунин аст: «Пас, Дуруҷ (номи модадеви дурӯғгӯй ва паймоншикан) деви найранг боз посух дод: Эй Суруши порсои бурзманд! Чаҳорумин наринаи ман касест, хоҳ мард, хоҳ зан, ки пас аз понздаҳсолагӣ куштӣ (камарбанди махсуси зардуштиён) бар тан набандад ва судра (пероҳани махсус) напӯшад» [10, с. 596]. Ба андешаи С.А. Раҷабзода, «барои вайрон кардани шартҳои шартнома ва ғайриқонунӣ ба даст овардани моликияти бегона Авесто ду шакли ҷавобгарӣ: ҷарима ва ҷазои ҷисмониро муқаррар карда буд» [176, с. 50]. Дар қатори вайрон кардани аҳду паймон фиреб намудан ҳам тибқи Вандидод ба сахтӣ муҷозот мегардад. Ба андешаи У.А. Азиззода, «дар таълимоти зардуштӣ фиреб додани духтари ҳанӯз шавҳар накарда ва ҳомиладор намудани ӯ яке аз ҷиноятҳои вазнин ба ҳисоб мерафт» [13, с. 50]. Ба ақидаи З.Х. Зокирзода, «барои дурӯғ, фиреб, вайрон кардани аҳду паймон аз ҷазои мусодираи молу мулк, ҷарима ва ҷазоҳои ҷисмонӣ ба кор мебурданд» [38, с. 98]. Барои чунин кирдорҳо падидаи такрори ҷиноят амал мекард [40, с. 16]. Шахси гунаҳгор барои дурӯғ ва фиреб

додан муҷозот мегардид, агар чунин кирдорҳоро боз содир мекард, дар нисбаташ ҷазои сангин таъин карда мешуд.

Аз омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ, хусусан, китоби Авесто маълум мегардад, ки кирдорҳои пастзанандаи шаъну шарафи инсонӣ, аз қабили таҳқир ва туҳмат сахт маҳкум гардидаанд. Инчунин, дар ин сарчашмаҳо маҳкумнамоии фиреб ва дурӯғ, ки оқибатҳои манфии ҷамъиятию шахсӣ доранд, дида мешавад. Ҳарчанд дар қонунгузории кишвар кирдорҳои туҳмат, таҳқир ва фиреб мавриди танзим қарор гирифта бошанд ҳам, вале дурӯғ ҳамчун кирдори ҳуқуқвайронкунӣ ҳисобида нашудааст. Дар ҳоле ки зарару зиёни дурӯғ ба ҷомеа аз зарару зиёни туҳмат, таҳқир ва фиреб кам нест. Чунончи, қонунгузории ҷиноятӣ барои ҳифзи манфиатҳои давлатӣ нишондоди бардурӯғро ҷиноят эътироф кардааст, вале дурӯғеро, ки ба ҷамъияту шахсият зарар мерасонад, ҳуқуқвайронкунӣ намеҳисобад. Бояд иқрор шуд, ки дурӯғ метавонад дорои оқибатҳои манфии ҷамъиятиву шахсӣ бошад. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки бо эътирофи ин падидаи манфур – дурӯғ, ҳамчун кирдори ҳуқуқвайронкунӣ, барои он ҷавобгарии маданӣ муқаррар карда шавад.

Худованди Вод Ардаве Суре низ дорои чунин афзалияту салоҳият аст. Чунин бинишу тафаккури ҳуқуқиро мо дар марҳалаи хеле бостонии таърихи зардуштия мушоҳида ва ошкор месозем. Дар давраҳои баъдтар, ин ҳама неруи қувваҳои табиии муҳити атроф, ордалия дар намудҳои ҷазодиҳии важи гарм (оташ, оби ҷӯшон, металли гудохташуда) ва истифодаи оби сард (важи сард)-ро ба худ гирифт [34, с. 53]. Ҳамаи ин санҷиш ва намудҳои ҷазодиҳӣ бо мақсади муайян кардани гуноҳи содиршуда истифода шуда, воситаи ба исбот расонидани гунаҳкор будани шахс дониста мешуданд [86, с. 35]. Ордалия воситаи қадимии ба исбот расонидан бо такя ба имкони даъват намудани худоён барои ширкат дар ҳал намудани баҳсу мунозираҳо дар байни шахсон ва муайян намудани гунаҳкор будани шахс ба ҳисоб меравад [16, с. 336].

Ордалия яке аз принсипҳои ғайриақлии адолат ба ҳисоб рафта, барои ҳимояи шаъну шараф, эътибор ва ҳақиқат махлуқи бошуур ба суди табиат муроҷиат мекард. Онҳо мутмаин буданд, ки қувваҳои табиат харида ва фурӯхтанашавандаанд. Аз ин рӯ, суди табиат одилона ҳукм хоҳад кард [168, с. 58]. Гузаронидани санҷиши шахси гунаҳкор бо воситаи оташ, об ва дигар қувваҳои табиӣ ордалия номида мешуд; аз тарафҳои баҳсу мунозира даъват мешуд амалеро анҷом диҳанд, ки ба таври табиӣ анҷом додани он метавонист барои шахси мавриди санҷиш фоҷиабор тамом шавад. Вале бо хондани худоён, яъне хостани онҳо барои ширкат дар ҳалли муаммо натиҷаи эҳтимолии амали санҷишӣ безиёну зарар мегардид. Имтиҳон ва санҷиши шахси гунаҳкор бо оташ аз нигоҳ доштани дастон бар рӯйи оташ, гузаштан аз миёни оташи бузурги барафрӯхта бо дар тан доштани фақат як пироҳан (дар баъзе маврид бо мум пӯшида мешуд), ба даст гирифтан ва ҳамл намудани оҳани тафсон иборат буд. Равиши санҷиш тавассути об бо истифода аз оби сард ва ё ҷӯшон сурат мегирифт. Ҳангоми санҷидани шахси айбдор бо оби ҷӯш, дар зери оби ҷӯши зарф ҳалқаи махсус мегузоштанд, ки шахси гунаҳкор бояд бидуни ворид намудани зарар ба ҷисми худ, онро аз зери об ба берун меовард. Аснои гузаронидани санҷиши мушобеҳ бо истифода аз оби сард, шахсеро, ки бояд мавриди санҷиш қарор бигирад, бо дасту пойи баста ба оби сард меандохтанд, агар ӯ ба зери об мерафт, бегуноҳ ҳисобида мешуд, агар дар рӯйи об мемонд, дар ин сурат ӯ гунаҳкор шуморида мешуд. Мутобиқи сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ, «воситаҳои мухталифи ба амал баровардани ордалия ва истифодаи ашёҳои гуногун пешбинӣ шуда буданд» [96, с. 34]. Дар бисёр ҳолат ордалия дар шакли имтиҳон бо об истифода мегардид [13, с. 24].

Бояд хотирнишон сохт, ки мутобиқи қонуни Хаммурапӣ, ордалия вақте татбиқ мешуд, ки гуноҳи шахс ба исбот расонида мешуд, ҳарчанд бархе маврид бе исботи ҷурми шахс низ мавриди корбурди он нақл

шудааст. Чи тавре ишора шуд, бархе маврид ҳатто агар гуноҳи шахс исбот гардида бошад ҳам, ордалия истифода мегардид. Ба унвони мисол, метавон вазъиятеро зикр кард, ки агар зан аз хона берун мерафт ва дар баробари он амале содир мекард, ки боиси беобрӯ шудани шавҳараш ва вайрон шудани номи хонаводагӣ мегардид, пас ӯро ҷазои сахт – аз ҷумла, ордалия дар шакли ғарқ кардан дар об – интизор буд [42, с. 3]. Раванди мурофиаи судӣ таҳти роҳбарии мубади мубадон – коҳини олӣ, ки ҳам вазифаи давлатӣ ва ҳам ҷамъиятӣ дошт – сурат мегирифт. Аммо масъулияти асосии исботи ҳақиқат ба зиммаи худоён вогузор мешуд, ки он тавассути гузаронидани ордалия амалӣ мегардид [89, с. 32]. Дар робита ба ин мавзуъ, овардани як ривояти пурмазмун аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мақбул аст, ки дар он ҷараёни мурофиаи судии туҳмат ва усули исбот дар низоми қадимии ҳуқуқӣ равшан баён ёфтааст. Тибқи ин достон, Сиёвуш – писари шоҳи Эрон Кайковус – аз ҷониби Судоба – модарандараш, ба комҷӯӣ ва муносибати ғайриахлоқӣ муттаҳам мешавад. Бо мақсади собит кардани бегуноҳии худ, Сиёвуш бо пешниҳоди мӯбадон аз миёни алангаи оташ гузаронда мешавад. Ин амал ҳамчун усули исботкунии беғараз ва шаръӣ хизмат мекард, ки ҳадафи асосии он ҳифзи шараф ва эътибори шахсияти шоҳзода ва қасри шоҳӣ ба шумор мерафт [89, с. 386]. Дар айни замон, чунин тарзи амал нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ қудрати шоҳ ва ҳимояи обрӯи хонаводагии ҳукмронон чун арзишҳои асосӣ эътироф мешуданд ва онҳоро аз ҳар гуна туҳмату таҳдид ҳифз менамуданд [112, с. 38-39].

Чунин муқаррароти санҷишӣ дар боби «Шояст-нашояст» зикр шудааст. Аз ҷумла дар он омадааст: «Агар ӯ муртакиби гуноҳ шуда (яъне ҷиноят содир намуда бошад), худро сафед накарда бошад, ҳатто ин як қатра об ҳамон гуна ки рустаниҳо ба болои об мебароянд, чунон ба боло мебарояд, ки имкони (ворид шудан) ба биҳиштро ба ӯ намедиҳад» [187]. Далели чунин санҷишро, яъне санҷиш дар обро ҷаҳонбинӣ ва таълимоти зардуштӣ ба он асоснок медонад, ки об тибқи таълимоти Зардушт

унсури поку беолоиш маҳсуб шуда, ҳар чизи касифу нопокро аз худ берун меоварад. Дар қисматҳои хеле қадимаи китоби Авесто дар бораи ордалия сухан меравад ва ин гувоҳи он аст, ки ин оин дар таълимоти зардуштия дорои таърихи бостонист. Мутобиқи маълумоте, ки дар «Динкарт», наски 18 омадааст, боби «Сикатумнаск», асосан, ба масъалаҳои муртабит ба ордалия, яъне санҷиш ва ба исбот расонидани бегуноҳии шахси гумонбар бахшида шудааст.

Мутаассифона, ин қисмати китоби Авесто ҳифз нашудааст. Ҳошим Розӣ эҳтимол медиҳад, ки «дар ҷомеаи онвақтаи зардуштӣ, ҳадди ақал 30 намуди ордалия мавриди истифода қарор мегирифт» [92, с. 658]. Ғ.А. Холиқзода қайд менамояд, «дар давраҳои таърихии мухталифи Тоҷикистон, ба таври умда аз ду шакли ордалия истифода мешуд: ордалия бо истифода аз металҳои тафсон, ки онро ордалияи гарм меномиданд («важи гарм») ва ордалия бо истифода аз абзору олоти сард – яъне, об («важи сард»), шароби масткунандаи муқаддас – хаомӣ, барсам ва ё дигар навъи моеи заҳрогин» [86, с. 96; 148, с. 23-33]. Дар нусхаи ҳифзшудаи китоби Авесто, бинобар ба таъкиди Ҷ. Дӯстгоҳ, истилоҳи «важ» фақат дар бахши «Раштношта» (сатри 3 ва 6) ва Авестои хурд («Офаридгони гаҳанбор», сатри 9) зикр ёфтааст [32, с. 612]. Ба ғайр аз мавридҳои ёдшуда он дар ҳеҷ куҷои дигари китоб зикр нашудааст. Аммо дар дигар қисматҳои китоби Авесто низ дар бораи гузаронидани санҷиш ҳамчун яке аз тарзу равишҳои муайян намудани ҳақиқату ростӣ сухан меравад [148, с. 23-33]. Дар Ясно, дар готи 30 ва сатри 7 омадааст: «Ҳақиқат бо онҳоест, ки ба ту бовар доранд ва аз санҷиши оҳанин муваффақона берун меоянд» [10, с. 567]. Дар сатри ёдшуда, зоҳиран, сухан дар бораи рост ва ё дурӯғу козиб будани шаҳодати шахси санҷидашаванда меравад. Илова бар ин, дар манбаъҳои дахлдор дар бораи ордалия бо оташ – «важи оташ» маълумоти хеле нодир ба чашм мерасад; «Важи ниранг» низ ордалияи монанд ба ордалия бо оташ мебошад «Важи равған» як навъи дигари ордалия бо истифода аз

равғани зард ба ҳисоб меравад [32, с. 612]. Дар робита ба баъзе аз намудҳои ордалия факту маълумоти таърихӣ боқӣ мондааст (бо гузаштан аз миёни оташ мавриди санҷиш қарор гирифтани Сиёвуш дар асари Фирдавсӣ – «Шоҳнома» [83, с. 388] ва Адурбод, писари Меҳроспанд дар «Шояст ва нашояст» [187].

Қобили зикр аст, ки вафодору содиқ будану мондан ба қавлу қарору шартнома (ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ) аз хусусияту амалкардҳои пурарзишу гаронбаҳо дар миёни мардумони Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Аз нигоҳи таълимоти зардуштия, зери мафҳуми шартнома ё созишнома фақат ба имзо расидани санаду ҳуҷҷат дар назар набуд. Зери ин мафҳум арзишу пойбандии ахлоқиву маънавии шахсон ба иҷрову риоя намудани шартнома дар назар буд. Сарпечӣ намудан аз иҷрову риояи шартнома гуноҳ шуморида мешуд. Тасодуфӣ ҳам нест, ки яке аз худоёни муътабари пантеон бар асоси ривоёти зардуштӣ Митро – худои шартнома ё созишнома ба ҳисоб мерафт. Дар суруди «Митро» дар бораи худои ёвари он сухан меравад, ки дар «ҳама баландиҳо ҳамчун нозир нишастаанд, дар ҳама ҷо афродеро назорату мушоҳида менамоянд, ки қавлу аҳди худро риоят мешикананд. Одамон онҳоро мушоҳида намекунанд, вале ҳамин ки одамон барои аввалин бор шартномаро иҷро накунанд, онҳо шиносоӣ ва ҷудо карда мешаванд. Онҳо ҳар касеро, ки қавлу сухан мешиканад, дурӯғ мегӯяд ва шахсони ростину барҳақро озор медиҳанд», назорат мекунанд (Михр-яшт, 45) [9]. Номҳои теоферии муштақ аз номи Митро ҳамчунин дар остраконахвҳои Нисои қадимии даврони парфянии (асрҳои II-I то қабл аз мелод) ва дигар санадҳои бойгонии қалъаи Топраки Хоразми бостон) кашфу шиносоӣ шудаанд (асрҳои III-IV қабл аз милод). Аз нигоҳи маънои фишурдаи ҳуқуқӣ, шартномаро патимон мегуфтанд (давраи Эрони бостонӣ – райта-па). Дар яке аз маҷмуаҳои осори даврони паҳлавӣ бо номи «Китоб дар бораи Вирози барҳақ», ки нусхаи аслии он зоҳиран ба замони то асри якуми

қабл аз милод нисбат дода мешавад, дар бораи Вироз сухан меравад. Ҳамчунин нақл мешавад, ки гӯё ин паёмбари зардуштӣ замоне аз ҷаҳаннам дидан мекунад, дар он ҷо руҳи шахсеро мушоҳида менамояд, ки ӯро бо тиру сангу хок мавриди зарбу лат қарор додаанд ва тавре маълум мегардад, ин руҳи инсоне будааст, ки дар рӯйи замин дар бештари маврид уҳдадориву шартномаҳои ба зимма гирифтаи худро бо шахсони солеҳ ва гунаҳкор риоя намекардаст.

Мутобиқи навиштаҷоти зардуштия, «важ» як навъ ордалия маҳсуб мешавад. Ҳамчунин, дар китоби машҳури «Ардавирофнома» дар фаргарди 67 омадааст: «Вақте, ки вориди ҷаҳаннам шуд (Ардавироф), он гоҳ гӯшаи зиндон аз пой (сар ба замин) овезон буд ва ба чашмони ӯ меҳҳои оҳанин зада шуда буд. Пурсид, ки ин чӣ касест, ки ба чунин ҳол гирифтор шудааст? Ҷавоб доданд, ки ин тани шахсе мебошад, ки дар дунё ба ӯ бовар намуда, ба дасташ умури адлу инсофро супурда буданд. Ин шахс вазифаи худро дар муносибат бо мардум иҷро накард ва болотар аз он муртакиби гуноҳони зиёд шуд» [15]. Дар Вандидод мафҳуми шартнома яке аз мақомҳои бисёр муҳимму асосиро ишғол менамояд. Муҷассамсози шартнома, Митро дар фаргарди сеюм (III, 1) ба сифати яке аз худоёни муътабар таҷассум меёбад. Ҳамроҳ бо Митро (шартнома) дар Вандидот худоёни дуюмдараҷаи таҷассумкунандаи ду ҷанбаи адолат – Рашан (адолат) ва Сурӯш (итоату фармонбардорӣ) низ ҳузур доранд. Ба андешаи Ҷ. Саъдизода, Рашанро аксари муҳаққиқон фариштаи қазоваткунанда дар рӯзи қиёмат меҳисобанд [144, с. 79]. Муҳаққиқ дар асари бунёдии худ пешниҳод ироа менамояд, ки Рашанро дар кишвар ҳамчун рамзи адолати судӣ бояд эътироф намуд [74, с. 24]. Китоби муқаддаси Авесто ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ, мавҷудияти рамзҳои адолат бо номҳои Рашан ва Рашн, ки дар даст тарозуи тиллоӣ ва заррин дошта, корҳои нек ва бади одамонро бар он бармекашид; мавҷудияти пули ахлоқӣ ва мазҳабӣ бо номи «Чинвот», ки аз он руҳи

гунаҳкорон мегузарад; мавҷудияти рӯзи махсусе бо номи «рӯзи адолат» (додоҳӣ; мазолим), ки дар он подшоҳон ва ҳокимон ҳар касеро, ки худро мазлум ва ё ҳуқуқашонро поймол меҳисобанд, қабул мекарданд; қабули аввалин санади ҳуқуқи башар дар таърихи ҷаҳон – Эъломияи Куруши Кабир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки арзишҳои ҳуқуқӣ ва дастовардҳои низоми ҳуқуқии дини зардуштӣ моли тоҷикон мебошад.

Дар фаргарди чаҳорум шаш намуди шартнома бо дар назар гирифтани гарави онҳо (IV, 2-4) ва се шартнома бо дар назар гирифтани мавзуи шартномаҳо (IV, 44-45) мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ҳангоми ба имзо расонидани шартнома ва ҳам аснои санҷиш (ордалия) дар ҳолати вуҷуд доштани гумону риоя нашудани шартнома бо номи Митро адои қасам (адҷа) сурат мегирад (IV, 54-55). Адои қасам (адҷа) ва «санҷиш бо оби ҷӯшон» бояд дар ҳузури мардуми зиёд баргузор мешуд, то ҳеҷ кас натавонад мункири гирифтани амвол ё фиреби ҳамсояи худ шавад (IV, 46). Зардуштиён чунин анъана доштанд, ки дар вақти ба иҷро даровардани принсипи адолат дар ҳолатҳои вуҷуд надоштани шоҳид ва имкони исбот намудани гуноҳи шахси айбдоршаванда ба Худо рӯ меоварданд, ки ин худопарастии ориёиҳоро дар умқи таърих нишон медиҳад. Аз ин хотир, бо мақсади пешгирӣ намудани шахси бегуноҳ ва роҳ надодан ба ҳуқуқвайронкунӣ гуноҳи шахси айбдорро бо истифода аз унсурҳои табиат ба исбот мерасониданд. Чунин муқаррароти адолати худоӣ аз сӯи зардуштиён ба роҳ монда нашуда, балки он аз пешгузаштагон ба онҳо ба мерос расида буд. Дар хусуси он ки аснои баҳсҳои ҳуқуқӣ дар миёни мардумони мухталифи сокини қаламравҳои гуногуни Тоҷикистон (мисли аксари мардумони дигар) қасам хӯрдан ба номи худоёне, ки бештар мавриди парастиш буданд, маъмул буд, ба таври ғайримустақим ҳуҷҷатҳои Элефантин («папирусҳо»-и Элефантин)-и мутааллиқ ба соли 464 қабл аз мелод гувоҳӣ медиҳанд.

Бар асоси ривояти ин санад, хоразмие бо номи Даргамон – писари Харшин, ки дар гарнизоне дар ҷазираи Элефантин, воқеъ дар поёноби

дарёи Нил адои хизмат менамуд, бо як марди яҳудӣ, ки Махсей ном дошт ва дар гурӯҳи дигари гарнизони ёдшуда хизмат менамуд, бар сари соҳибият бар қитъаи замине вориди баҳсу даъвои молумулкӣ гардид. Дар натиҷа, Махсей ба номи Яҳва қасам хӯрд ва тарафи дигари баҳс, Даргамон аз чунин қасам хӯрдан қонеъ шуд: «Ту дар назди ман бо номи Йахо, яъне Яҳва худои қалъаи Элефантин дар бораи қитъаи замине, ки оид ба он дар пеши Дамидат ва ҳамкорони ӯ – судяҳо шикоят кардаанд, қасам хӯрдӣ ва онҳо туро ба номи Йаҳо қасам доданд, ки ин қитъаи замин аз Даргаман нест... Ту бо номи Йаҳо дар бораи ин қитъаи замин қасам хӯрдӣ ва қалби маро қонеъ гардонидӣ. Ман алайҳи ту ҳеҷ гуна даъво намекунам, на ман ва на духтари ман»... Дар баъзе маврид фақат қасам хӯрдан кофӣ набуд, аз ин рӯ, санҷиш, яъне ордалия гузаронида мешуд. Дар хусуси моҳият ва принсипи таъйин гардидани санҷиш бо истифода аз металли тафсон дар ривояти Адурбод – писари Меҳраспанд дар «Шояст ва нашояст» чунин омадааст: «Бигузор ӯ ҳамеша ва дар ҳар куҷо металли тафсонро розӣ нигаҳ дорад. Розӣ ва хурсанд нигоҳ доштани оҳани тафсон ин ба маънои тоза ва беолоиш нигоҳ доштани қалб аст ба гунае ки агар ба он оҳани тафсонро бирезанд, он намесӯзад. Адубард писари Меҳраспанд мутобиқан аз рӯйи чунин дастур амал намуд, бинобар ин, вақте ба тану қалби тозаи вай оҳани тафсони обшударо мерезанд, ӯ эҳсоси роҳату хушӣ менамояд, ки ба тану қалби вай гӯё шири поку муназзаҳро ором мерезанд. Аммо ҳангоме ки ба тану ҷони шахси гунаҳкор оҳани обшудаи тафсонро мерезанд, онҳо тоқат накарда, месӯзанд ва ҳалок мегарданд. Бигузор, шахс аз тарси ба танашон рехтани оҳани обшудаи тафсон муртакиби гуноҳ нагарданд, эҳсоси тарсу ваҳшат намоянд, зеро он боиси сӯхтан ва марги онҳо мешавад» [187].

Ҳамин тавр, ин манбаъ зимни кушодани моҳияти оҳани тафсон ҳамчун унсури илоҳии дорои имтиёзҳои адолатпарварӣ ва судӣ, ба кор

бурдани ордалия, яъне санҷиши шахси гунаҳкор бо истифода аз оҳани ҷӯшонро ҷанбаи қонунӣ мебахшад. «Зеро оҳани тафсон, қайд мегардад дар манбаи мавзкур, ба монанди (Шаҳривар дар рӯйи замин) аст» [187]. Оҳани тафсон ҳамчун яке аз унсурҳои калидии усули исбот дар мурофиаи судӣ истифода мешуд ва дар ҳолатҳои муайян ба сифати василаи муҷозот низ хизмат мекард. Шахсоне, ки гумонбар ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ буданд, дар ҷараёни ордалия – яъне озмоиши илоҳӣ – мавриди озмоиш қарор гирифта, дар сурати гунаҳгор дониста шудан, ба ҷазо дучор мегардиданд. Аз ордалия, санҷиш ҳам ҳангоми муқаррар гардидани гунаҳкор будани шахс ва ҳам аснои додани шаҳодат тавассути шахси гумонбар истифода мешуд. Намудҳои гуногуни ордалия бахше аз раванди таҳаввули низоми ҳуқуқӣ дар ҳар як ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз қасам хӯрдан, намудҳои гуногуни ордалия дар давронҳои бостонӣ «дар сурати вуҷуд надоштани дигар роҳу василаҳои башардӯстона барои ба исбот расонидани гунаҳкор будани шахс мавриди истифода қарор мегирифтанд» [8, с. 104]. Бо ҳам мутобиқат доштани таҷрибаи истифодаи ордалия дар миёни мардумони мухталифи ҳиндуаврупоӣ, эҳтимоли вуҷуд доштани чунин таҷрибаи мушобеҳ дар байни мардумони Осиёи Миёнаро таъйид мекунад. Пеш аз ҳама, дастуроте, ки дар Вандидод дар бораи чигунагии наҳваи баргузории ордалия ба ҳангоми қасамхӯрӣ зикр шудааст, диққатро ба худ ҷалб менамояд: агар мехоҳанд ӯро мавриди санҷиш қарор диҳанд (яъне шахси гунаҳкорро), бигузор ба ӯ барои нӯшидан оби ҷӯшони дорои гӯгирд ва тилло диҳанд ва ӯ баъди ин қасам хӯрдани худро ба номи Рашан ва Митро такрор мекунад. Агар дар натиҷаи гузаронидани санҷиш, яъне ордалия нисбат ба шахси гумонбар маълум шавад, ки ӯ қасдан дар баробари оби дорои кислота ва тилло, ки ҳамаи асли матлаб ва ҳақиқатро медонад, яъне дар баробари Рашан ва Митро шаҳодати

дурӯғ медиҳад, дар ин сурат ҷазои сахт ӯро интизор хоҳад буд: ҳафтсад зарба бо тозиёнаи асп ва ҳафтсад зарба бо қамчин.

Дар робита ба аҳди бостонии Юнони қадим, Флавий Филострат ин гуна ривоят кардааст: «Дар наздикиҳои Тиана, чашмае ҳаст, ки он ба худои масъули риояту иҷрои қасам Зевс тааллуқ дорад ва он Асбамей номида мешавад: ҳарчанд оби чашма сард аст, аммо мисли оби пурталотуми зарфи ҷӯшон аст, хӯрдани оби чашмаи мазкур барои шахсоне, ки қасам намешикананд, бисёр ширину хуштамъ аст. Аммо шахсони қасамшиканро ҳангоми расидани об ба сару рӯй ва дасту пойю баданашон ҷо ба ҷо ҷазо медиҳад; ба касалии сил ва обхӯрак гирифторашон мекунад. Ҳамин тавр, шахсони бадкор наметавонанд аз назди об фирор намоянд, дар назди об азияту азоб дида, дар назди об эътироф мекунанд, ки ҳангоми санҷишу пурсиш шаҳодати дурӯғ додаанд» [32, с. 234].

Дар «Дхармашастра»-и қадимаи ҳинд тавсия мешуд, ки ба шахси гунаҳкор бояд «се қатра об дода шавад. Ин об ҳангоми иҷрои маросими парастишу ниёиши худое, ки шахси гумонбар онро мепарастид, бо дами худоён муқаддас гардонида мешуд. Агар бо ин шахс дар давоми ду ҳафта баъд аз ин санҷиш, нохушие рух медод, ин натиҷаи фошсозии худо қаламдод мешуд» [23, с. 56].

Ба ғайр аз ордалия, яъне санҷиши тавассути об, дар ривоятҳои зардуштӣ дар бораи истифода шудани ордалия бо истифода аз миси тафсон таъкид мешавад, ки он ба қисмати синаи кушодаи шахси гумонбар рехта мешуд. Дар хусуси вуҷуд доштани таҷрибаи гузаронидани ордалия дар марҳалаҳои мухталифи даврони Сосониён манбаъҳои чинӣ хабар медиҳанд: нисбат ба шахсоне, ки ба даст доштан дар шӯришу қиём гумонбар дониста мешуданд, оҳани ҷӯшон ба забонашон расонида мешавад, агар дар натиҷаи ин кор дар қисмати забоне, ки мавриди санҷиш қарор мегирифт, ҷароҳати сафед пайдо шавад, маънои онро дошт, ки ҳақ ба ҷониби шахси гумонбар аст, агар

расонидани оҳани ҷӯшон ба забони шахси санҷидашаванда боиси пайдо шудани ҷароҳати сиёҳ дар он гардад, дар ин сурат шахси гумонбар гунаҳкор шуморида мешавад. Зоҳиран навъи ордалияи ба ин монанд, аммо нисбатан на он қадар сахт, боз ҳам дар «Дхармашастра» ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи он, шахси айбдоршаванда бояд дар кафи дасти худ қитъаи оҳани тафсонеро, ки болои он бо баргҳои дарахти ашвадха пӯшида шуда буд, то масофаи муайян интиқол медод. Муҳокимаи ба ин монанди додгоҳӣ, дар тамоми дастуроту муқаррароти ҳуқуқии қадимии миллатҳои гуногун ба назар мерасид. Қонунҳои «Ману», «Хаммурапӣ», «Ҳақиқат» («Ҳақиқати рус», «Ҳақиқати Солидӣ», «Ҳақиқати Полша», «Маҷмуаи сербии Стефан Душан») меъёрҳои зиёди ба ин монанд вуҷуд доштанд.

Бо таҳқиқи мавзуи мавриди назар, метавон ба ин нукот ишора намуд:

1. Ба кор бурда шудани ордалия ҳамчун яке аз василаҳои муайян намудани дурустии нишондод, шаҳодат, ҳақиқат ва адолат дар раванди муҳокимаи судӣ бо ҳидояти Рашан – фариштаи адлу ростӣ аз таркибу ба ҳам пайвастагии муҳокимаи судии дорои унсурҳои илоҳии мардуми тоҷик дар даврони тамаддуни зардуштӣ хабар медиҳад.

2. Раванди судбарии давраи ҳукмронии таълимоти зардуштӣ бар пояи ҳамбастагии қавии меъёрҳои ҳуқуқӣ бо боварҳои динӣ ва мазҳабӣ ташаккул ёфта буд. Дар ин замина, принсипҳое ба вуҷуд омада буданд, ки мурофиаи судиро роҳнамоӣ мекарданд ва бархе аз онҳо то имрӯз низ аҳаммияти назаррас дошта, дар таҷрибаи ҳуқуқии муосир мавриди истифода қарор мегиранд. Ба ин принсипҳо тааллуқ дошта метавонанд: 1) истиқлолу озодӣ, мувофиқи Рашан яшт, дар сатри 1.2. Ба пурсиши Зардушт дар бораи: «Муайянкунандаи асливу ростини ҳақиқат аз каҷиву нодурустӣ кист?» – Аҳурамаздо чунин посух медиҳад. «Мустақил будани судя дар нақши фариштаи худо Рашан, ки новобаста аз инсон вазифаҳои дар баробари суд қарордоштаро иҷро мекунад».

Шакли ғайриратсионалии муҳокимаи судӣ ордалия мебошад, ки ҳангоми анҷом додани он тарафҳои муҳокима дар муқобили хатарот дар мавқеъияти баробар қарор мегиранд ва ин мустақилияти мутлақ ва мустақил будани судяро нишон медиҳад; 2) принсипи объективӣ будани судя дар ҳолатҳои зарур будани муқаррарсозии ордалия.

3. Маросими анҷом додани ордалия дар кишварҳои бостонии Осиёи Миёна ба расму суннатҳои халқу мардуми ҳиндуаврупоии дигар наздик буд. Албатта, бояд хотирнишон сохт, ки ордалия ҳамчуни шакли ба исбот расонидани гуноҳ ғайриратсионалӣ ва ғайри қобили қабул аст. Бо дарназардошти сатҳи ташаккули тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ва марҳилаи инкишофи воситаҳои исботи ҳақиқат дар мурофиа, метавон хулоса кард, ки чунин равандҳо ба зеҳнияти мурофиавии ибтидоии мардумони он давра мувофиқ буданд. Дар тули таърих, таҷрибаи ордалия садсолаҳо дар давлатҳои гуногуни Аврупо ба таври амалкунанда боқӣ монд, ки намунаи он дар «Ҳақиқати Солическ» ва «Ҳуқуқи Саксонӣ» мушоҳида мешавад. Агар ин навъи тафаккур ва усулҳои амалкарди ҳуқуқӣ ба таври амиқ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шаванд, равшан хоҳад шуд, ки онҳо бо баъзе унсурҳои низоми муосири ҳуқуқ муқобилат надоранд ва дар баъзе ҳолатҳо метавонанд ҳамчун заминаи таърихии ташаккули равандҳои ҳозираи мурофиавӣ арзёбӣ шаванд. Худи вогузории вазифаи муайян кардани гунаҳкор ва бегуноҳ будани шахс ба неруҳои дигар, аз бисёр ҷиҳат ба хоҳиши афроди даврони бостон барои ба таври объективӣ ва бетарафона ҳал намудани баҳсҳои додгоҳӣ алоқаманд аст. Инсоният имрӯз ҳам ба сӯи чунин ҳалли объективӣ ва бетарафонаи масъалаҳои додгоҳӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ талош дорад. Мутаассифона, имрӯз дар шароити кунунӣ низ ҳангоми баррасии масъалаҳои мазкур мушкилоти мубрами зиёде вуҷуд доранд. Вале ин мавзуъ метавонад дар оянда дар меҳвари таҳқиқоту пажӯҳишҳои махсус қарор бигирад.

# БОБИ 2. ТАСНИФОТИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ВА ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ МУВОФИҚИ ВАНДИДОД

## 2.1. Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ

Нуздаҳумин наски Авесто Вандидод маҳсуб меёбад, ки дар худ падидаи ҷазо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ғайраро фаро мегирад ва барои мо тоҷикон, омӯзиш ва таҳқиқ намудани паҳлуҳои он қарзи виҷдон аст. Авесто яке аз қадимтарин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мардуми Шарқ, махсусан форсҳо ба шумор меравад, ки он аз ҷониби Зардушт таълиф гардидааст. Б.Ғ. Ғафуров чунин менигорад: «Авесто муҳимтарин ва ягона маъхаз барои равшан намудани таърихи қадимтарини эрониёни шарқӣ, яъне мардуми Осиёи Миёна, Афғонистон ва он қисмати Эрон, ки дар шафати Осиёи Миёна воқеъ гардидааст, маҳсуб мешавад» [27, с. 72].

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон, «Нахустин Қобусномаи ҷаҳон, нахустин китоби зарнавишти дини мукаммали олами мутамаддин, нахустин ҳамосаву сурудаҳои беқаринаи ҳазорсолаҳои дур – Авестои ҷовидона – дигар дар қолаби сарҳадҳои кучак намеғунҷад, зеро ҳама гуна садду монеа ва ҳудудҳои сунъиро шикаста, кайҳо ба уқёнуси тамаддуни ҷаҳонӣ омезиш ёфтааст» [65, с. 40-41].

Бо омӯзиш ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии Авесто метавон хулоса кард, ки ҳанӯз дар гузаштаи дури таърих шаклҳои ҷиноят тасниф карда шудаву барои ҳар ҷиноят ҷазои созгор муқаррар шуда буд. Чунончи, падидаҳои ҳуқуқие чун ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҳукми қатл ва маҳдуд кардани озодӣ барои низоми ҳуқуқии зардуштия бегона набуданд. Ба андешаи И.Ҳ. Бобоҷонзода, «падидаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ дар ин давраи рушди ҷомеа хусусиятҳои хоси худро доштанд» [118, с. 203]. Муҳаммад Рашшод ҷазоҳои ҷиноятии ин давраро ба динӣ, сиёсӣ ва шаҳрвандӣ ҷудо мекунад [69, с. 123]. Ҳатто дар ҳуқуқи зардуштӣ, мувофиқи Авесто, ҷиноятҳо ба

муқобили дин дар ҷойи аввал меистод [22, с. 30; 126, с. 220-229]. Ҷиноятҳо ба муқобили дин дар ҳамаи таснифоти ҷиноятҳо гурӯҳи асосиро ташкил менамояд [13, с. 36-38]. Ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод дар ҳуқуқи мусулмонӣ низ мавриди эътироф ва ҳифз қарор дода шуда буд [126, с. 220-229]. Дар Тоҷикистони таърихӣ озодии виҷдон ва эътиқод ба таври махсус эътироф гардида, ҳифз карда мешуд. Бинобар сабаби ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ бештар хусусияти динӣ доштанд, яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон маҳз ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод ба ҳисоб мерафт [35, с. 85].

Ба ақидаи таърихшиносон ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, ҳанӯз дар давраҳои қадим намудҳои гуногуни ҷиноятҳо тасниф гардида буданд, ки зиёда аз 500 намуди он ба мо маълум гардидааст [29, с. 116].

Дар масири таърихи тоҷикон, Вандидод ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқии қадимаи ҳуқуқи зардуштӣ ва кодекси алоҳида амал мекард. Аз нигоҳи ҳуқуқи муосир, ин маъхаз бо сабаби он ки дар он меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ оварда шудааст, қобили таваҷҷуҳ гардидааст. Дар Вандидод меъёрҳои ҳуқуқии мухталиф, аз қабили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ, молиявӣ, экологӣ ва судӣ мавҷуд мебошад [86, с. 334]. Таркиби истилоҳоти ин манбаъ чунин аст: «дод» – қонун, «дев» ё «девҳо» – қувваҳои бад, ки умуман ҷинояткорӣ ва мубориза бар зидди қувваҳои бадиро ифода менамуд [24, с. 21-22].

Дар байни меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод меъёрҳои ҳуқуқи экологӣ ва ҳифзи олами ҳайвонот мавқеи махсусро ишғол намудааст. Стандартҳои экологӣ дар тамоми бахшҳои Авесто вомехӯранд, вале механизмҳои ҳифзи муҳити зист бештар дар Вандидод оварда шудаанд.

Муҳаққиқон хусусиятҳои ин сарчашмаро тавсиф намуда, қайд мекунанд: «Вандидод як навъ китобест, ки ба кодексҳои динию ҳуқуқӣ, тандурустӣ ва экология бахшида шудааст, яъне он қадимтарин маҷмуаи қонунҳои муҳофизати саломатии инсон ва муҳити зистро ифода мекунад» [54, с. 282]. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода ва Н.А. Холиқов,

«меъёрҳои экологӣ ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки муҳити зистро ҳифз мекунанд, дар дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ низ ҷой доранд, вале дар байни онҳо меъёрҳои дар Авесто мавҷудбуда ва аз номи худи Офаридгор ифода ёфта, нақши калидӣ мебозанд» [153, с. 20].

Дар Вандидод ҳам дар бораи мавҷудияти чунин ҷазоҳо ишорат мешавад. Дар фаргарди 10-и Вандидод гуфта мешавад, ки «амали шахсе, ки маҳкумро аз зиндон озод менамояд, ба амалҳои одаме баробар карда мешавад, ки пӯсти касро канда мегирад ва сари ӯро аз тан ҷудо менамояд, яъне ба одамкушӣ баробар карда мешавад» [110, с. 92-101; 123, с. 29-43]. Дар замони ҳукмронии подшоҳ Аршак шахсоне, ки муҷримонро паноҳ медоданд, бояд баробари онҳо кушта мешуданд, хоҳ онҳо мӯбади мӯбадон бошанд, хоҳ остонадор [39, с. 13]. Ба ашхосе, ки ҳукмро ба ҷо меоварданд, шоҳ молу мукофот ваъда менамуд. Аз ин гузашта, ӯ мусодираи молу мулки гунаҳгорон (ҷинояткор)-ро ба фоидаи хазона муохаза менамуд [38, с. 13].

Ба андешаи У.А. Азиззода, «дар давраи зардуштӣ сараввал аксуламали ҷомеаро ба кирдорҳои зиддиҳуқуқие, ки ба ин ё он объекти ҷамъиятӣ зарари муайян мерасонд, мефаҳмонд, сипас бо пайдоиш ва ташаккули сохтори давлатӣ падида шакли ҳуқуқиро гирифт» [13, с. 60]. Назарияҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар китоби Авесто зикр ёфтаанд. Авесто аз 21 қисм иборат буда, то замони мо 5 қисми он боқӣ мондааст, ки ҳар яке аз ин қисмҳо ба масъалаҳои гуногуни падидаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудаанд. Чунончи:

– «Ясно» – муноҷот;

– «Вандидод» – маҷмуи амрҳои динӣ;

– «Виспарад» – он дуоҳоеро фаро мегард, ки дар ситоиши Яздон ва ниёиш ба даргоҳи он хос буда, ҳангоми тоату ибодати зардуштиён тиловат мегардид;

– «Яштҳо» – суруди муқадасси маъбудони зардуштӣ;

– «Хурд Авесто» – дуоҳо.

Вандидод қисмате аз Авесто буда, ҳамчун қонунномаи асосӣ дар оини зардуштӣ маҳсуб мешавад. Вандидод ҳамчун қонунномаи зидди қувваҳои бадӣ фарогири меъёрҳоест, ки онҳо на танҳо хусусияти ҳуқуқӣ, балки динӣ ва ахлоқӣ доранд. Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки меъёрҳои Вандидод дар он рӯзгор бо маҷбурсозии давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъмин мешуданд. Аз ин рӯ, хусусиятҳои ташаккули ҳаёти иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва сиёсӣ дар тамаддуни таърихии тоҷикон, инчунин сатҳи шуури ҳуқуқии ниёгони мо дар даврaҳои бостон, дар ин манбаъ ба таври равшан инъикос ёфтаанд. Дар Вандидод муқаррароти зиёде ҷой дорад, ки аслан ҷанбаи ахлоқӣ ва динӣ дошта, аз нигоҳи ҳуқуқшиносии муосир шояд чандон пазируфта нашаванд. Новобаста ба ин, дар ҷомеаи бостон меъёрҳои зикргардида ҳамчун шакли ибтидоии рӯзгор ва тарзи зиндагии мардум ва меъёрҳои барои ҷомеаи ибтидоӣ мувофиқ шуморида мешуд. Ба ибораи дигар, сарфи назар аз хусусияти қадимии худ, меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод дар он замон ба таври муассир танзими равобити иҷтимоиро таъмин намуда, пайравони оини зардуштӣ онҳоро ҳамчун дастуроти ҳатмӣ пазируфта, бо садоқат риоя мекарданд. Маҳз дар ҳамин омил ҳикмати низомии ҳуқуқии қадимаи тоҷикон нуҳуфтааст.

Видевдат (Вандидод лафзи форсӣ-тоҷикӣ) яке аз панҷ китоби то замони мо омада расидаи Авесто ба шумор меравад. Ҳарчанд номи он ҳамчун «Қонун бар зидди девҳо» тарҷума шудааст, яъне дар бораи бар зидди зотҳои бад, «Девҳо», аммо ҳеҷ гоҳ маҷмуаи зӯроварӣ қаламдод карда намешавад. Фалсафаи зардуштӣ одамонро ба гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек даъват намуда, ҳама гуна зӯровариро маҳкум намудааст. Мо, тоҷикон, дар дипломатияи худ ҳамеша сулҳу амонӣ, эҳтиром ва ҳаққи ҳамсоягиро дар масири пурпечу тоби таърих нигоҳ доштаем. Дар зери мафҳуми «Девҳо» дар зардуштия инсонҳои бадкор ва бадахлоқ дар назар дошта шудаанд, ки онҳоро «Вандидод» яъне «девҳои дупо» низ ном мебаранд. Дар адабиёти форсии асрҳои миёна ва манбаъҳои марбут ба таълимоти зардуштӣ, мафҳуми «нимдевиён» ё

«Нимдев» зикр мегардад ва ба шахсоне ишора мекунад, ки зоҳиран дорои симо ва табиати инсонӣ мебошанд, вале дар воқеият ба деви дупо монандӣ доранд. Таърифи мазкур, беш аз он ки воқеияти зистро инъикос кунад, бештар дорои маънои рамзӣ ва ахлоқӣ аст. Тибқи Вандидод, «Девҳо» на дар бораи замин фикр мекунанду на осмон, на амали нек мегӯянду на бад. Дар умум гӯем, комилан масъулияти инсонӣ надошта, дар пайи қонеъсозии нафси бади худ мебошанд. Вандидод на танҳо бар зидди девҳо, балки бар зидди тамоми табақоти ҳамон замон ҳамчун қонуни ҷиноятӣ эътироф мешуд. Бо вуҷуди ин, бархе аз муҳаққиқони замони муосир дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба баъзе унсурҳои низоми ҷазодиҳии зардуштӣ, бавижа маҳдудсозии озодӣ ҳамчун шакли ҷазои ҷиноятӣ, бо шубҳа менигаранд ва мавҷудияти онҳоро дар ин низоми ҳуқуқӣ рад мекунанд ва онро, ба истилоҳ, тухфаи давлати шуравӣ медонанд. Ҳол он ки садҳо далелу исботҳое ҳастанд, ки мавҷудияти ҷазои маҳдуд кардани озодиро дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҳазорсолаҳо пеш арзи вуҷуд намудааст, асоснок менамояд. Масалан, ҷазо дар шакли маҳдудсозии озодӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба таври густарда амалӣ мегардид, ҳарчанд бархе муосирон онро танҳо ба низоми ҳуқуқии шуравӣ нисбат медиҳанд. Ба андешаи У.А. Азиззода, «дар сарзамини таърихии Тоҷикистон дар замони мавриди амал қарор доштани низоми ҳуқуқи зардуштӣ маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун ҷазо истифода карда мешуд» [158].

Аммо, бояд таъкид кард, ки шаклу усулҳои ҷазодиҳӣ дар ҳар давраи таърихӣ мутобиқ ба талаботи замон ташаккул ёфта, ҳамчун василаи муҳимми муқовимат бо ҷинояткорӣ нақш бозидаанд [176, с. 47]. Дар давлатҳои зардуштӣ, низоми ҷазо пайваста рушд мекард ва бахши аъзами ҷазоҳо, хусусан дар даврони Ҳахоманишиён ва баъдтар, асосан шакли ҷазоҳои ҷисмониро фаро мегирифтанд, ки ба муҷримон ба гунаи сахт ва бераҳмона ҷазо дода мешуд. Хусусияти хоси чунин навъҳои ҷазо

дар он ифода меёфт, ки нисбат ба шахсе, ки ба содир кардани амали мухолифи меъёрҳои қабулшуда гунаҳгор дониста мешуд ё дар ҳолати хатарнок барои ҷомеа қарор дошт, тибқи тасаввурот ва ҷаҳонбинии даврони худ, чораҳои маҳдудкунандаи маҷбурии ҳуқуқӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат татбиқ мегардиданд [123, с. 29-43]. Масалан, мувофиқи Авесто, «зан ҳуқуқ надошт, ки дар вақти бемории занонаи ҳайз ба оташ, об ва дигар ҷойҳои пок қадам ниҳад ва он ҷойҳоро нопок гардонад. Духтари дар чунин ҳолатро «армешт» мегуфтанд, ва ҷое, ки ӯ дар он нигоҳдорӣ мешуд, «армештгоҳ» («армештгос») номида мешуд. Ӯ бояд пурра аз чунин ҳолат баромада, покиза мешуд ва сипас ба ҷомеа роҳ меёфт» [40, с. 15].

Инчунин, тибқи Вандидод, касе, то як сол бар замин, ки сагон ё мардумон бар он мурда бошанд, базрдона биафшонад ё об равон кунад, гуноҳаш баробари гуноҳи касест, ки мурдор дар об ё дар хок ё дар пои гиёҳон биандозад. Агар инсоне чунин амалро содир менамуд, гуноҳаш тозиёна буд. Инчунин, одамон барои баъзе амалҳо, махсусан кирдорҳое, ки бархилофи мамнуот содир мегардид, дар ҷойҳои муайян нигоҳ дошта мешуданд. Барои низоми ҳуқуқии зардуштӣ масъулиятшиносӣ ё масъулиятро эҳсос кардан аҳаммияти аввалиндараҷа дошт. Ҳар инсоне, ки дар бораи масъулият фикр намекард ё ба қоидаҳои умумиҷамъиятӣ аз рӯйи бемасъулиятӣ муносибат мекард, аз ҷониби коҳинон ҷазо дода мешуд. Имрӯз маҳдуд кардани озодӣ дар м. 54 КҶ ҶТ ҳамчун яке аз намудҳои ҷазо эътироф шудааст. Олимон маҳдуд кардани озодиро маҳсули низоми ҳуқуқии шуравӣ меҳисобанд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки таъсири низомии ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳуқуқи шуравӣ низ расидааст, ки пайдоиши падидаи маҳдуд кардани озодӣ дар низоми ҳуқуқии шуравӣ маҳз аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ маншаъ мегирад. Дар Вандидод ибораҳои «маҳдуд кардан» ё «нақли макон кардан» истифода шудааст. Илова бар ин, мувофиқи Вандидод, озодии ҳаракати инсон низ дар ҷойҳои муайян маҳдуд карда мешуд.

Яъне, мафҳумҳои ҳуқуқии «маҳдуд кардан» ва «нақли макон кардан», ки имрӯз дар низомҳои гуногуни ҳуқуқии феълан амалкунанда истифода мешаванд, аз Вандидод ибтидо гирифтааст. Ин бошад, шаҳодат аз он медиҳад, ки падидаҳои ҳуқуқии як низом бо гузашти замон ба низомҳои дигари ҳуқуқӣ интиқол ёфта, дар онҳо ба гунае боз суфтатар мегарданд.

Ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ дар таҷрибаи судӣ хеле кам мавриди корбурд қарор мегирад, зеро ба маҳкумшуда дар ин намуди ҷазо имконият дода мешавад, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа боқӣ монад, робитаҳои иҷтимоӣ ва оилавии худро нигоҳ дорад. Ниёгони мо ҳазорсолаҳо боз аз ин намуди ҷазо ба таври васеъ истифода мебурданд.

Аз баррасии андешаҳои зикршуда метавон хулоса кард, ки ҷазо дар шакли маҳдудсозии озодӣ дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ дорои ҷойгоҳи махсус буда, дар муқоиса бо дигар навъҳои ҷазо, ки озодии шахсро пурра маҳрум месозанд, хислати башардӯстонатар дорад. Зеро, ҳарчанд дар ин навъи ҷазо ҳуқуқ ва озодиҳои шахси маҳкумшуда то андозае маҳдуд мегарданд, аммо ӯ аз муҳити иҷтимоӣ комилан ҷудо намешавад ва худи ҷомеа нақши муҳиммиислоҳкунанда мебозад. Ин шакли ҷазо бо самтгирии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлат ҳамоҳанг буда, ҷавобгӯи талаботи муосири ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Имрӯз, аксарияти кишварҳои дунё мекӯшанд, ки низоми ҷазодиҳии худро ба сӯйи гуманизатсия равона созанд ва ҳадафи асосии он на танҳо муҷозот, балки бозсозии иҷтимоии маҳкумшуда бошад. Ин принсип, ки дар маркази ҷазо ислоҳу тарбия қарор дорад, ҳанӯз дар таълимоти Вандидод ҳамчун механизми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷассум ёфта буд.

Дар маросимҳои зардуштӣ, ки дар нимашабҳо гузаронида мешуданд, қисмҳое аз Вандидод ва бобҳои «Ясно» ва «Виспарад» аз ҷониби ду коҳин хонда мешуд. Тиловати Вандидод дар маросимҳои зардуштиён ҳатмӣ буд.

Дар давраҳои қадим дар рафти ҷангҳо ва юришҳо асарҳои зиёде несту нобуд гардидаанд, аз ҷумла худи китоби Авесто, ки аз тарафи

Искандари Мақдунӣ сӯзонида шуда буд. Далели сӯзонидани Авесто дар ягон китоби мутафаккирони юнонӣ, ки дар он корнамоиҳои Искандари Мақдунӣ дарҷ мегардиданд, зикр нашудааст. Ин амали Искандар аз ҷониби мӯбадони зардуштӣ бисёр як амали зишт ва таҳқиромез пиндошта шуда, коҳинон бар он назар буданд, ки Искандар бояд барои баъзе корҳояш маҳкум шавад, масалан, барои худхоҳӣ ё сӯзонидан ва нусхабардорӣ кардани асарҳои форсӣ, аз ҷумла Авесто. Ба ақидаи онҳо, агар Искандар ин китобҳоро нусхабардорӣ карда бошад ҳам, дар он ақидаҳои шахсии Искандар зикр мешавад. Коҳинони зардуштӣ румиёнро душмани ашадии динашон меҳисобиданд.

М. Бойес барои исботи ин ҳолат, ду далел меоварад: «дар исёнҳои Искандар маъбадҳои Эронро ғорат кардаанд ва китобҳои қадимаро сӯзониданд» [21, с. 97].

Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи фарҳанги халқҳои ҷаҳон ақидаҳои зиёди адабиву ахлоқӣ ва фалсафӣ пайдо шудаанд. Дар ин вақт оини зардуштӣ бо динҳои яҳудӣ, будоӣ ва масеҳӣ бархӯрд намуда, аз як тараф, рукнҳои асосии илоҳиёти худро такмил дода, аз тарафи дигар, шароити худро ба тартибу низоми нави ҷамъиятӣ мутобиқ намуд. Тафаззулӣ, китоби Авесто қарнҳо сина ба сина ҳифз мешуд, то ки саранҷом дар давраи Сосониён ба китобат даромад ва пас аз он ҳам мӯбадон барои иҷрои маросими динӣ ба он руҷуъ мекарданду мекунанд, зеро он чи аз ҳама муҳим аст, аз ҳифз хондани он мебошад. Дар фосилаи чор асри салтанати Сосониён китоби муқаддаси зардуштиён Авесто чанд маротиба таҳриру тадвин шудааст. Бо дархости шоҳаншоҳ Хусрави 1 (Анӯшервони одил) барои мустаҳкам намудани дини давлатӣ як қатор чорабиниҳо амалӣ андешида шуд. Бо амри ӯ мураттаб кардани китоби муқаддаси Авесто оғоз ёфта, ҳар нуқтае, ки барои ғояи ваҳдатоварии динии замони Сосониён мувофиқат намекард, ихтисор карда шуда, ба ҷойи он масъалаҳои тозаи марбут ба аҳкому ахлоқи динӣ ҳамроҳ

гардидаанд. Ҳамин масъаларо дар назар дошта, таърихнависи асримиёнагӣ – М. Масъудӣ насиҳати Ардашери Бобаконро ба писараш Шопур чунин овардааст: «Бидон, ки дину имон ва подшоҳӣ ҳар ду бародаранд ва бидуни якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Дин асоси давлат аст ва давлат онро ҳимоя мекунад» [71].

Авестои давраи Сосониён аз 348 фасл ва 21 наск, яъне китоб иборат буд. Ҳамин тариқ, Вандидод дар замони Сосониён (асрҳои III-VII мелодӣ) ба форсии миёна тарҷума шудааст; ба он фикру мулоҳизаҳои сершумор илова шудаанд. Авесто, Синбоднома, Қобуснома, Дарахти асурик, Бундахш, Тоҷномак, Оиномак, Чатранномак, Хазинаи шойгон ва ғайраҳоро ҳамчун ёдгориҳои хаттии қадима зикр кардан мумкин аст, ҳарчанд на ҳамаи ин китобҳо то замони мо омада расидааст. Аз Авесто баъзе наскҳо дар замони ҳукмронии Хусрави 1 бо забони паҳлавӣ тарҷума ва ҷамъоварӣ шудааст, ки маҳз ҳамон то замони мо омада расидааст. Чунончи, Хусрави I фармон додааст, ки матнҳои қадимаи китобро барояш тарҷума ва ҷамъоварӣ намоянд. Зоҳиран, дар охири замони ҳукмронии Сосониён (асрҳои 5-6 пеш аз милод) Вандидод ҳатто ба қатори асари хатмӣ ва омӯзишӣ дар маъбадҳои динӣ шомил гардида буд. Ин натиҷа авестошиносонро ба хулосае овардааст, ки Авесто то давраи Сосониён сина ба сина нақл мешудааст ва ба эҳтимол дар замони шоҳаншоҳии Шопури дувум мӯбадони Форс хаттеро бар пояи таҳрири форсии миёна ва хатти «Забур»-и паҳлавӣ барои нигориши он ихтироъ кардаанд. Хатти авестоӣ, ки истилоҳан «диндабира» ё «диндабирӣ» (хатти китоби динӣ) хонда мешавад, хатти алифбоӣ бо 53 нишона аст ва аз рост ба чап навишта мешавад» [80, с. 47].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ оварда мешавад, ки донистани асарҳои паҳлавӣ ба шоҳзодаҳо низ таълим дода мешуд. Дар асари адабии «Хусравнома» оварда мешавад, ки «Хусрав писари Кайқубод замоне, ки ӯро ба мактаб фиристоданд, аз илмҳои динӣ ва аз асарҳои бо ҳуруфи паҳлавӣ навишташуда бохабар буд» [8, с. 35]. Ба ақидаи О.М. Чунакова,

«Хусрав қисмҳои Вандидод ва Занд-Авесторо аз бар карда буд» [97, с. 149]. Лозим ба таъкид аст, ки оиди масъалаи мавриди назар дар асоси ин порча чизе гуфтан душвор аст, зеро «Хусравнома» ҳамчун асари адабӣ буда, бештар бо асотирҳо ва ривоятҳо асос ёфтааст. Олимон ин масъаларо матраҳ намуда, қайд менамоянд, ки Вандидод дар асоси матни хаттӣ ё дар шакли шифоҳӣ то замони мо омада расидааст. Ба андешаи мо, Вандидод ба шакли хаттӣ омада расидааст, чунки дар аҳди сулолаи Сосониён аз ҷониби мубадони дини зардуштӣ китобат гардидааст, ки ба замони ҳукмронии Хусрави 1 рост меояд. Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар қатори коҳинони маъбадҳо барои шоҳзодаҳо ва хизматчиёни дарбор низ азёд донистани матни Вандидод (қонуни ҷиноятӣ – А.Ф.) лозим ва ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар асоси таҳлили грамматикии матни Вандидот А. Камменҳубер муайян намудааст, ки «дар замони Сосониён, яъне асри IV-и п. аз м. Вандидод хаттӣ навишта шуда, пурра таҳрифу навоварӣ карда шудааст» [130, с. 108]. Он чизе, ки дар асар навоварӣ шуд, ин тафсири Вандидод бо забони паҳлавӣ буд. Ба андешаи мо, гипотезаи Камменхубер ду чизи муҳим дорад: камбудӣ ва норасоиҳо. Аввалан, вай дастовардҳои бостоншиносон ва маводҳои археологӣ ва этнографӣ, ки то он вақт (охири солҳои 50-уми асри XX) ба даст оварда шудаанд, нодида мегирад. Сониян, чунин ба назар намерасад, ки мувофиқи он ченаки асил ва дурустии матнҳои авестоӣ аз қабили идеяҳо ва намунаҳои готҳо ва ҳамаи он чи ки бо ягон сабаб ба онҳо мувофиқ нест, аз тарафи онҳо сохта ва дурӯғ ҳисоб карда мешавад. Нуқтаи дигари баҳс ин санаи ворид шудани меъёрҳо ва қавоиди вандидодӣ ба ибодатҳои зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи М. Бойс, «ин воридшавӣ пас аз истилои арабҳо дар асри IX дар Эрон ва Осиёи Миёна рух додааст, замоне, ки Вандидод дар таҳрифи мӯбадон қарор мегирад ва тағйироти ҷиддиро аз сар мегузаронад» [18, с. 97]. Ҳамин тавр, дар қисми дуоҳои шабона Вандидод хонда мешавад ва ин барои коҳинони маъбад ҳамчун меъёри ҳатмӣ мегардад. Бинобар ин,

бо илова гардидани «Қонуни зидди девҳо» эҳтимол меравад, ки дар он салоҳиятҳои коҳинони маъбад зиёд ба назар мерасад. Ин ягона ҳолатест, ки ба коҳини маъбад иҷозат дода шудааст, ки аз матнҳои хаттӣ истифода барад, инчунин, ҳамаи қисмҳои дигари Вандидодро бояд аз таҳти дил аз бар намоянд. Вандидодро коҳинони маъбад аз рӯйи китоб мехонданд, зеро ки бисёр матнҳои калон ва мушкил дошт. Ба фикри мо, душвории аз ёд кардани ҳаҷми калон ва муҳимтар аз ҳама, дар тамоми матни насри ин китоб (бо вуҷуди он ки дар баъзе ҷойҳо ин наср таҳриф шудааст), нисбат бо дуоҳои дар Ясно ва Яштҳо пешбинишуда мушкилтар ба назар мерасад. Гарчанде ки мафҳумҳои дар сохтори Вандидод пешбинишуда махсусан, «услуби он» бадеӣ ба назар расад ҳам, дар асл Вандидод ба масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷиноят, ҷазо ва дигар падидаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Сохтори Вандидодро шартан ба 7 қисм ҷудо мекунанд:

– Фаргардҳои 1 ва 3 ба масъалаҳои мифологию динӣ, муқовимати қувваҳои некию бадӣ бахшида шудаст.

– Фаргарди 4 ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва муносибат бо шартномаҳо ҳуқуқвайронкунӣ ва қасамхӯрӣ бахшида шудааст.

– Фаргардҳои 5-12 қариб, ки аз се як қисми ҳамаи наск ба ҳисоб меравад. Қоидаҳо ва оинҳои вобаста ба дафн, таҳқири ҷисми мурда ва тоза шудан аз он, ҳамчунин маросими азодориро дар бар мегирад.

– Фаргардҳои 13-15 муқаррарот оид ба саг, тартиби нигоҳубини он, ҷазо барои расонидани зарар ба саг, ҳамчунин, оид ба ҳифзи модарӣ, чи дар муносибат бо зани ҳомила ҳамчунин ҳифзи саги бордор як қисми он ҳисобида мешавад.

– Фаргардҳои 16-18 маросимҳо оид ба тоза кардан аз чизҳои наҷас (мӯй, нохунҳои бурида), инчунин маҳкум намудани танбалӣ, ҳасад ва зино.

– Фаргарди 19 дар бораи қувваҳои бефоида, навзод ва баъд аз марг дамидани руҳ бахшида шудааст.

– Фаргарди 20-22 ба қоидаҳои шифоёбии забонӣ ва дур кардани беморӣ аз руҳи инсон бахшида шудааст.

Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои инсон аз осеби маънавӣ, хусусан дар заминаи иртибот бо ҷиноят ва ҷинояткорӣ, аҳаммияти вижа дода мешуд. Дар ин замина, Вандидод маҷмуи меъёрҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқиро ба таври муназзам дар бар гирифтааст. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов, «як қатор принсипҳои ҳуқуқӣ ҳангоми таъин ва татбиқи ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ риоя мегардиданд» [161, с. 41]. Бисёре аз ин меъёрҳо дар манбаъҳои ҳуқуқии он давра ба таври устувор ҷой дода шуда буданд. Аз ҷумла, яке аз принсипҳои калидӣ – ҷавобгарии шахсӣ – ба таври возеҳ муқаррар гардида буд. Бар асоси ин принсип, ҳар шахс танҳо барои амали худ масъул документа мешуд ва масъулият ба дигарон интиқол намеёфт.

Яке аз масъалаҳои диққатҷалбкунандае, ки дар Вандидод зикр шудааст, ин гаравидан ба дини бегона мебошад. Ба андешаи У.А. Азиззода, «тибқи таълимоти диниву ҳуқуқии зардуштия аз оини зардуштия даст кашидан на фақат ба маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳо оварда мерасонид, балки он ҳукми қатлро низ ба бор меорад» [158, с. 71-73]. Яке аз далелҳое, ки гуфтаҳои зикршударо тасдиқ мекунад, таҳқиқоти С. Нафисӣ мебошад, ки дар он ҳолати татбиқи ҷазои қатл нисбат ба мӯбаде бо номи Абадишуъ баррасӣ шудааст. Ин шахс пас аз рӯ гардонидан аз оини зардуштӣ ба дини насронӣ пайваста буд, ва маҳз ҳамин амал сабаби муҳокима ва иҷрои ҳукми қатл гардид. С. Нафисӣ қайд мекунад, ки «ҳангоми иҷрои ҷазои қатл шоҳ Ардашер бевосита иштирок дошт» [71, с. 52], зеро мардуми мо дар ҳазорсолаҳо пеш маълум намуда буданд, ки оини бегонапарастӣ ба номуттаҳидии мардум оварда

расонида, пояҳои ҷомеа ё давлатдориро заиф месозад. Ҳатто барои аз байн рафтани низоми давлатдорӣ сабаб мегардад.

Қобили қайд аст, ки дар Авесто ба ҳифзи саломатии инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир ёфтааст. Дар Вандидод масоили марбут ба саломатӣ вобаста ба табиати кирдор, шакл ва дараҷаи таъсири он ба организми инсон, инчунин шахсияти ҳуқуқвайронкунанда, ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо гардида, барои ҳар кадом ҷазои мушаххас пешбинӣ шудааст [161, с. 45]. Дар пажӯҳишҳои ҳуқуқӣ, ҷиноятҳои марбут ба осеб расонидан ба саломатӣ бо дарназардошти сатҳи хатарнокӣ ва оқибатҳои онҳо ба навъҳои зерин тақсим мешаванд:

1) бо нияти расонидани осеб силоҳ бардоштани шахс;

2) зарба задан ба инсон;

3) маҷруҳ намудан;

4) хунравӣ ба вуҷуд овардан;

5) шикастани устухонҳо;

6) ворид сохтани зарари ҷисмонӣ ва равонӣ ба саломатии фард [57, с. 74].

Аз нигоҳи таълимоти Авесто бошад, чунин ҷиноятҳо ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим шудаанд:

1) **Огерепта** – кирдори содиршуда, вале бе иқрор;

2) **Аваиришта** – амали танқидшуда бо иқрори шахсӣ;

3) **Аредуш** – кирдори пурра тасдиқшуда ва мушоҳидагардида

4) **Пешутану** – ҷинояте, ки бо иқрор ва омодагии гунаҳгор ба каффорат алоқаманд аст [10, с. 486].

Новобаста ба ин, тамаддуни зардуштӣ ҳуқуқҳои занонро бевосита муқаррар намудааст, ки инро метавон аз Авесто ва дигар сарчашмаҳои нодири замони мазкур мушоҳида намуд [59]. Дар асоси таҳқиқоти Ҷ. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода маълум шуд, ки «дар тамаддуни зардуштия рӯзи махсусе ҷой дошт, ки дар он рӯз занон аз кору бори зиндагӣ фориғ буданд ва мардон ба онҳо туҳфаҳо инъом менамуданд» [75, с. 164].

Масъалаи обрўю эътибори зан махсусан ҳифз мегардид. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов, «агар мард ба таври дахлдор занро нигоҳубин намекард ва ё аз таъминоти ӯ саркашӣ менамуд ва ё амалеро содир мекард, ки ба зан ва кӯдакони ӯ зарар мерасид, пас ӯро ҳукми қатл интизор буд» [161, с. 42]. Бахшиш ё афв нисбат ба шахс танҳо дар ҳолате роҳ дода мешуд, ки ӯ тамоми хисороти расонидашударо – ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ, пурра ҷуброн мекард. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои зан ва кӯдак аз осеби маънавӣ аҳаммияти ҷиддӣ дошта, барои таъмини он меъёрҳои ҳуқуқии махсус пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, пароканда намудани никоҳ бе сабаб ё гузоштани зан бе нигоҳубин яке аз гуноҳҳои ҷиддӣ ба ҳисоб мерафт [89, с. 92].

Муқаррароти ин низом талаб мекарданд, ки қатъи никоҳ танҳо дар асоси мувофиқат ва ризоияти ҳарду ҷониб иҷозат дода шавад. Бо вуҷуди ин, дар ду ҳолати истисноӣ гирифтани ризоияти зан зарурат надошт:

1) Вақте ки зан ба сабаби сарпечӣ аз итоати шавҳар, анҷом додани кирдорҳои манъшуда, аз ҷумла ҷодугарӣ ё гуноҳҳои динӣ, гунаҳгор дониста мешуд;

2) Дар сурате ки дар муддати даҳ сол аз оғози издивоҷ зан фарзанддор намегардид.

Қобили қайд аст, ки дар қисми сеюми фаргарди чоруми Вандидод, сатрҳои 17 то 21, ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба саломатии инсон ҳамчун кирдори дорои категорияи «огерепт» ба таври возеҳ муайян шудааст. Аз ҷумла, дар сатрҳои 20 ва 21 ҷарима ҳамчун як шакли ҷазо барои содир кардани чунин ҷиноятҳо пешбинӣ гардида, тартиби пардохти товон ва фидя муқаррар шудааст [176, с. 47]. Тибқи муқаррароти Вандидод, агар шахс барои ҳаштумин бор амали «огерепт» анҷом дода, аз пардохти товон саркашӣ намояд, ҷазои ӯ 200 зарба бо қамчини асп ва калтак таъин мегардид [31, с. 486-487]. Инчунин, дар Вандидод ба масъалаҳои марбут ба илми тиб ва тартиби муомила бо беморон низ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, дар он бештар ҳаёт ва саломатии модару кӯдак ҳамчун объекти

ҳифзи ҳуқуқӣ зикр шудаанд. Аз ҷумла, дар фаргарди 15, қисми 2, сатрҳои 9 то 18, масъалаи қатли кӯдак дар батни модар ба таври муфассал шарҳ дода шуда, чунин амал ҳамчун кирдори номақбул ва маҳкумшаванда баҳо дода шудааст: «Агар он зан аз шарми мардум, меваи зиндагиро дар заҳдони хеш нобуд кунад, гуноҳи куштани фарзанд бар гардани ӯ ва падари ӯст» [10, с. 577]. Дар зардуштия, сарфи назар аз вазъи занҳо (шавҳардор ё бешавҳар) ва вазъи кӯдакон (қонунӣ ё ғайриқонунӣ), исқоти ҳамл манъ аст: «Агар марде бо духтаре дӯшиза ё бонуи ҷавон, хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хона бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на, ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум, меваи зиндагиро, ки дар заҳдони хеш дорад, нобуд кунад» [10, с. 577]. Ҳамчунин, оини мазкур барои занон истифодаи гиёҳҳоеро, ки исқоти ҳамлро ба бор меоранд, манъ намудааст: «Агар марде бо духтари дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хонавода бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на, ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум бо обу гиёҳ дар худ даштони нобаҳинҷор падид оварад» [10, с. 577]. Дар натиҷа метавон хулоса кард, ки дар таълимоти зардуштӣ ҳар гуна амали исқоти ҳамл қатъиян манъ шуда, ҳаёт ва ҷони кӯдак ҳамчун арзиши муқаддас ба ҳисоб меравад ва мавриди ҳимоя қарор мегирад. Агар дар қонунгузории муосири соҳаи оилавӣ мафҳуми кӯдак ба шахсе дахл дошта бошад, ки пас аз таваллуд то синни муайян шомил мешавад, дар ҳуқуқи таърихии зардуштӣ кӯдак аз лаҳзаи будан дар батни модар то расидан ба синни понздаҳсолагӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳимояшаванда эътироф мегардид [89, с. 84; 175, с. 112; 180, с. 134].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар Вандидод зикр шудааст, ин мувозибат намудани оила ва кӯдак мебошад. Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода, «марде, ки зан аз ӯ ҳомиладор мешавад, вазифадор аст, ки то

таваллуди кӯдак модарашро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намояд. Агар мард ба таври зарурӣ зани ҳомиладори худро дастгирӣ накунад ва ин амал ба кӯдаки дарбатнбуда зиён оварад, он мард муртакиби гуноҳи куштори қасдан шуда, тибқи он ҷазо дода мешавад» [180, с. 139].

Ҳамин тавр, Вандидод вазифаҳои падару модаронро дар мавриди таҳти назорати махсус қарор додани кӯдакон ва таъмин намудани онҳоро ба хӯроку пӯшок пешбинӣ намудааст.

Ҳангоми таҳлили мавзуи Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Нуздаҳумин наски Авесто ин Вандидод ба шумор меравад, дар худ институтҳои ҷазо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ғайраро фаро мегирад, ки барои мо тоҷикон омӯзиш ва таҳқиқ намудани паҳлуҳои он қарзи виҷдон аст.

2. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки падидаи ҷиноят ва тарзҳои ҷазодиҳӣ ҳанӯз дар аҳди бостон дар ҳуқуқи авестоӣ мавҷуд буданд. Дар замоне, ки мардумони минтақаҳои олам дар ибтидои тархрезӣ ва бунёди тамаддунҳои миллии хеш қарор доштанд, ниёгони миллати тоҷик меъёрҳои нисбатан мукаммали ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ – ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва ҷазои қатлро на танҳо коркард, балки тули асрҳо истифода карда, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим ва баҳсҳои ҳуқуқиро оқилона ҳал менамуданд.

3. Вандидод ба шакли хаттӣ омада расидааст, чунки дар аҳди Сосониён аз ҷониби мӯбадони дини Зардуштӣ китобат гардидааст, ки ба замони ҳукмронии Хусрави 1 рост меояд. Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар қатори коҳинони маъбадҳо барои шоҳзодаҳо ва хизматчиёни дарбор низ азёд донистани матни Вандидод лозим ва ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт.

## 2.2. Мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод

Рафтори инсон аз замонҳои қадим ба воситаи меъёрҳои иҷтимоӣ ба танзим андохта мешуд. Одамон кӯшиш мекарданд, ки меъёрҳои аз ҷониби ҷомеа ва табиат эҷодшударо риоя намоянд. Оҳиста-оҳиста ризояти одамони ҷомеа вайрон гардида, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба вуҷуд омад, ки аз тарафи одамони алоҳида баъзеи он меъёрҳо вайрон мегардиданд ва нисбати фард ё гурӯҳи одамон зарар расонида мешуд. Аз одамон талаб карда мешуд, ки рафтори дар қоидаву қонунҳо муқарраршударо риоя намоянд. Рафтори одамон моҳияти тартиботи ҳуқуқиро ошкор месозад. Давлат, ҷомеа ва аъзои он ба рафтори одамоне, ки талаботи меъёрҳои ҳуқуқиро риоя менамоянд, ҳавасманд буда, ғамхорӣ зоҳир менамояд. Ҷомеа тавассути ҳуқуқ ба танзим дароварда шуда, фаъолияти ҳаётан муътадили он ба роҳ монда мешавад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрвандон низ дар қонунҳои позитивии давлат мунъакис мегарданд ва рафтори инсон бояд дар чорчӯби ҳуқуқ ба амал бароварда шавад. Рафторе, ки ба талаботи ҳуқуқ мувофиқат намекунад, ҳуқуқвайронкунӣ маҳсуб шуда, ҷавобгарии ҳуқуқиро дар пай дорад.

Ҳуқуқвайронкунӣ кирдори гунаҳкорона ва зиддиҳуқуқии шахсе мебошад, ки ба ҷамъият, давлат ё шахсони алоҳида зарар мерасонад. Ҳуқуқвайронкунӣ дар натиҷаи содир кардан ё накардани кирдор, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мухолиф мебошад, ба миён меояд. Агар шаҳрванд ба таври низомнок қоидаҳои тартиботи дохилиро вайрон намояд, ба кор наояд, сирқат намояд, қоидаҳои ҳаракат дар роҳро вайрон кунад, ба чароғаки роҳнамо итоат накунад ва дигар кирдорҳои ба ҳамин монандро содир намояд, онро ифода менамояд, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додааст ва кирдори он муҷиби ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Иҷро накардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ маънои вайрон кардани талаботи

меъёрҳои ҳуқуқиро дошта, ҷавобгарии ҳуқуқиро тибқи санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба миён меорад.

Бояд гуфт, ки ниҳоди ҳуқуқвайронкунӣ ин риоя накардани талаботи нормаҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ҷомеа, давлат ва фарди ҷудогона хавфнок аст ва зарарро дар пай дорад.

Бинобар ин, агар ба гузаштаи ниёгони худ назар намоем, бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие ба монанди «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояст ва нашояст», «Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Панду андарзҳои Анӯшервон» ва ғайра эҷод шудаанд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, ба зиндагии хушбахтона, ба интихоби касб, ба никоҳ ва озодии никоҳ, ба моликият, ба таҳсил, ба муҳити мусоиди зист ва ҳатто ҳуқуқ ба ҳаёти ҳайвоноти фоидаовар инъикоси худро ёфтаанд. Ҳама гуна рафторҳои зиддиҷамъиятие, ки ба хилофи ҳаёт, саломатӣ, моликият ва озодиҳои инсон равона мегардиданд, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ маҳсуб мешуд.

Тибқи муқаррароти Вандидод ҳама гуна кирдорҳое, ки бар хилофи фармудаҳои Аҳурамаздо амалӣ мешаванд ва ё бар зидди мамнуиятҳои ӯ мебошанд, ҳуқуқвайронкунӣ шуморида мешавад.

У.А. Азиззода рушди ниҳоди ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро дар таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ пажӯҳиш намуда, намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таснифот намуда, вижагиҳои онҳоро ошкор сохтааст [107, с. 52-56]. Олимон намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар он замон истифода гардидаанд, истифода бурда, ба намудҳои мухталиф тасниф кардаанд. А. Периханян чунин таъкид менамояд, ки «низоми ҷазоҳои он замон ба намудҳои зерин тақсимбандӣ мешаванд: а) ҷазои ҷисмонӣ; б) харидани гуноҳ; в) таъини корҳои ҳатмӣ); экскоммуникатсияи табаиятӣ» [56, с. 247].

А.Ғ. Холиқзода ҳуқуқвайронкуниҳоро ба намудҳои зерин табақабандӣ менамояд: «а) ҷазоҳои ҷисмонӣ; б) ҷарима; в) корҳои ислоҳӣ; г) маҳдуд кардани озодӣ (ҳабс, нигаронидан ба ғуломӣ ва ғ.); д)

маҳрумкунӣ аз ҳуқуқи машғул шудан ба корҳои мушаххас (масалан, ба пизишкӣ); е) қатл» [86, с. 361-362]. И.Б. Буризода намудҳои зерини ҷазоро тасниф менамояд: «ҷарима, ҷазои ҷисмонӣ, санҷиш, каффорат (ҷуброн, товон), қатл ва амсоли инҳо» [23, с. 31]. Ба андешаи Муҳаммад Рашшод, «ҷазоҳо ба динӣ, сиёсӣ ва шаҳрвандӣ (табаиятӣ, мулкӣ) ҷудо мешаванд» [68, с. 123]. Ҷазоҳо вобаста ба ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда, ҳолати иҷтимоӣ (шахси озод ва ё ғулом), ҷинс ва ғ. истифода мегардиданд [68, с. 32]. З.Х. Зокирзода бар он назар аст, ки «ҷазоҳо на танҳо хислати ҷисмонӣ доштанд, балки молумулкӣ ва динӣ-оинӣ низ ба муҷримон истифода бурда мешуданд» [40, с. 13].

Муҳаққиқон низоми ҷазодиҳиро дар давлатҳои дорои оини зардуштӣ ба шаклҳои гуногун гурӯҳбандӣ намудаанд. Ба назари мо, ҷазоҳои ҷиноятӣ дар ин давра шаклҳои зеринро фаро мегирифтанд: татбиқи ҳукми қатл; ҷазоҳои ҷисмонӣ; ҷарима ва каффора барои кирдорҳои номатлуб; иҷрои корҳои ислоҳкунанда; маҳдудсозии озодӣ; маҳрум кардани шахс аз озодии инфиродӣ; хориҷ намудан аз муҳити иҷтимоӣ ва бадарға; мусодираи молу амвол; манъ кардани ишғоли мансабҳо ё фаъолият дар соҳаҳои муайян; ихроҷи шахс аз табаият (экскоммуникатсия); инчунин иҷрои корҳои ҳатмии муқарраргардида.

У.А. Азиззода бар он назар аст, ки «ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои зардуштӣ аз рӯйи қавонини ҳуқуқии Авесто мавриди истифодаи васеъ қарор мегирифт. Масалан, ҷазои корҳои ислоҳӣ дар заминҳои давлатӣ ва ё дар заминҳои маъбад нисбати муҷримон истифода бурда мешуд. Корҳои ислоҳӣ дар заминҳои ҷамъиятӣ, тоза кардани заминҳо аз чизҳои нопок, бадани одаму ҳайвонот, барои оташи муқаддас ҳезум ҷамъоварӣ кардан, каналҳоро кофтан ва ғайра мавриди корбурди васеъ қарор мегирифт. Аслан, чунин ҷазоҳо барои риоя нашудани қавонини экологӣ истифода бурда мешуд» [158, с. 105].

Тибқи таълимоти Вандидод, ҷазоҳо ба чанд гурӯҳи асосӣ тақсим мешуданд: ҷазо барои ҷиноятҳои зидди дин ва худоён, ҷиноятҳо алайҳи подшоҳ (ки ба ҷиноятҳои сиёсӣ иртибот доранд) ва ҷиноятҳое, ки ба шахсият ё ба тартиботи умумии ҷомеа таъсир мерасониданд. Ин навъбандии ҷазоҳо бештар ба ҳимояи сохти динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии он давра равона буда, ҳадафаш муҳофизати арзишҳои асосии ҷомеа ва ҳокимият буд.

Ҷиноятҳое, ки ба муқобили дин ё ҳокимият анҷом дода мешуданд, одатан бо ҷазоҳои шадид рӯ ба рӯ мешуданд ва имкони бахшиши гунаҳгор қариб вуҷуд надошт. Ин гуна кирдорҳо ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ ба пояҳои динӣ ва сиёсӣ арзёбӣ мегардиданд, зеро тибқи фалсафаи ҳуқуқии зардуштӣ, ҳар гуна халал ба сохтори ҳокимият ва арзишҳои илоҳӣ зарбаи мустақим ба низоми иҷтимоӣ ва худи шоҳ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, ҳифзи ҳокимият ва дин вазифаи аввалиндараҷаи низоми ҳуқуқӣ ба шумор мерафт, то дигар манфиату арзишҳо солим боқӣ монанд. Ба андешаи Х.М. Зиёев, «ҷазоҳо низ вобаста ба синну сол, ҷинс ва ҷисми ҷинояткор фарқ мекарданд» [34, с. 54]. Ғуломон ба таври махсус ҷазо дода мешуданд. Инчунин, нисбат ба шахсоне, ки дар ҷиноят шарик буданд ва ё ҷиноятро такроран содир кардаанд, ҷазоҳои муайян муқаррар карда буданд [34, с. 54].

Тибқи низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ ва шаъну эътибори инсон, аз ҷумла амалҳое чун фиреб, тухмат ва дурӯғ, мавқеи муҳим доштанд. Аз ин бармеояд, ки мафҳумҳои мазкур дар таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ ҳамчун кирдорҳои ҷиноятӣ эътироф шуда, барои ҳар яке аз онҳо шаклҳои махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар гардида буданд [117, с. 121-128]. Манбаъҳое чун Авесто ва дигар сарчашмаҳои марбут ба ҳуқуқи зардуштӣ чунин амалҳоро ҷиноят алайҳи ҳуқуқи шахсӣ ва арзишҳои ахлоқӣ мешумориданд. Аз ҷумла, тухмат, таҳқир, қаллобӣ, дурӯғ ва амалҳои ба онҳо монанд ҳамчун таҳдид ба

озодии инфиродӣ ва шаъну шарафи шахсият маҳкум гардида, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар пай доштанд [104, с. 255].

Тавре ки таҳлили манбаъҳои боло нишон медиҳад, амалҳое чун тухмат, таҳқир, дурӯғ ва фиреб аз лиҳози хавфи иҷтимоии худ дар зинаи дувуми ҷиноятҳо қарор гирифта, ҳамчун кирдорҳои ҷиддии зидди ҳуқуқи шахсӣ ва ахлоқии инсон арзёбӣ мешуданд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ дорои шумори зиёди меъёрҳоест, ки ба ҳифзи озодии инфиродӣ ва шаъну шарафи инсон равона гардидаанд [117, с. 121-128].

Ҳамзамон, дар Вандидод ҳуқуқвайронкуниҳо вобаста ба хусусият ва дараҷаи хатари онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд. Ба таври мушаххас, дар фаргарди 15, сатрҳои 1 то 8, панҷ навъи кирдори ҷиноятӣ номбар шудаанд, ки нисбат ба онҳо бахшиш пешбинӣ нашудааст:

1) шахсе, ки худро пайрави оини зардуштӣ медонад, аммо ба тарғиби мазҳаби дигар машғул мешавад;

2) шахсе, ки сагро бо ғизои доғ ё устухони сахт хӯронда, ӯро мезанад ва боиси марги ҳайвон мегардад;

3) шахсе, ки саги ҳомиларо меронад ва боиси афтидани он ба ҷӯйбор ё дара шуда, маргро ба бор меорад;

4) доштани муносибатҳои маҳрамона бо занон дар давраи ҳайз;

5) муносибатҳои маҳрамона бо занони ҳомила, ки дар натиҷа ба ҳомила зарар мерасонад.

Бояд хотирнишон сохт, ки категорияҳои «ҷиноят» ва «ҷазо» бояд дар чорчӯби назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор дода шавад, зеро дар он омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар омилҳои муайянкунандаи ҷиноят нақши муассир дорад, ки дар доираи назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ошкор сохтани он ба мақсад мувофиқ аст. Ҷазо ҳамчун як унсури мураккаби низоми ҳуқуқӣ ҳамеша василаи муассири муқовимат бо ҷиноятҳо ба шумор мерафт ва то имрӯз нақши муҳим дорад. Он ифодаи арзёбии манфии ахлоқӣ ва сиёсӣ аз ҷониби

ҷомеа ва давлат нисбат ба кирдори ҷиноятӣ ва шахси онро содиркарда мебошад. Низоми ҷазодиҳӣ дар давлатҳои дорои оини зардуштӣ дорои хусусиятҳои фарққунанда буда, бо сохтор ва принсипҳои махсуси он давра мутобиқ буд. Дар айни замон низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ, низоми ҷазо, ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ аз тарафи олимони тоҷик У.А. Азиззода [109, с. 70-76], З.А. Камолов [169], А.А. Абдурашидов [157], З.Х. Зокирзода [37; 127] ва дигарон пажӯҳиш гардида, навгониҳо ва андешаҳои созанда ироа гардидааст. Дар давраи зардуштӣ ба кирдорҳои ҷиноятӣ ба таври махсус муносибат менамуданд ва ҳамеша, муҷримон барои кирдори содирнамудаашон ба сазои аъмолашон мерасиданд.

Таҳлили низоми ҳуқуқии марбут ба давраи зардуштӣ гувоҳӣ медиҳад, ки табиати ҳуқуқвайронкунӣ вобаста ба сатҳи рушди давлат ва ҷомеа, инчунин зери таъсири арзишҳои равонӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқие, ки дар ҷомеа ҳукмфармо буданд, пайваста дар ҳолати тағйир ва такмил қарор дошт. Дар ин давра, кирдорҳое, ки бар зидди сохтори динӣ ва ҳокимияти сиёсӣ равона мешуданд, бо ҷазоҳои сахт дучор мешуданд. Истифодаи ҷазо дар чунин ҳолатҳо мутобиқ ба дараҷаи хавфнокии амали содиршуда, мақоми ҳуқуқии шахси гунаҳгор ва аҳаммияти объекти зери ҳимояи ҳуқуқ қарордошта муайян ва татбиқ мегардид. Шахсони наздики шоҳ дар маҳбас нигоҳ дошта мешуданд то аз кардаи худ пушаймон шаванд. Аслан, ҷазои қатл нисбат ба наздикони шоҳ татбиқ карда намешуд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамеша ба ҷазо [122; 128; 158; 167] баробар дониста мешуд, аммо дар ҳуқуқи маданӣ он ба маънои ҷуброни зарар [105; 106; 115; 116] ва ё маҷбурсозии давлатӣ барои иҷрои уҳдадориҳо фаҳмида мешуд [124; 125; 131; 138; 154]. Ҷазоҳои ҷиноятиро ҳамчун зернизоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ғайра шарҳ додан мумкин аст. Муносибате, ки дар давраҳои қадим нисбат ба ҷазо ҳамчун як категорияи муҳимми умумҳуқуқӣ зоҳир мегардид, қобили таваҷҷуҳи ҷиддӣ мебошад, зеро маҳз дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккули ҷомеа

унсурҳои ҳуқуқие падид омаданд, ки аҳаммияти худро то имрӯз аз даст надодаанд. Дар ин давра тафовути аниқи ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ вуҷуд надошт.

Ҳамин тариқ, намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҳамдигар тафовут надошт. Ҷазо дар ин давра ҳамчун категорияи умумии ҳуқуқӣ тавассути категорияи чораҳои маҳдудкунии динӣ ҳаллу фасл мегардид. Ҷиноят низ бояд ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ баррасӣ карда шавад. Мафҳуми ҷиноят, аз тарафи олимони тоҷик, аз қабили Т.Ш. Шарипов [98; 99; 100], Р.Ҳ. Раҳимзода [95], У.А. Азиззода [111; 113], К.Ҳ. Солиев [77] ва М.Н. Раҷабзода [94] мушаххасан ироа гардидааст.

Баррасии сарчашмаҳои қадима нишон медиҳад, ки дар даврони зардуштӣ қонуни ҷиноятӣ ҳанӯз ба шакли мураттаб ва кодификатсияшуда таҳия нагардида буд ва низоми таснифоти ҷиноятҳо ба таври расмӣ вуҷуд надошт.

Дар робита ба ин мавзуъ, муҳаққиқони гуногун тавассути таҳлили манбаъҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои ибтидоӣ назариёти гуногун оид ба гурӯҳбандии ҷиноятҳо ва навъҳои ҳуқуқвайронкуниро баён намудаанд. Таснифи ҳуқуқвайронкунӣ дар давраҳои гуногун зери таъсири як қатор омилҳо ташаккул ёфтааст, аз ҷумла: вазъи иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, мансубияти мазҳабӣ ва дигар хусусиятҳои фарҳангӣ. Бешубҳа, ҳар кирдоре, ки бар зидди ин арзишҳо равона мешуд, ҳамчун ҷиноят шинохта шуда, вобаста ба хусусияти он ҷазои мувофиқ муқаррар мегардид.

Муаллифон барои гурӯҳбандии чунин ҷиноятҳо ба равишҳо ва меъёрҳои гуногун такя мекунанд. Бо такя ба таҳқиқоти анҷомдодашуда ва маводи мавҷуд, мо таснифи зеринро дар доираи низоми ҳуқуқии зардуштӣ пешниҳод менамоем:

– ҷиноятҳо алайҳи дини зардуштӣ;

– ҷиноятҳо бар зидди ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои синфи ҳукмрон;

– ҷиноятҳо алайҳи шахсият, аз ҷумла бар зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, инчунин шаъну эътибори инсон;

– ҷиноятҳо алайҳи муҳити зист ва ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ;

– ҷиноятҳои марбут ба моликият ва амволи шахсӣ.

Дар сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқии Вандидод соҳаҳо ва падидаҳои ҳуқуқ ҳанӯз ба охир нарасидаанд. Мафҳумҳои ҷиноят ва ҷазо, инчунин принсипҳои возеҳи гурӯҳбандии ҷиноятҳо ва ташкили низоми ҷазодиҳӣ, ба он маъное, ки имрӯз дар ҳуқуқи муосир мавҷуданд, дар замони қадим ба таври мураттаб коркард нашуда буданд. Бо вуҷуди ин, ҷомеа дар баробари амалҳое, ки бар зидди арзишҳои иҷтимоии пазируфташуда ва меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ ва суннатӣ равона мешуданд, вокуниш нишон медод.

Зикр кардан зарур аст, ки ин гуна муносибатҳо ва вокунишҳои иҷтимоӣ дар манбаъҳои гуногуни таърихӣ таҷассум ёфтаанд. Ҷомеа барои посух додан ба чунин кирдорҳои номатлуб, шаклҳои муайяни муҷозоти ахлоқӣ ва динӣ ба вуҷуд оварда, онҳоро ҳамчун воситаҳои танзими рафтори шахсони ҳуқуқвайронкунанда истифода мебурд.

Аз муҳтавои ҷазоҳои татбиқшуда дар давраи зардуштӣ бармеояд, ки онҳо аз ибтидо ҳамчун вокуниши ҷомеа ба кирдорҳои номатлуби иҷтимоӣ амал мекарданд ва танҳо бо рушди сохторҳои давлатии он давра ба шакли расмии муқаррарот даромадаанд. Дар умум, низоми ҷиноят ва ҷазо дар давлатҳои бостонӣ зич бо урфу одат, анъанаҳо ва таълимоти динӣ пайвандӣ доштанд. Ҷиноят ва ҷазо ҳамчун падидаҳои иҷтимоӣ дар марҳилаҳои муайяни инкишофи ҷомеа дорои хусусиятҳои махсуси замони худ буданд.

Ба таври хос, ҷиноятҳое, ки бар зидди унсурҳои табиат ва бархе аз ҳайвоноти муқаддас равона мешуданд, дорои аҳаммияти махсус буданд. Дар ин замина, Вандидод ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ маҷмуи васеи

меъёрҳоро ба ҳимояи муҳити зист ва табиат бахшида, ҷойгоҳи муҳимми онҳоро дар тафаккури ҳуқуқии он давра нишон медиҳад. Инчунин, нисбат ба шахсоне, ки дар ҷиноят шарик буданд ва ё ҷиноятро такроран содир мекарданд, ҷазоҳои муайян муқаррар карда шудабуд. Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ барои куштани саг ҷазои қатл муқаррар шуда буд. Ҳатто барои ғизои носолим додан ба саг (масалан, устухон ё ғизои гарм) муҷозот пешбинӣ шуда буд.

Дар давраи зардуштӣ низоми ҷазо ду шакли асосӣ дошт: ҷазои омурзидшаванда ва ҷазои нобахшиданӣ дар дунё. Масалан, шахсе, ки ҷиноят содир менамуд, дар баъзе ҳолатҳо бо анҷом додани тавба метавонад аз ҷазои ахиравӣ халос шавад. Вале барои баъзе навъҳои ҷиноят, ба монанди ғоратгарӣ, ҳуқуқи тавба кардан мавҷуд набуд ва чунин ҷинояткорон ҷазои ҳатмӣ мегирифтанд. Дар маҷмуъ, дар байни зардуштиён маъмултарин намудҳои ҷазо ҳукми қатл, ҳабс ва зиндон, шиканҷа, ҷуброни зарар, меҳнати маҷбурӣ ва ғайра буданд.

Олими маъруф А.Г. Периханян низ дар таҳқиқоти худ низоми ҷазои он давраро ба шаклҳои гуногун ҷудо намуда, каффораи гуноҳро ҳамчун пардохти молӣ ва ҷаримавӣ ба таври алоҳида зикр кардааст [56, с. 252]. Ба ҳамин монанд, А.Ғ. Холиқзода дар таҳлили худ оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар замони татбиқи ҳуқуқи зардуштӣ, ҷаримаро дар зинаи дуюм ҷой додааст [86, с. 361-362]. Баръакс, Э.Б. Буризода, бо дарназардошти мавридҳои зиёдтари татбиқи ин навъи ҷавобгарӣ, онро дар сатҳи аввали таснифоти худ қарор додааст [22, с. 31].

Таҳлили таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҷарима ҳамчун шакли муҳимми ҷавобгарии ҷиноятӣ мавқеи хос дошт ва барои як қатор кирдорҳои ҳуқуқвайронкунанда ба таври густурда татбиқ мешуд. Ин навъи ҷазо на танҳо барои ҷиноятҳои дорои хусусияти умумӣ, балки барои дигар намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ низ ҳамчун ҷазои асосӣ ё иловагӣ пешбинӣ гардида буд.

Қобили зикр аст, ки Авесто – яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихию ҳуқуқӣ, дар баробари ҷазоҳои дигар, ба монанди ҷазои ҷисмонӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои маҷбурӣ ва ислоҳӣ, инчунин ҷаримаро низ ҳамчун воситаи ҷазодиҳӣ муқаррар кардааст. Махсусан дар қисми сеюми фаргарди чоруми Вандидод, сатрҳои 17 то 21, барои кирдорҳое, ки ба саломатии инсон осеб мерасонанд ва дар гурӯҳи ҷиноятҳои огерепта шомиланд, ҷавобгарии молиявӣ дар шакли ҷарима пешбинӣ шудааст. Ба андешаи Ҷ. Саъдизода, «огерепта ба маънии «гирифтан» ва ба таъбири Вандидод, номи гуноҳи касест, ки размафзор бар даст гирад ва қасди задани дигареро бикунад» [145, с. 40].

Дар сатрҳои 20 ва 21-и фаргарди мазкур шарҳу тавзеҳоти дақиқ оид ба ҷазодиҳӣ дар шакли ҷарима барои кирдорҳои шомили гурӯҳи ҷиноятҳои огерепта оварда шудаанд. Ба таври мушаххас, агар шахсе ба чунин ҷиноят роҳ дода, аз пардохти ҷарима сарпечӣ намояд, ӯ тибқи низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба категорияи ҷиноятқорони «пешутану» дохил мешавад. Дар чунин ҳолат, ҷазои ӯ иборат аз 200 зарба бо тозиёнаи асп ва калтак муқаррар мегардад [10, с. 486-487]. Ба андешаи Ҷ. Саъдизода, «ҳар касе панҷ бори дигар бад ин кор даст занад, пешутану шавад. Ин маънои онро дорад, ки такроран содир намудани ҷиноят ҳанӯз чанд ҳазор сол пеш дар Вандидод зикр шудааст» [145, с. 40].

Ҷарима ҳамчун намуди ҷазо бо инкишофи муносибатҳои молӣ дар давраҳои баъдӣ ба таври хосса мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба андешаи У.А. Азиззода, «иваз намудани ҷазои ҷисмонӣ ба ҷазоҳои хусусияти молидошта дар давраҳои минбаъдаи инкишофи низоми ҳуқуқи зардуштӣ рушд мекунад. Масалан, барои содир кардани ҷиноятҳои зидди ҳаёт ва саломатии инсон ҷавобгарии ҷисмонӣ мумкин буд бо тартиби муқарраргардида ба намуди ҷавобгарии молӣ ё дигар намуди ҷавобгарӣ иваз карда шавад. Барои лату кӯб ва зарари ҷисмонӣ маблағи ҷарима аз шумораи зарбаҳои таъингардида вобаста буд» [158, с.

103]. Андозаи ҷарима дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ бо дарназардошти сатҳи хатарнокии кирдор, арзишмандии объекти зери ҳимоя, мақоми иҷтимоии шахси ҷинояткор ва хусусиятҳои шахсии ӯ муайян мешуд. Масалан, барои барқарор кардани муносибати ҷинсӣ бо зани ғайриҳамсар ҷарима ба маблағи 300 сатер таъин мегардид, дар ҳоле ки барои содир кардани таҷовуз ба номуси ноболиғ ҷазо дар шакли пардохти 600 дирҳам муқаррар шуда буд [56, с. 256].

Дар дигар сарчашмаҳо таносуби хоси ҷаримаҳо ба куллӣ эҳсос гардида, дар ҳолати бо ҷаримаи пулӣ иваз намудани ҷазо ба назар мерасад. Чи тавре ки аз адабиёти ҳуқуқӣ бармеояд, барои гуноҳи танофуҳр ё маргарзан 300 сатр ҷарима татбиқ мешуд, ки муодили 1200 дирҳам мебошад [86, с. 367].

Ҳуқуқвайронкунӣ падидаи нав набуда, дар доираи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мавриди матраҳ қарор гирифтааст. Ҳуқуқвайронкунӣ дар таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ мавқеи хосса дошт. Мувофиқи назари баъзе муҳаққиқони авестошинос, барои ҳар чор намуди кирдор (Авауиришта, Аредуш, Огерепта, Пешутану) ҷазоҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд. Чор намуди кирдор [26, с. 324] (Авауиришта, Аредуш, Огерепта, Пешутану)-ро метавон яке аз намудҳои таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ арзёбӣ намуд. Мувофиқи фаргарди 4-и Вандидод, бахши севум (А), қисмати 17 дар зардуштия барои вайрон кардани дахлнопазирии инсон ё ин ки лату кӯб кардани шахси дигар намуди муайяни ҷазо пешбинӣ шудааст: «Касе, ки ба оҳанги задани дигаре бархезад, гуноҳаш Огерепта аст». А.Г. Периханян қайд мекунад, ки «барои содир намудани ҷиноятҳои категорияи огерепт ҷарима ба андозаи 12-16 сатер, аредуш – 30 сатер, хвар – 60 сатер, базай – 90 сатер, йот – 180 сатер ва танафухр – 300 сатер муқаррар шуда буд» [56, с. 255-256]. Касе, ки бар сари дигаре фуруд ояд, то ӯро бизанад, гуноҳаш Авауиришта аст. Касе, ки ба бадхоҳона оғоз ба задани дигаре кунад,

гуноҳаш Аредуш аст. Ҳар гоҳ панҷ бори дигар бад ин кор даст занад, Пешутану шавад [145, с. 41]. Вақте ки шахс ба размафзор (силоҳ) даст мерасонад ва мақсади расонидани зарар ба каси дигарро дорад, кирдораш Огерепта ё гиранда (муносибати ғайриқонунӣ бо силоҳ) мебошад, вақте, ки шахс размафзорро мебардорад, тоб медиҳад ва бо мақсади расонидани зарар ҷониби шахси дигар мегардонад кирдораш ҳамчун Авауиришта баҳогузорӣ мегардад. Аммо вақте шахс бо размафзор ба задан ё зарар расонидан ба таври воқеӣ шуруъ мекунад, яъне силоҳро дар муносибат бо каси дигар истифода мебарад, ки дар натиҷа ҷабрдида зарар намебинад ё ин ки зарари ночизи ҷисмонӣ мебинад, ки давомнокии барқароршавии он на бештар аз се рӯз аст. Пас кирдори чунин шахс дар таълимоти зардуштия ҳамчун Аредуш ҳисобида мешавад. Дар идома ҷазо барои ин гуноҳ дар қисмати дигари Вандидод дарҷ гардидааст: «Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван! Касе, ки ба гуноҳи Огерепта олуда шавад, подафраи гуноҳаш чист? Аҳура Маздо посух дод: Панҷ тозиёна бо аспаҳе-аштра, панҷ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор даҳ тозиёна бо аспаҳе-аштра, даҳ тозиёна бо сраушо-чарана» [26, с. 324].

Бояд хотирнишон сохт, ки яке аз масоили ниҳоят муҳимми ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ ин кирдорҳои зиддиҳуқуқии туҳмату буҳтон ва таҳқиру озор ба ҳисоб мераванд. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, «кирдорҳои зиддиҳуқуқии туҳмат ва таҳқир аз ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ сарчашма гирифта, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ эътироф гардида, ҷазои вазнин дода мешуд» [35, с. 102-103]. Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ туҳмат, дурӯғ, таҳқир ва фиреб ҳамчун кирдорҳои ҷиноятӣ ҳисобида мешаванд [161, с. 34]. У.А. Азиззода дар таҳқиқоти худ оид ба таснифи намудҳои ҷиноят асосу ваҷҳҳои асоснокро ироа намуда, дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ якчанд таснифоти қобили қабули олимонро манзур намудааст [112, с. 36-38], ки дар

бештари маворид тухмат ва таҳқир яке аз ҷиноятҳои вазнин арзёбӣ гардидааст. И.Б. Буризода дар таҳқиқоти худ ба ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ва ба муқобили ахлоқ ишора намудааст [22, с. 30]. А.Г. Периханян низ дар осори илмии беназири худ ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ва ҷиноятҳои динию ахлоқиро манзур намудааст [56, с. 247]. А.Ғ. Холиқзода дар низоми зардуштӣ дигар навъҳои ҷиноятро муайян намудааст [86, с. 322-358; 85], ки дар он ҷиноятҳо ба муқобили озодии шахсӣ, номус ва эътибор шомил мегардид. Аз гурӯҳбандии пешниҳодшуда бармеояд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ амалҳое ба монанди «тухмат», «фиреб» ва «дурӯғ» ҳамчун кирдорҳои гунаҳкорона шинохта мешуданд ва барои онҳо ҷавобгарии ҳуқуқии махсус пешбинӣ гардида буд [161, с. 35]. Таҳқиқотҳои зикршуда нишон медиҳанд, ки чунин кирдорҳо – аз ҷумла, тухмат, таҳқир, дурӯғ ва фиреб дар раддабандии хавфнокии иҷтимоӣ дар ҷойгоҳи дуюм қарор доштанд [86, с. 322-358].

Низоми ҳуқуқии ин давра дорои шумораи зиёди меъёрҳост, ки ҳадафи онҳо ҳимояи озодии шахсӣ, шаъну шараф ва обрӯи иҷтимоии фард мебошад. Зеро озодӣ, эътибор ва арзишмандии шахс ҳамчун неъматҳои маънавии бебаҳо арзёбӣ мешуданд, ки муҳофизати онҳо яке аз вазифаҳои марказии ҳуқуқи он давра ба ҳисоб мерафт [86, с. 334]. Ба андешаи У.А. Азиззода, «Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ чунин намудҳои кирдорҳоро ҳамчун ҷиноят ба муқобили озодии шахсият, шаъну шараф ва эътибори инсон шуморидаанд: а) тухмат; б) таҳқир; в) фиреб; г) дурӯғ» [13, с. 49]. Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки низоми ҳуқуқи зардуштӣ шаъну шарафи инсонро ҳимоя менамуд. Инчунин, низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар баробари дигар ҷиноятҳо фиреб ва дурӯғро ҳам кирдорҳои ҷиноятӣ ҳисоб менамуд [13, с. 35]. И.Б. Буризода дар таҳқиқоти худ таснифи ҷазоҳоро пешниҳод намуда, дар баробари ҷазоҳои ҷисмонӣ, озмоиш (санҷиш) ва ҷазои қатл,

инчунин мафҳуми каффорат (ҷуброн ё товон)-ро низ зикр мекунад [22, с. 31]. Ӯ таъкид менамояд, ки каффорат на танҳо барои зарари моддӣ, балки дар ҳолатҳои расонидани осеби маънавӣ низ татбиқ мешуд ва ҳамин омил гувоҳ бар он аст, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ унсурҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон дар сатҳи муайян ба назар мерасанд. Ин андеша нишон медиҳад, ки мафҳуми «каффорат», ки имрӯз дар қонунгузории муосир низ ҷойгоҳ дорад, ҳанӯз дар даврони ҳуқуқи зардуштӣ истифода мегардид. Дар ҳамин ҳол, бояд таъкид кард, ки ин мафҳум дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти ҳуқуқии қадим камтар ба таври мустақил ё равшан ифода ёфтааст [161, с. 39].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, мафҳуми кафорати гуноҳ на дар низоми ҳуқуқи исломӣ, балки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба вуҷуд омада, амали татбиқи ҳуқуқ, ситонидани товони зарар ва амалҳои ба барқарор намудани зарари расонидашуда, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ мафҳуми «каффорат»-ро ифода менамуданд, ҳанӯз дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ амал менамуд. Бо ҳамин арзишҳо фидя ё товони зарарро барои гуноҳ пардохт мекарданд. Ба андешаи С.А. Раҷабзода, «дар баъзе ҳолатҳо дар ҳуқуқи зардуштӣ барои ҳамон гурӯҳи кирдорҳо ба сифати воҳиди пардохтӣ ҳайвонҳоро истифода мебурданд» [176, с. 51].

Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ барои кирдорҳое, ки бар зидди шахсият равона мешуданд, ҷазоҳои шадид пешбинӣ гардида буданд. Масалан, дар ҳолате ки шахс ба таҳқири дигаре роҳ медод, нисбати ӯ ҷазо дар шакли маҳрумсозӣ аз озодӣ, яъне ҳабс, татбиқ мешуд. Аммо агар чунин кирдор ба таври такрорӣ содир мегардид, он гоҳ ба шахси гунаҳгор ҷазои ниҳоӣ – қатл таъин мешуд [13, с. 39].

Бояд зикр намуд, ки шакли дигари таснифи ҷиноятҳо тибқи Вандидод вуҷуд дорад, ки ҷиноятҳоро ба умумӣ ва хусусӣ ҷудо менамояд. Ба подшоҳ хиёнат намудан ё зарар расонидани ба наздикони

ӯ, табадулоти давлатӣ, итоат накардан ва иҷро накардан ба фармони шоҳ ҳамчун ҷиноятҳои вазнин ба ҳисоб мерафт [50, с. 146].

Ба ҷиноятҳои хусусияти хусусидошта метавонист одамкушӣ, расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ва ғ. шомил бошад. Ногуфта намонад, ки дар ҷиноятҳое ки хусусияти хусусӣ доштанд, хешовандони наздики ҷабрдида ҳуқуқ доштанд, ки ҷинояткорро бубахшанд, агар ҷинояткор зарари расонидашударо ҷуброн менамуд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои шахсоне, ки бар зидди шахсият ва моликияти инсон содир мешуд, вазнин ҳисобида мешуд. Масалан, барои дуздӣ, расонидани зарари миёна ба ҷинояткор бори аввал ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда мешуд. Агар ҷинояткор такроран кирдорҳои дуздӣ ва ғоратгариро содир менамуд, бо ҳукми қатл муҷозот мегардид. Аз ин маълум мегардад, ки аломатҳои вазнинкунанда ҳанӯз дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ амал менамуд, ки аз пешрафта будани ин низоми ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад. Аммо дар ҳолати содир намудани ҷиноятҳои хусусияти умумидошта бошад ҳангоми бори аввал содир намудани ҷиноят, ҷазои вазнин татбиқ карда мешуд [14, с. 84].

Аз давраҳои бостон то имрӯз татбиқи ҷазои қатл ҳамеша мавриди баҳсу баррасӣ қарор доштааст. Бо густариши ҷаҳонбинии динӣ ва таҳаввули арзишҳои ахлоқӣ, ниёз ба истифодаи ин навъи ҷазо коҳиш ёфта, тадриҷан бо дигар шаклҳои ҷазодиҳӣ иваз карда мешуд. Дар Авесто низ ин раванд мушоҳида мешавад: ҳукми қатл (яъне марги ҷисмонӣ ва маҳрум шудан аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ) тадриҷан бо ҷазоҳои сабуктар, аз қабили марги мулкӣ ё маҳрумсозии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ иваз мегардид. Ин навъи ҷазо, одатан, нисбат ба он ашхосе татбиқ мешуд, ки ҷиноятҳои зидди арзишҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ содир менамуданд. Аз ҷумла, бе нигоҳубин гузоштани оила, хиёнат ба ҳамсар, рафтори номатлуби занони бешавҳар ё содир кардани одамкушӣ ба чунин кирдорҳо шомил буданд. Қобили зикр аст, ки чунин ҷиноятҳоро метавон

ба ду гурӯҳ ҷудо кард: ҷиноятҳои умумие, ки манфиатҳои ҷамъият ва ҳокимиятро зери хатар мегузоранд ва ҷиноятҳои хусусӣ, ки одатан бо ташаббуси шахсии ҷабрдида ва тариқи парвандаи хусусӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Ин таснифот дар таҳқиқи табиати ҳуқуқвайронкуниҳо ва муносибати ҷомеа ба ҷиноят муҳим мебошад ва ниёз ба шарҳи амиқтар дорад. Бо назардошти ҳолатҳои мазкур, мувофиқи мақсад мешуморем, ки ҷиноятҳои зидди манфиатҳои оммавӣ-ҳокимиятӣ аз ҷиноятҳои хусусияти хусусидошта фарқ карда шуда, таснифоти он дуруст ба роҳ монда шавад.

Ба ақидаи А.Г. Периханян, кирдорҳое ба монанди итоат накардан ба шавҳар, ҳамзистии ҷинсӣ ҳангоми ҳайз дидани зан, зино намудан, таҷовуз намудани ноболиғ ва ғайра, ба қатори кирдорҳои сазовори ҷазо будае шомил мегардиданд, ки хусусияти диниву ахлоқӣ доштанд. Ҳамчунин, ҷиноятҳо бар зидди дин беэҳтиромӣ нисбати ашёҳои динӣ ва беэҳтиромӣ нисбати ҷойҳои муқаддас эътироф мешуданд [56, с. 251].

Сатҳи дарки мафҳуми ҷазо, арзёбӣ ва тафсири он дар ҳудуди ҷуғрофиёии Тоҷикистони кунунӣ, махсусан дар давраҳои бостон ва асрҳои миёна, зери таъсири як қатор омилҳо қарор гирифтааст. Аз ҷумла, набудани асноди устувори ҳуқуқӣ, мавҷуд набудани тафсири равшан ва комили мафҳуми ҷазо, таснифоти мушаххаси навъҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷазоҳо, инчунин камбуди низоммандии татбиқи муҷозотҳо аз ҷумлаи омилҳои ҳалкунандае буданд, ки ба шаклгирии фаҳмиш ва амалияи ҷазодиҳӣ дар ин минтақа таъсири амиқ расониданд. Авесто, Вандидод, Додномаи Сосонӣ дар аҳди қадим, Динкарт, Ардавирофнома, «Шояст-нашояст» ва дигар қоидаҳои ҳуқуқие, ки дар ин давра амал мекарданд, бештар хусусияти пароканда ва тасодуфӣ доштанд. Аз ҳамин сабаб, онҳо ба муқаррароти умумии ҳуқуқии муосир мувофиқ набуда, бештар ба фаҳмиши ҷудогона ва ғайрисистемавии баъзе навъҳои муҷозот маҳдуд мешуданд. Дар он давра фаҳмиши

умумии ҷазо, меъёрҳои ҷудокунии гуногуннамудии ҳуқуқвайронкуниҳо, мафҳумҳои умумӣ, мақсадҳои ҷазо, меъёрҳои тартиби системаноки онҳо муайян карда нашуда буданд.

Бо таҳлилу баррасии мавзуи мафҳум ва намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ тибқи Вандидод метавон ба ин нукот ишора намуд:

1. Агар ба гузаштаи ниёгони худ назар намоем, бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие ба монанди «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояст-нашояст», «Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Панду андарзҳои Анӯшервон» ва ғайра эҷод шудаанд, ки, дар ин маҷмуи қоидаҳо бархе аз ҳуқуқҳои асосии табиӣ ва иҷтимоӣ инъикос ёфта буданд, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, зиндагии шоиста, озодии интихоби касб ва никоҳ, ҳуқуқ ба моликият, дастрасӣ ба таҳсил, муҳити зисти солим ва ҳатто ҳуқуқ ба муҳофизати ҳайвоноти фоидаовар. Ҳама гуна рафторҳои зиддиҷамъиятие, ки бар хилофи ҳаёт, саломатӣ, моликият ва озодиҳои инсон равона мегардиданд, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ ҳисобида мешуд.

2. Дар Вандидод ҳама гуна фаъолият ва кирдоре, ки бар хилофи хостаҳои Аҳурамаздо ва ё муқобили фармудаҳои ӯ амалӣ мегардад, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ эътироф мешуд.

3. Ҷазоҳо, асосан, намудҳои зерин доштанд:) ҳукми қатл; 2) ҷазои ҷисмонӣ; 3) ҷарима ва каффораи гуноҳ; 4) корҳои ислоҳӣ; 5) маҳдуд кардани озодӣ; 6) маҳрум сохтан аз озодӣ; 7) аз ҷамъият хориҷ кардан ва бадарға кардан; 8) мусодираи молу мулк; 9) маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян.

4. Таҳлили низоми ҳуқуқии марбут ба давраи зардуштӣ нишон медиҳад, ки фаҳмиши ҳуқуқвайронкунӣ дар ин давра зери таъсири рушди иҷтимоию сиёсӣ ва таҳаввули мафкураҳои ахлоқӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ пайваста тағйир ёфта, мутобиқ ба воқеияти замон инкишоф меёфт. Ҷазоҳо дар асоси вазнинии кирдори содиршуда, мавқеи ҳуқуқии шахси

гунаҳгор ва аҳаммияти объекти зери ҳимоя муайян ва татбиқ мегардиданд.

5. Бо такя ба таҳқиқоти анҷомдодашуда, метавон гурӯҳбандии зеринро ҳамчун таснифи ҷиноятҳо дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ пешниҳод кард:

1) ҷиноятҳое, ки бар зидди арзишҳои динӣ равона шудаанд;

2) ҷиноятҳо алайҳи ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои сиёсӣ;

3) ҷиноятҳо бар зидди шахсият, ки иборатанд аз:

а) кирдорҳои мухолифи ҳаёт ва саломатии инсон;

б) амалҳои зидди озодӣ, дахлнопазирии шахсӣ ва шаъну шараф;

4) ҷиноятҳо алайҳи муҳити зист ва ҳайвоноти фоидаовар;

5) ҷиноятҳо дар соҳаи моликият ва амволи шахсӣ.

### 2.3. Мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод

Падидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамзамон бо ташаккули давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқӣ зуҳур кардааст. Дар он марҳилаҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таври мураттаб ташаккул меёфтанд, онҳо бо тасдиқи ниҳоди ҳокимият ва зери назорати он мавриди амал қарор мегирифтанд. Урфу одатҳои дар ҷомеа роиҷ, ки дар даврони сохтори ибтидоии иҷтимоӣ танзимгари равобити ҷамъиятӣ ба шумор мерафтанд, ҳамчун поя ва замина барои ташаккули низоми расмии ҳуқуқӣ хизмат кардаанд.

Муҳим аст, ки ба раванд ва марҳилаи ташаккули ҷавобгарии ҳуқуқӣ диққати хос дода шавад. Зеро дар марҳилаҳои ибтидоии ҷомеа урфу анъанаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамзамон амал мекарданд, ки бисёре аз онҳо реша дар таълимоти дини зардуштӣ доштанд. Ин меъёрҳо дар яке аз қисмҳои муҳимми Авесто – Вандидод, ки ҳамчун маҷмуаи муқаррарот зидди девҳо шинохта мешавад, ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як шакли танзими иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ бо пайдоиши ҷомеа ба миён омада, ибтидоан ба қоидаҳои

ахлоқӣ ва анъанаҳои иҷтимоӣ такя мекард. Танҳо дар марҳилаҳои баъдӣ он ба шакли расмии ҳуқуқӣ табдил ёфт ва таҳти назорати ҳокимияти давлатӣ қарор гирифт.

Дар яке аз ёдгориҳои қадимии ҳуқуқии шарқ – «Қонуни Ману»-и Ҳиндустон, ки ба асрҳои II пеш аз милод то асри II мелодӣ мансуб аст, ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои як қатор ҷиноятҳо, аз ҷумла бар зидди давлат, моликият, шахсият ва сохтори оилавӣ, ба таври муфассал пешбинӣ шудааст. Гуфта мешавад, ки бисёре аз ин муқаррарот аз таълимоти куҳанбунёди Авесто таъсир гирифтаанд.

Барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти давлатӣ, ба монанди дуздӣ аз хазинаи шоҳ, сарпечӣ аз иҷрои фармонҳои подшоҳ ва кумак ба душманони ҳоким, дар «Қонуни Ману» ҷазоҳои сахт, аз ҷумла ҳукми қатл ва ҷарима муқаррар шуда буданд. Ҳамчунин, ворид шудан ба анборҳои подшоҳӣ ва рабудани филҳо, аспҳо ё аробаҳои шоҳона низ ҳамчун ҷиноятҳои ҷиддӣ арзёбӣ шуда, бо ҷазои сахт мувоҷеҳ мегардиданд.

Дар ҳар ду ҳолат – ҳам барои ҷиноятҳои сиёсӣ ва ҳам иқтисодӣ ҷазоҳо метавонанд ҳукми қатл ё ҷарима бошанд, бо вуҷуди он ки дар он давра андозаи дақиқи ҷаримаҳо аксаран муайян нашуда буд. Илова бар ин, мусодираи амвол ҳамчун муҷозот нисбат ба он савдогароне татбиқ мешуд, ки ҳуқуқи истисноии шоҳро дар савдои молҳои муайян нодида мегирифтанд ва ба монополияи шоҳона халал мерасониданд.

Дар таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ дуздӣ ҳамчун яке аз ҷиноятҳои равонашуда алайҳи моликият шинохта мешуд ва ба таври мушаххас дар низоми ҳуқуқии он замон танзим гардида буд. Дар робита ба ин масъала, бояд таъкид кард, ки аллакай дар ҳамон давра байни дуздӣ ва роҳзанӣ фарқ гузошта мешуд ва ҷазо барои ҳар кадом бо дарназардошти ҳаҷми зарари расонидашуда муайян мегардид.

Р.Ш. Шарофзода қайд менамояд, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони босалоҳият татбиқ мешавад» [79, с. 680-684]. Аз нуқтаи назари таҳқиқотӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ пеш аз ҳама ҳамчун шакли масъулияти иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Ин масъулият на танҳо дар баробари давлат, балки дар назди ҷомеа, хонавода, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дигар сохторҳои ҳамдастӣ ифода меёфт. Ба ҳамин тартиб, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми зардуштӣ на танҳо дорои хусусияти ҷазодиҳӣ, балки тарбиявию танзимгарона низ буд.

Ба андешаи С.А. Раҷабзода, «ҷавобгарии ҳуқуқӣ чораи маҷбурсозии давлатӣ мебошад, ки дар асоси ҳуқуқвайронкунии содиршуда аз ҷониби мақомоти босалоҳияти давлатӣ бо тартиби махсус татбиқ гардида, ба ҳуқуқвайронкунанда маҳрумият ва маҳдудиятҳои шахсӣ, молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро пеш меорад» [176, с. 24]. З.Х. Зокирзода чунин менигорад: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин чораи маҷбуркунии бо маҳкумкунии давлатии гунаҳгор алоқамандест, ки нисбати ҳуқуқвайронкунанда татбиқ шуда, аз зарурати гирифтор шудан ба маҳрумиятҳои хислати шахсӣ (маҳрум шудан аз озодӣ), молумулкӣ (мусодираи молу мулк, ҷарима) ва ташкилӣ (маҳрум шудан аз вазифаҳои муайян ё фаъолияти муайян) дошта иборат аст» [36, с. 30].

Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои мушаххасе мебошад, ки онро ҳамчун як зуҳуроти муназзами ҳуқуқӣ тавсиф мекунанд. Ӯ дар таҳлили худ чунин аломатҳоро барҷаста медонад: а) ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо дар натиҷаи содир гардидани ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ мегардад; б) он бар асоси муқаррароти пешбинишуда дар қонунгузорӣ амалӣ мешавад; в) татбиқи он бо риояи шакл, тартиб ва расмиёти махсус анҷом мегирад; г) танҳо аз ҷониби ниҳодҳои салоҳиятдори давлатӣ амалӣ карда мешавад; ғ) хусусияти ҳатмӣ ва императивӣ дошта, ихтиёр ба шахс дода намешавад; д) нисбат

ба шахс маҳрумиятҳои муайяни аз ҷониби қонун муқаррааргардидаро ба бор меорад; е) ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи амалисозии санксияҳои муқарраршудаи меъёрҳои ҳуқуқ хизмат мекунад; ё) татбиқи он вазъи ҳуқуқии шахси ҳуқуқвайронкардаро тағйир медиҳад [78, с. 617-618]. Ба андешаи Э.С. Насриддинзода, ба хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ду унсури муҳимми дигар низ илова карда шаванд: он бо маҷбурсозии давлатӣ таъмин мегардад ва татбиқи он дар доираи расмиёти мурофиавӣ сурат мегирад [51, с. 149-150].

Дар масъалаи таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ назарияҳои гуногун вуҷуд доранд. Бархе аз муҳаққиқон ба он ақидаанд, ки мансубияти соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ наметавонад ягона меъёр барои гурӯҳбандии он бошад. Аз ҷумла, О.Э. Лейст чунин изҳор медорад: «Ҳадафи асосии таснифи навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ – фарогирии тамоми навъҳои он мебошад». Бо назардошти ин нуқтаи назар, ӯ ҷавобгарии ҳуқуқиро ба ду шакл ҷудо менамояд: ҷавобгарии барқароркунандаи ҳуқуқ ва ҷавобгарии дорои хусусияти ҷазодиҳанда [133, с. 28]. Агар ба назари муаллиф такя намоем, ду навъи асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ҷавобгарии барқароркунандаи ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҷазодиҳанда мавҷуданд. Дар дигар таҳқиқоти худ низ О.Э. Лейст таъкид мекунад, ки шаклҳои калидии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз мазмуни он санксияҳо вобастаанд, ки дар посух ба содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ мегарданд [47, с. 602]. Санксияҳо, вобаста ба усуле ки барои ҳифзи низоми ҳуқуқӣ хидмат мекунанд, ба ду шакли асосӣ тақсим мешаванд: аввал, санксияҳои барқароркунандаи ҳуқуқ, ки ба бартарафсозии бевоситаи зараре равона шудаанд, ки бо амали ҳуқуқвайронкунанда ба тартиботи ҳуқуқӣ расонида шудааст; ва сониян, санксияҳои ҷазодиҳанда ё ҷаримавӣ, ки ҳадафи онҳо таъсир расонидан ба шахси ҳуқуқвайронкунанда бо мақсади пешгирии ҷиноятҳои минбаъда, ҳам дар сатҳи инфиродӣ ва ҳам умумӣ мебошад.

Дар чунин тасниф, ба ақидаи мо муҳимтарин ҷанба на таркиби дохилии санксия, балки вазифа ва нақши функсионалии он аст яъне он вазифаҳое, ки механизми ҷавобгарии ҳуқуқиро ба таври амалӣ татбиқ мекунанд.

Дар воқеъ, масъалаи таснифи соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ имрӯз бояд мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирад, зеро маҳз ба тавассути чунин раванд шарҳи ҳамаҷонибаи моҳияти бархе аз шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имконпазир мегардад [176, с. 27]. Меъёрҳое, ки асоси гурӯҳбандии навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, аз хусусиятҳои махсус ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ иборатанд. Ин омилҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври возеҳ муайян гардад, балки робитаи он бо низоми умумии ҳуқуқ, мансубияти соҳавии шаклҳои алоҳидаи ҷавобгарӣ ва ҳамгироии навъҳои мухталифи он низ равшан карда шавад [176, с. 26]. Мансубияти соҳавӣ ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии таснифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ шинохта мешавад. Тавре маълум аст, аксарияти муҳаққиқон дар ҷараёни таҳлили соҳаҳои ҳуқуқӣ, назарияҳои худро дар асоси хусусиятҳои фаннӣ ва усулҳои махсуси танзими ҳуқуқӣ баён доштаанд [79, с. 625-626; 81, с. 196; 82, с. 188-189; 173, с. 10]. Бояд хотирнишон сохт, ки меъёрҳои соҳавӣ имкон медиҳад, то қонунияту умумияти ташаккулу рушди давра ба давравии ин ё он шакли амалинамоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ошкор шуда, табиати ҳуқуқии он вобаста аз соҳаҳои ҳуқуқ муайян карда шавад. Чи тавре ки Р.Л. Хачатуров қайд менамояд: «Таснифи ҷавобгарӣ вобаста аз мансубияти соҳавӣ барои такмили қонунгузориҳо ва фаъолияти ҳуқуқӣ аҳаммияти бузург дошта, барои шаҳрвандон дастрас мебошад ва ба сатҳи дарки ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат мекунад» [149, с. 40].

Одатан, навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо назардошти мансубият ба соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ ҷудо карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, чунин шакли гурӯҳбандӣ на ҳамеша бо сохтори соҳавии низоми ҳуқуқ комилан

мутобиқат мекунад. Яке аз сабабҳои аслӣ дар он аст, ки шумораи шаклҳои ҷавобгарӣ нисбат ба шумораи соҳаҳои ҳуқуқ камтар мебошад. Илова бар он, ҳолатҳое низ мавҷуданд, ки барои поймолсозии меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои мухталиф метавон як навъи ягонаи ҷавобгарӣ татбиқ гардад [133, с. 29]. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода, «дар асоси таснифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ дар адабиёти ҳуқуқӣ маъмулан ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, моддӣ ва интизомиро ҷудо мекунанд» [17, с. 31-47; 41, с. 259; 51, с. 152-153; 76, с. 544-546; 79, с. 640].

Метавон намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ, молиявӣ ва экологиро бо такя ба Вандидод таҳқиқу баррасӣ намуд.

***Ҷавобгарии ҷиноятӣ.*** А.Ғ. Холиқзода низоми ҳуқуқии зардуштиро мавриди омӯзиш қарор дода, иброз менамояд, ки ҳифзи саломатӣ дар тамаддуни зардуштӣ соҳиби ҷойгоҳи махсус буд. Алалхусус, дар давраи ҳомиладории зан ба ӯ иҷозати исқоти ҳамл дода намешуд. Чунин тадбир ба хотири нигоҳ доштани ҳаёт ва саломатии кӯдаки дар батни модар буда, инчунин, бо мақсади ҳифзи саломатии зан сурат мегирифт. Аз ин маълум мегардад, ки тамаддуни зардуштӣ ҳифзи саломатии кӯдакро ҳанӯз аз батни модар ба роҳ монда буд. Дар фаргарди 5, сархати 45-и Вандидод қайд гаштааст, ки ҷанини дар батни модар пайдошуда аз якмоҳагӣ то даҳмоҳагӣ мавриди ҳифз қарор мегирад [86, с. 193-201]. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи таъмини амнияти ҳаёт ва саломатии инсон аҳаммияти махсус дода мешуд. Дар манбаи аслии ҳуқуқии он давра - Авесто - барои кирдорҳое, ки боиси осеб расонидан ба саломатӣ мегардиданд, ҷазоҳои мухталиф пешбинӣ шуда буданд [13, с. 31]. Аз ҷумла, нисбат ба шахси гунаҳгор ҷазои ҷисмонӣ, ба монанди лату кӯб бо тозиёна, татбиқ мешуд. Дар ин замина, Куруши Кабир низ дар Эъломияи машҳури худ ба ҳуқуқи инсон барои зиндагӣ ва ҳаёти шоистаю хушбахтона таъкид намуда буд [31, с. 10].

Дар ҳуқуқи зардуштӣ инсон аз волотарин ҳуқуқҳо бархӯрдор буд, ҳатто ба ҳифзи ҳаёти кӯдаки дар батни модар буда ва навзод таваҷҷуҳ карда мешудааст. Чунончи, агар зан бо кумаки табиб исқоти ҳамл мекард, тибқи ҳуқуқи зардуштӣ, ҳар ду – зан ва табиб, ба марг маҳкум мешуданд [14, с. 84].

Қобили зикр аст, ки манбаъҳои ҳуқуқии марбут ба таълимоти зардуштӣ инсониятро ҳамчун маркази арзишҳои ҳастӣ ва мавҷуди муҳимми олам муаррифӣ мекунанд. Дар ин сарчашмаҳо ҳамеша ба волоияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мақоми баланди ӯ дар ҷомеа ва зарурати ҳифзи амволу дороии шахсӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Яке аз асарҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ва фалсафии ин низом «Ардавирофнома» мебошад, ки саргузашти сафар ба ҷаҳони охиратро тавассути шахси руҳонӣ бо номи Вироф баён мекунад [155, с. 57-60]. Мувофиқи ривояти мазкур, Вироф ба ҷаҳони пас аз марг ворид шуда, шоҳиди мурофиаи судии руҳҳо мегардад, ки дар он гунаҳкорон барои кирдорҳои нодурусти худ муҷозот мегиранд ва шахсони некандешу покрафтор ба зиндагии саодатмандонаи пас аз марг қадр карда мешаванд. Бар асоси маълумоти ин манбаи дорои хусусиятҳои динию ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои амалҳое ба монанди дуздӣ, зино, туҳмат, таҳқир, дурӯғ ва дигар кирдорҳои ба арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мухолиф муқаррар гардида буд. Дар ин манбаи ҳуқуқии қадим, ҳуқуқҳои марбут ба моликият, шаъну шараф, покии оила, эътибору обрӯи шахсӣ, муқаддасоти динӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва муҳити зист мавриди ҳимояи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд [162, с. 18].

Таҳлили ин нуктаҳо нишон медиҳад, ки амалҳое ба мисли дуздӣ, зино, дурӯғ, туҳмат ва таҳқир ҳамчун кирдорҳои зараррасон ба сатҳи маънавии инсон арзёбӣ мешуданд. Ба андешаи мо, муқарраротӣ зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, махсусан дар заминаи зарари маънавӣ, аҳаммияти махсус медод. Илова бар ин, барои содир намудани

чунин амалҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида буд, ки ин нишонаи муносибати ҷиддии он давра ба арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Баъзе муҳаққиқон бар он андешаанд, ки тибқи Вандидод, на танҳо ҷавобгарии дунёӣ, балки ҷавобгарии баъд аз марг низ мавҷуд аст. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов, «низоми ҳуқуқи зардуштӣ, ки низоми хусусияти динидошта ба ҳисоб мерафт ва сарчашмаи асосии онро меъёрҳои дини зардуштӣ ташкил медоданд, нисбати шахси гунаҳкор дар кирдори манъгардида, дар баробари ҷавобгарии дунёӣ, ҷавобгарии баъди маргро низ пешбинӣ менамуд» [161, с. 18].

Дар асари «Мотикони ҳазор додистон», ки ҳамчун манбаи муҳимми таърихию ҳуқуқӣ шинохта мешавад, масъалаи ҷазоҳо ба таври муфассал ва ҳамаҷониба таҳлил шудааст. Бино ба маълумоти баъзе муаррихон, муаллифи ин асар Фрахвмарт, писари Баҳром, дониста мешавад. Нусхаҳои қадимии ин китоб дар китобхонаҳои маъруфи Эрон, Фаронса, Британиёи Кабир, Русия, Миср ва дигар кишварҳо ҳифз карда мешаванд.

Ин асар ба ҳафт бахши асосӣ тақсим мешавад, ки ҳар яке ба як соҳаи муҳимми ҳуқуқ бахшида шудааст: а) ҳуқуқи инсон; б) масъалаҳои марбут ба гурӯҳҳои агнистикӣ, аз ҷумла оила ва никоҳ; в) ҳуқуқҳои марбут ба молу мулк ва дороии шахсӣ; г) дороии оилавӣ ва муқаррароти марбут ба мерос; ғ) ҳуқуқи ҳатмӣ (муқаррарот ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ); д) ҷиноятҳо ва ҷавобгарии ҷиноятӣ; е) тартиби мурофиаи судӣ ва расмиёти он

Дар қисми шашуми «Мотикони ҳазор додистон» намудҳои гуногуни ҷиноятҳо мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ҷиноятҳо алайҳи подшоҳ, намояндагони шоҳ дар вилоятҳо (ҳуккоми таъиншуда), ашрофон, заминдорон, тоҷирон, руҳониён ва ҳатто ғуломон ҷудогона баррасӣ шудаанд. Барои шахсони гунаҳгор вобаста ба дараҷаи ҷиноят, навъҳои гуногуни ҷазо, аз ҷумла ҳукми қатл, ҷазоҳои ҷисмонӣ, пардохти ҷарима ва мусодираи амвол татбиқ мегардид [128, с. 235]. Дар ҳамин бахш таъкид мешавад, ки агар ашёи рабудашуда, ғасбгардида ё

duздишуда ошкор шавад, шахси гунаҳгор уҳдадор аст, ки ҳам худи мол ва ҳам товони зарарро ба соҳибаш бозгардонад. Қисми ҳафтуми асар ба масъалаҳои марбут ба тартиби мурофиаи судӣ бахшида шудааст. Дар он тарзи ташкили мурофиа, навъҳои далелҳо, мақоми ордалия (санҷиши илоҳӣ) ва суннати қасамхӯрӣ ҳамчун унсурҳои асосии адои адолати ҳуқуқӣ ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд.

Хулоса, ба андешаи мо, асари «Мотикони ҳазор додистон» далели равшани мавҷудияти низоми муназзами ҳуқуқӣ дар давраи Сосониён мебошад. Ин қонун на танҳо барои ҳифзи тартиботи давлатӣ, балки барои танзими муносибатҳо байни ҳамаи табақаҳои иҷтимоии он замон низ хизмат мекард ва ба таври умумӣ татбиқ мегардид. Дар қисми 47-и фасли 42-и Мухтасари қонунномаи Сосониён навишта шудааст, ки: «Мувофиқи фармони махсус, ҳар молу мулки барои ташвиқи зиндиқия (дуализм, куфр) ё пайваст шудан ба зиндиқиён (одамони ғайримазҳаби зардуштӣ) мусодирашуда (дар ҳар шаҳре) ба подшоҳ тааллуқ дорад» [88, с. 147]. Аммо сиёсати Хусрави IV (579-590), ки аз мусодираи молу мулки ашрофон ба фоидаи сипоҳиёни одӣ ва таъқиби руҳониёни зардуштӣ иборат буд, раванди муътадилшавии ҳолати сиёсии ҷомеаи сосониро душвор гардонид.

***Ҷавобгарии маданӣ.*** Ҳуқуқи мадании зардуштӣ меъёрҳоеро дар бар мегирифт, ки муносибатҳои ҳуқуқии мадании ҷанбаи молумулкидошта ва ғайримолумулкидоштаи шахсиро, ки байни зардуштиён ва намояндагони динҳои дигар ва ғайра роиз буд, танзим мекард [170, с. 70]. Дар ин ҳолат нақши муҳимро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳои китоби муқаддаси зардуштӣ – Авесто иҷро мекард. Меъёрҳои Авесто вазъи ҳуқуқии субъектони муносибатҳои шаҳрвандиро муқаррар менамуд. Ба андешаи Н.Ш. Курбонализода, «Авесто ва зардуштия, умуман, ҳамчун сарчашмаи сегонаи меъёрҳои иҷтимоӣ, ҳамчун динӣ, маънавӣ ва ҳуқуқӣ, таснифи меъёрҳои ҳуқуқиро ба соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ намедонист. Вале дар робита ба ин меъёрҳои

муайяне мавҷуд буданд, ки аз рӯйи онҳо тибқи Вандидод ҷавобгарии маданӣ муқаррар мегардид. Шартнома ҳамчун ниҳоди ҳуқуқи маданӣ маҳсуб ёфта, нисбати он ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида буд. Ба андешаи муҳаққиқ, дар Авесто баъзе намудҳои шартнома муайян гардида буд, ки шаҳрвандон метавонистанд онро банданд. Ба зумраи онҳо шартнома – кафолати шифоҳӣ, шартномаи кафолат, ки бо дастфишурӣ амалӣ мегардад, шартнома – кафолат бо гӯсфанд, шартнома – кафолат бо ғулом ва ғайра дохил мешаванд. Ғайр аз ин, дар ҳуқуқи зардуштӣ дар бораи шартномаи хариду фурӯш аз ҷониби истеҳсолкунандагон ёдоварӣ мешавад» [170, с. 71]. Масалан, нисбат ба косибон дар «Аҳкоми руҳи Хирад» навишта мешавад, ки: «Уҳдадории косибон дар он аст, ки ба коре, ки онҳо намедонанд, нарасанд, онеро, ки онҳо медонанд, хуб иҷро кунанд ва аз рӯйи адолат муздро талаб намоянд». Ҳуқуқи зардуштӣ соҳибмулкон ва истеҳсолкунандагонро уҳдадор менамояд, ки ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш ба арзиши воқеии амвол такя дошта бошанд [88, с. 120].

«Қонунномаи Сосониён» яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқиест, ки дар он оид ба масъалаҳои оилавӣ муқарароти ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Қонунномаи мазкур бо номи «Қонуни мадании зардуштиён» низ ёд мешавад. Ба чунин ном номгузорӣ шудани сарчашмаи мазкурро профессор М.З. Раҳимзода, чунин шарҳ медиҳад: «Қонуни мадании зардуштиён номгузорӣ кардани «Қонунномаи Сосониён» бесабаб намебошад, зеро дар чилу чор фасл асосан сухан дар бораи муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла оилавӣ, мерос, мурофиаи маданӣ, муомилот, кафолат, замонат ва ғайра меравад» [136, с. 15]. Ба андешаи М.З. Раҳимзода, розӣ бояд шуд, чунки кафолат, замонат, гарав, байъона дар ҳуқуқии мадании зардуштӣ амал менамуд. Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолат ҳамчун шакли таъмини иҷрои уҳдадориҳо чунин муайян карда мешавад:

бонк, дигар муассисаи молиявии қарздиҳанда ё ташкилоти суғуртавӣ (кафил) бо хоҳиши шахси сеюм (принсипал) ба нафъи кредитори уҳдадорӣ (бенефитсиар) уҳдадории хаттӣ медиҳад, ки дар асоси он ӯ бо пешниҳоди расмии талабномаи бенефитсиар маблағи муайянро пардохт менамояд. Дар доираи шартномаи замонат, зомин уҳдадор мегардад, ки дар назди кредитори шахси дигар барои иҷрои пурра ё қисман уҳдадориҳои ӯ масъул бошад. Тибқи механизми гарав, агар қарздор уҳдадориҳои худро иҷро накунад, кредитор (дорандаи гарав) ҳуқуқ пайдо мекунад, ки талаботи худро пеш аз дигар кредиторон аз ҳисоби арзиши молу мулке, ки ба сифати гарав гузошта шудааст ва ба шахси муайян (гаравдеҳ) тааллуқ дорад, қонеъ намояд. Масъалаи ба гарав гузоштани ҳуқуқи истифода аз замин, корхонаҳо, биноҳо, иншоотҳо, манзилҳо ва дигар молу мулки ғайриманқул тибқи қонуни махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ипотека танзим карда мешавад. Шаклгирии гарав метавонад ҳам дар асоси шартномаи дахлдор ва ҳам бар пояи санади қонунӣ ба миён ояд. Байъона бошад, ҳамчун маблағе шинохта мешавад, ки як тараф ҳангоми бастани шартнома ба тарафи дигар месупорад – ҳам бо мақсади исботи баста шудани шартнома ва ҳам барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои пешбинишуда тибқи он [93, с. 189]. Аз ин ҷо хулоса карда мешавад, ки ниёгони мо ҳазорсолаҳо пеш, тибқи Вандидод ниҳодҳои кафолат, замонат, гарав, байъона истифода мебурданд, ки дар сурати риоя накардани меъёрҳои марбута ҷавобгарии маданӣ дар пай дошт.

***Ҷавобгарии оилавӣ.*** Халқи тоҷик аз қадимулайём ба масъалаи ҷавобгарии оилавӣ диққати махсус зоҳир менамуд. Таълимоти зардуштӣ низоми оиларо аз марҳилаи пайдоиш то ташаккули сохтор ва унсурҳои он дар асоси муқарраротҳи динӣ, урфу анъана ва ҳуқуқ ба таври равшан муайян намудааст. Дар тули давраи ташаккули худ, ин таълимот ба масъалаҳои марбут ба оила – аз ҷумла мақоми зан ва модар, ҳуқуқи кӯдак, масъалаи фарзандхонӣ, никоҳ ва шартҳои он, ҷудошавии зану

шавҳар ва дигар ҷанбаҳои муҳими равобити оилавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои танзими онҳо меъёрҳои муайяни ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст, барои риоя нашудани он ҷавобгарии ҳуқуқии оилавиро пешбинӣ намудааст. Ба андешаи А.М. Диноршоҳ ва Ҷ. Саъдизода, «дар Авесто аксаран ба танзими муносибатҳои оилавӣ, махсусан ба масъалаҳои ақди никоҳ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва муносибатҳои молумулкии зану шавҳар дар оила диққат дода шудааст» [121, с. 32]. Ин сарчашмаҳо ба андешаи мо, саршор аз андешаҳои волои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд ва доираи мавзуъҳои фарогири онҳо паҳлуҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегиранд. Яке аз масъалаҳои марказӣ дар ин манобеъ тарзи дурусти ташкили оила, тарбияи шоистаи фарзандон ва риояи ҳуқуқу манзалати онҳо дар муҳити хонаводагӣ ба шумор меравад.

Дар таълимоти зардуштия оила барпо намудан яке аз корҳои нек ва писандида маҳсуб мешавад, зеро аз он саркашӣ кардан ва ихтиёри зиндагӣ ба ҳолати танҳоӣ амали бад буда, мавриди накӯҳиш қарор мегирад. Дар бештари маврид дар китоби Авесто шахсон муваззаф гардидаанд, ки аз зино ва корҳои ҳаром бипарҳезанд ва ҳамеша кӯшиш намоянд, ки гоме бар хилофи иффат, покдоманӣ, ашоӣ ва парҳезгорӣ бар надоранд. Дар таълимоти зардуштӣ оила муқаддас эътироф гардида, хиёнат кардан ба ҳамсар ҳамчун кирдори манфӣ баҳо дода мешуд. Тибқи Вандидод, зан бояд нисбат ба шавҳар аз садоқати хос бархӯрдор бошад, иффат ва покдомании худро нигоҳ дорад. О.Қ. Каримов, А.С. Сайфуллоев ва А.Ҷ. Исомитдинов чунин менигоранд: «Дар Авесто теъдоди зиёде аз гуноҳҳо зикр ёфтаанд, аз ҷумлаи онҳо беиффатӣ ва бисёрзанӣ мебошад» [43, с. 55]. Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои наҷот ёфтан аз гуноҳи беиффатӣ ин барпо намудани оила ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки ин меъёр ба воситаи пешгирӣ намудан худро аз гуноҳи беиффатӣ аз ҷониби таълимоти зардуштия баёнгари бунёд ва ташкили

оилаи солим мекунад. Тавре У.А. Азиззода қайд менамоянд, «агар зан шавҳарашро хиёнат мекард, он гоҳ ба вай ҷазои қатл татбиқ карда мешуд, ҳатто мард метавонист худаш ва ҳамсарашро қатл намояд барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ» [13, с. 34].

Ба оила ҳамчун ячейкаи асосии ҷомеа дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аҳаммияти махсус дода мешуд, масалан, ба масъалаи амонатдории ҳамдигарии зану шавҳар ва канораҷӯӣ аз ҳама гуна хиёнат дар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ таъкидҳо шудааст. Хусусан, дар ин низоми ҳуқуқӣ хиёнати зан нисбат ба шавҳар нобахшиданӣ буд ва то ҷойе ин мантиқӣ ҳам ҳаст, зеро пояи асосии хонаводa зан буда, ислоҳ ва гумроҳии мард бештар ба ӯ бастагӣ дорад. Воқеан, метавон аз меъёрҳо ва арзишҳои оилавие, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ барои нигаҳдории оила ворид шудаанд, дар қонунгузории имрӯз низ истифода кард ва аз ҳар гуна пастзании арзишҳои оилавӣ ва оиладорӣ пешгирӣ намуд.

Бояд таъкид намоем, ки тибқи Вандидод ҷавобгарии оилавӣ ҳамеша бо меъёрҳои ҷиноятӣ – маҷбуркунӣ ва ҷазо, таъмин мегардид, танзими ҳуқуқии оила бештар ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба роҳ монда мешуд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар Вандидод ба он диққати махсус дода шудааст, ин аст, ки зану шавҳар ҳар ду бояд дар дини зардуштӣ қарор дошта бошанд. Дар маросими никоҳ мӯбад хитоб ба зану шавҳар намуда, ба дини зардуштӣ устувор будан, пойбанди қонунҳои ашой буданро ташвиқу тарғиб менамояд. Дар Авесто дар бораи издивоҷ чунин омадааст: «Духтари солиму бокира – хоҳару духтаре, ки бо гӯшвора оро дода шудааст, пас аз расидан ба синни 15-солагӣ бояд ба муъмини ҳақиқӣ ба шавҳар дода шавад» [8, с. 56]. Тавре ки мебинед, дар ин ҷо шартҳои издивоҷи духтарон нишон дода шудаанд: расидан ба синни ақди никоҳ – 15-солагӣ; мавҷудияти меъёрҳои муайяни физиологӣ – бакорат ва саломатӣ. Таъкид мегардад, ки мард танҳо дар издивоҷ бо духтари покдоман метавонад ба насли комил ва зиндагии шоиста умед

дошта бошад [119, с. 16]. Дар дини зардуштӣ издивоҷ кардани духтар ба ғайризардуштӣ манъ буд.Ин ҷиноят алайҳи дин дониста мешуд [8, с. 56], яъне байни зани зардуштӣ ва марди ғайри зардуштӣ издивоҷ иҷозат дода намешуд. Дар ҳамин ҳол, издивоҷи хешутаборӣ бо модар, хоҳар ё духтар, баръакс, шоистагии мазҳабӣ ҳисобида мешуд, гарчанде ки ба ақидаи муҳаққиқон, он қадар зиёд ба амал намеомаданд [186].

Дар фаргарди дувоздаҳуми Вандидод зикр мегардад, ки агар яке аз хешовандони наздик ба дину боварии бегона рӯ оварад, зарур аст, ки робита бо чунин шахс қатъ карда шавад. Тавре профессор А.Ғ. Холиқзода қайд мекунад: «Мувофиқи Авесто, узви комилҳуқуқи ҷамъият танҳо пайравони дини зардуштӣ ба шумор мерафтанд» [86, с. 73]. Номбурда дар ҷои дигар низ бо ҳамин мазмун чунин қайд мекунад: «...миёни меъёрҳои ҳуқуқии Авесто мафҳумҳои ҳуқуқие ҷой доранд, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии зардуштиёнро муқаррар менамоянд ... вале, ҳамзамон, пайравони дини зардуштро нисбатан комилҳуқуқ меҳисобид» [86, с. 73]. Дар асоси ин гуфта мо ба хулосае омадем, ки аввалин манбаи китобӣ, ки таълимоти зардуштиро дар бораи низоми оилавӣ ба таври мушаххас шарҳ медиҳад, китоби Вандидод – бахше аз Авесто ба ҳисоб меравад. Дар баробари он, як қатор сарчашмаҳои дигар низ мавҷуданд, ки ё қисман ва ё пурра то замони мо ҳифз гардидаанд.

***Ҷавобгарии молиявӣ.*** Яке аз ҷузъҳои муҳимми молия ин андоз ба ҳисоб мерафт. Андоз нишонаи муҳимми давлат дар ҳама давру замон буд ва мемонад. Давлат бе андоз вазифаҳои худро иҷро карда наметавонад. Ба андешаи И.И. Абдуалимзода, «андоз ва ё худ пардохтҳо ҳатто қабл аз мавҷудияти давлат, яъне дар ҷомеаҳои тодавлатӣ арзи ҳастӣ доштанд» [156, с. 25]. Инсоният барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ аз ғасби таҷовузкорон ба роҳбарони ҷомеаҳои тодавлатӣ пардохтҳои муайян, одатан дар шакли натуралӣ пардохт мекарданд. Муносибатҳои молиявии оммавӣ на танҳо ҳангоми мавҷудияти давлат вуҷуд доштанд,

балки қабл аз пайдоиши давлатҳо низ дар шакли муайян мавҷуд буданд [156, с. 25]. Ногуфта намонад, ки аксари муҳаққиқон пайдоиши андозро бо пайдоиши давлат нисбат медиҳанд. Аз ҳар ду ҷиҳат муносибатҳои молиявӣ дар шакли андоз таърихи ниҳоят қадима дошта, дар асоси урфу одат, меъёрҳои динӣ ва амру фармонҳои шоҳон муқаррар ва танзим мешуданд. Ба андешаи У.А. Азизода, «ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар давлатҳои қадим бо урфу одатҳо ва меъёрҳои динӣ вобаста буданд» [13, с. 60].

«Қонунномаи Сосониён» – «Китоби ҳазор қарорҳои суд» («Matakdan-i hazar datastan») яке аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие мебошад, ки бевосита ҷавобгарии ҳуқуқии молиявиро муқаррар намудааст. Ҳангоми тартиб додани маҷмуаи қонунҳо фармонҳои зиёди подшоҳ истифода мешуданд. Масалан, фармонҳои подшоҳон дар бораи ворид намудани муҳрҳои расмӣ (вазифавӣ) дар фаъолияти коҳинон (магупатҳо), мансабдорони молия – андозғундорон (амаркарҳо) ва судяҳо [176, с. 50]. Он меъёрҳои хусусияти маъмурӣ – ташкилидоштаро доир ба таъсиси идораҳои судӣ дар ҳар як маҳал (музофотҳо) бо муқаррар намудани котибот аз чор нафар муншиён (котибҳо) дар ҳар яке аз ин муассисаҳо, дар бораи муоинаи умумии қарорҳои суд ва қоидаҳои мурофиаҳои судӣ дар бар мегирифт [52, с. 169].

Бархе аз муҳаққиқон бар онанд, ки дар низоми ҳуқуқии қадим, маблағи товони расонидашудаи зарар ба шахси ҷабрдида пардохт мегардид, дар ҳоле ки молу мулки мусодирашуда ба хазинаи давлат интиқол меёфт. Дар баъзе ҳолатҳо, ҷарима ба таври дукарата ситонида мешуд, ки нисфи он ба нафъи ҷабрдида ва нисфи дигар ба хазинаи давлатӣ равона мегардид. Ғайр аз ин, назарияҳои дигаре низ мавҷуданд, ки бар асоси онҳо, вобаста ба табиати ҷиноят, маблағи ҷарима метавонад ба се самт – маъбадҳо, давлат ё шахси зарардида равона гардад. Масалан, дар бархе аз ҳолатҳои мушаххас дар таълимоти зардуштӣ, пардохти ҷаримаҳо ба манфиати ибодатгоҳҳо ва муассисаҳои

мазҳабӣ равона мешуд. Вале бо мустаҳкам гардидани сохторҳои давлатдорӣ, бахши асосии ин маблағҳо ба хазинаи давлатӣ ворид карда мешуданд [86, с. 367].

***Ҷавобгарии экологӣ.*** Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва китоби Авесто ҷиноят ҳамчун амале арзёбӣ мегардид, ки ба манфиатҳои ҷомеа хатар эҷод карда, осеби ҷиддӣ ба ҳаёти инсон, ҳайвонот, фариштагон ва низоми динӣ мерасонад, инчунин боиси ифлос гардидани муҳити зист мегардад. Таълимоти зардуштӣ ба покизагии муҳити атроф ва низоми оилавӣ аҳаммияти хос дода, барои ҳифзи онҳо дастурҳои мушаххас пешниҳод кардааст. Онҳо аз ҷониби Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ зери таҳдиди ҷазо манъ шудаанд. Таваҷҷуҳи асосии Авесто ба категорияҳои гуноҳ равона шудааст [86, с. 367]. Вобаста ба рушди қонунгузорӣ ва зарурати танзими ҳуқуқии ҳифзи муҳити атроф дар адабиёти ҳуқуқӣ масъала дар бораи мустақилияти ҷавобгарии экологӣ гузошта шудааст [176, с. 28]. Баъзе муаллифон ҳамчун шакли мустақил на танҳо ҷавобгарии экологӣ [120, с. 108-109], балки ҳуқуқи обӣ ва ҳуқуқи заминро низ эътироф кардаанд.

Ба андешаи Ш.П. Бердиев, «ҷанг дар сарзамини зардуштиён ба назари онҳо як даҳшати воқеӣ мебошад, ки сарватҳои арзишмандро нобуд ва муҳити зистро ифлос менамояд, бо вуҷуди он ки маздаясноиён ҷанговарони бомаҳорат буданд, онҳо сарзамини худро муқаддас мешумурданд ва ҳифз менамуданд» [195, с. 122-124].

Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои ҳифзи муҳити зистро аз ҳар гуна олудашавӣ танзим намудааст. Чунончи, бобҳои чорум то нуҳуми Вандидод баъзе унсурҳои фаъолияти қонунгузориро пешбинӣ кардаанд. Бавижа дар онҳо масъалаҳо ва муқаррарот дар бораи гуноҳу ҷазо, каффора, покии об, замин, оташ ва покшавӣ аз мурдагон баррасӣ ва танзим шудааст.

Дар таълимоти зардуштия барои тоза нигоҳ доштани оила ва муҳити атроф низ дастурот омадааст. Дар Вандидод муҳити мусоиди

зист ва ҳатто ҳуқуқ ба ҳаёти ҳайвоноти фоидаовар инъикоси худро ёфтаанд. Чи тавре дар Авесто таъкид шудааст: «Ай додори гетӣ, артавонӣ! Куҷост ҷои ин марди мурдакаш?» Пас, Аҳура Маздо гуфташ: «Андар ин замин ҷоест бисёр беобу бисёр бегиёҳу бас поктарину хушктарин. Аз ин раҳ сутуру гӯсфандон, оташи Аҳура Маздову барсуми ашавии густурданӣ ва он марди артавӣ ками дар кам мегузаранд» [10, с. 479].

Ба андешаи Ш.П. Бердиев ва С.Х. Раҳимов, «дар зардуштия маросими дафн бо инобатгирии мушкилоти экологӣ иҷро карда мешуд. Тибқи он, бояд ягон унсури муқаддас бо ҷасад олуда нашавад. Одатан, ҷасади мурдаро ба ҷойҳои баланди хушку сангзор ва баъдтар ба дахмаҳо – манораҳои махсус, бурда мегузоштанд, то ҳайвонҳо ё парандагон қисмҳои мурдаро пора-пора карда, ба ҷое набаранд ва бо ин ягон унсур, масалан, оби муқаддас ифлос шавад. Дар охир устухонҳои аз бофтаҳои пӯсида тоза шудаву аз офтоб сӯхтаро ҷамъ карда, дар ҷойҳои махсуси муқарраршуда дафн мекарданд» [159, с. 114; 175, с 95]. Муҳаққиқ Ш.П. Бердиев чунин ишора мекунад: «Зардуштиён ба тозагии обу ҳаво ва замине, ки ба онҳо тааллуқ дошт, аҳаммияти ҷиддӣ медоданд, ки ин аз иҷрои маросими дафни онҳо мушоҳида мешавад» [159, с. 121]. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ аз ҳамон ибтидо ҷасади мурдаро ба воситаи об тоза карда, ҳарчи зудтар дар зери хок дафн мекарданд.

Дар Авесто чунин омадааст: «Ай додори гетӣ, артавонӣ! Кӣ дуюмин [бор] ин Заминро бо хушнудии бепоён (бузург) хушнуд гардонд. Пас, Аҳура Маздо гуфт: «Касе, ки ӯ аз ҳама бештар бар канад (бар андозад; вайрону валангор кунад) дахмаҳо, ки дар онҳо мурдаҳо(ро) гузоранд». Мурда (ҷаноза, ҷасад)-ро набояд ҳеҷ кас танҳо бибарад, чи [каси] мурдаро танҳо бурда Насуш (равони нопоки мурда) аз чашму бинӣ, аз забону пешониву, аз наймуру (чуру) ҳатак (нишин) сар кунаду (дарояду)

олуда (нопок)-аш созад, ... пасон ӯ (ҳар кас) мурдаро тани танҳо мебарад) ҳамеша ҷовидона олуда бимонад» [10, с. 479].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки низоми ҳуқуқи зардуштӣ муҳити зистро аз ҳар гуна ифлосшавӣ ҳифз намуда, барои он ҷавобгарии экологӣ муқаррар менамуд.

Дар раванди таҳқиқ ва баррасии мафҳум ва гурӯҳбандии ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи таълимоти Вандидод метавон ба натиҷаҳои зерин расид:

а) Дар таҳкурсии низоми ҳуқуқии зардуштӣ дуздӣ ҳамчун ҷинояти равонашуда ба моликияти шахсӣ шинохта мешуд. Ҳатто дар он давра фарқгузорӣ байни дуздӣ ва роҳзанӣ ба назар мерасид ва андозаи ҷавобгарӣ ба миқёси зарари расонидашуда вобаста буд.

б) Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як падидаи танзими ҳуқуқӣ ҳамзамон бо ташаккули ҷомеа зуҳур кардааст ва ибтидоан бар пояи қоидаҳои ахлоқӣ ва урфу одатҳои иҷтимоӣ такя дошт. Дар ҷомеаи ибтидоӣ маҷмӯи чунин анъанаҳо ва меъёрҳо амал мекард, ки реша дар низоми ҳуқуқии Авесто, махсусан дар бахши Вандидод – «Қонуни зидди девҳо» доштанд. Дар ҳамин бахш масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври муфассал инъикос ёфтаанд.

в) Дар доираи таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ навъҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ амал мекарданд, аз ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ, молиявӣ ва ҳатто экологӣ. Дар ин низом на танҳо муҳити зист ва муносибатҳои инсон бо табиат мавриди ҳимоя қарор доштанд, балки ба арзиши ҳаёти инсон, хусусан кӯдак ва модар, таваҷҷуҳи вижа дода мешуд. Масалан, барои аз ҳаёт маҳрум сохтани тифли навзод ё анҷом додани исқоти ҳамл, ҷазои ниҳоӣ – қатл пешбинӣ шуда буд. Агар табиб ин амалро бо хоҳиши зан иҷро менамуд, ӯ низ ба ҳамин навъи ҷазо дучор мегардид.

г) Ҳуқуқи мадании зардуштӣ меъёрҳоеро дар бар мегирифт, ки муносибатҳои ҳуқуқии мадании хусусияти молумулкидошта ва

ғайримолумулкидоштаи шахсии дар байни зардуштиён ва намояндагони динҳои дигар бавуҷудомадаро танзим мекард. Тибқи Вандидод, барои бевиҷдонона иҷро намудани шартнома нисбати гунаҳгор ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ пешбинӣ гардида буд.

д) Низоми ҳуқуқи оилавии зардуштӣ сохтори ниҳоди оиларо аз марҳилаи ибтидоии пайдоиш то ташаккули унсурҳои асосии он дар чаҳорчӯби меъёрҳои динӣ, урфу анъана ва ҳуқуқ танзим намудааст. Дар тули мавҷудияти худ, таълимоти зардуштӣ ба масъалаҳои марбут ба оила, нақши зан ва модар, тарбияи кӯдак, фарзандхонӣ, низоми никоҳ, шартҳои бастани ақди никоҳ, ҷудошавии зану шавҳар ва дигар ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти хонаводагӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои танзими онҳо меъёрҳои дахлдори ҳуқуқиро муқаррар кардааст, барои риоя нашудани он ҷавобгарии ҳуқуқии оилавиро пешбинӣ намудааст.

е) Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҷавобгарии молиявӣ низ таъин карда мешуд. Ҷазо на бо пулу сиккаҳо, балки тавассути супоридани ҳайвонот, ба монанди гӯсфанд, гов ва ғ. иҷро мешуд. Бо ба вуҷуд омадани давлат ва пайдоши сикказанӣ аз сӯйи шоҳони Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ иҷрои ҷарима тавассути сикка ба роҳ монда шуд. Дар «Қонуннномаи Сосониён» – «Китоби ҳазор қарорҳои суд» («Matakdan-i hazar datastan») барои ҳуқуқвайронкуниҳои молиявӣ бевосита ҷавобгарии ҳуқуқии молиявӣ муқаррар гардида буд.

ё) Дар таълимоти зардуштӣ маросими дафн бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист ва пешгирии ифлосшавии унсурҳои муқаддас амалӣ мегардид. Бар асоси ин андеша, набояд ягон ҷузъи муқаддас – аз ҷумла замин, об ё оташ бо ҷасади шахси фавтида олуда гардад. Аз ин рӯ, ҷасадҳоро ба мавзеъҳои баланд, хушк ва санглох мебурданд ва дертар ба дахмаҳо – манораҳои махсус барои ин маросим мегузоштанд. Ин тартиб пешбинӣ мекард, ки ҷасад аз тарафи ҳайвоноти ваҳшӣ ва парандаҳо пора-пора шавад, вале дар шароите, ки аз ифлос шудани муҳити атроф,

хусусан об, ҷилавгирӣ шавад. Дар Вандидод дар баробари дигар масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ масъалаи ҳифзи муҳити зист ва пешгирии олудашавии табиат танзим ва ҳаллу фасл шудааст. Махсусан бобҳои чорум то нуҳуми ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ ба танзими баъзе унсурҳои фаъолияти қонунгузорӣ бахшида шуда, масъалаҳое чун гуноҳ, ҷазо, каффора, покии об, замин, оташ ва покшавӣ аз мурдагон дар онҳо пешбинӣ гардидааст, ки барои илми муосири ҳуқуқшиносӣ ҷолиби диққат ва шоистаи таваҷҷуҳ мебошанд.

# БОБИ 3. ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ВА ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ МУВОФИҚИ ВАНДИДОД ВА ТАНОСУБИ ОНҲО БО ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳарчанд аз таърихи бамайдоноӣ ва ташаккули низоми ҳуқуқии зардуштӣ асрҳо гузашта бошад ҳам, таълимот ва арзишҳои онро метавон дар меъёрҳои умумипазируфташудаи бархе аз кишварҳо, аз қабили Ҳиндустон, Эрон ва Тоҷикистон пайдо намуд. Рози чунин мондагории таълимоти зардуштӣ, пеш аз ҳама, ба принсипҳои адолату инсондӯстӣ асос ёфтани ин низоми ҳуқуқӣ мебошад. Яке аз вижагиҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар он зоҳир мегардад, ки адолат, навозиш ва меҳрубонӣ на танҳо дар муносибат ба одамон ва ҷомеа, балки дар муносибат бо ҳайвонот ва наботот, яъне табиат низ риоя карда мешуд.

Низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар қатори дигар низомҳои ҳуқуқии даврони қадим дастоварди гаронарзиши таърихии халқи тоҷик эътироф шудааст. Ниёгони мо хеле пештар аз зуҳури дини Ислом аз падидаҳои ҳуқуқӣ бархурдор буданд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ аз ҳазораи II то мелод то асри VII мелодӣ дар қаламрави таърихии Тоҷикистон амал менамуд. Зикри махсус мехоҳад, ки ин низоми ҳуқуқӣ оғози ташаккули ҳуқуқ ва давлатдории бостонии тоҷикон ба шумор меравад. Меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба зардуштия дар заминаи таълимоти динии зардуштӣ ва эътиқодоти мазҳабии он давра ба таври тадриҷӣ ташаккул ёфтаанд [13, с. 47]. Мо ба чунин фикр омадем, ки таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии мардуми тоҷик ва фаъолияти ниҳодҳои ҳуқуқие, ки дар тули таърих дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза амал мекарданд ва ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони алоҳида нигаронда шуда буданд, дорои заминаи таърихии муътабар ва решаҳои амиқ мебошанд. Ҳанӯз 3500-4000 сол қабл тоҷикон ба таври камсобиқа ба ҳуқуқ, озодиҳо ва адолати иҷтимоӣ арҷ

мегузоштанд ва ин аз ибтидои ҳазорсолаи дуюм то замони мелод шуруъ ёфта буд.

Ин низоми ҳуқуқӣ дар қаламрави давлатҳои таърихии форс-тоҷик мавриди амал қарор гирифта, доираи васеи равобити иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, анъанавӣ ва низоми давлатдориро ба танзим медаровард. Ба андешаи муҳаққиқ Ф.А. Бобохонов, яке аз нахустин давлатҳои тоҷикон, ки ин низоми ҳуқуқиро бар пояи таълимоти зардуштӣ пазируфта ва онро рушд бахшидааст, давлати Ҳахоманишиён мебошад. Ин давлат беш аз ду аср вуҷуд дошт ва низоми мукаммали ҳуқуқӣ ва идоракуниро ташаккул дода буд. Таҷрибаи ҳуқуқии он баъдтар аз ҷониби давлатҳое, ки дар ҳамин сарзамин арзи ҳастӣ кардаанд, ба таври муассир истифода мешуд. Зикр кардан бамаврид аст, ки анъанаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи қонунгузории давлати Ҳахоманишиён на танҳо дар минтақаҳои Шарқи Қадим, балки берун аз он низ таъсири худро гузошта, дар дигар кишварҳо мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифтаанд [161, с. 33]. Ба андешаи Ҷ. Саъдизода, «Курӯши Кабир, ки асосгузори давлати абарқудрати Ҳахоманишиҳо ба ҳисоб мерафт, соли 539 пеш аз мелод нахустин Эъломияи ҳуқуқи инсонро қабул намуд, ки дар он ҳуқуқи ҳамаи мардумон ба озодии виҷдон, озодии ҳаракат, интихоби ҷойи зист ва ғайра расман эълон гардид. Эъломияи Курӯши Кабир нахустин санади расмӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар таърихи башарият маҳсуб меёбад» [178, с. 32]. Дар даврони Ҳахоманишӣ додгустарӣ дар ҳама ҷо барои ҳама яксон барқарор гардид ва ғуломдорию асорат бекор карда шуд. Мардум дар ватани худ озод шуданд ва метавонистанд озодона худоҳои худро парастиш кунанд, барои онҳо ибодатгоҳҳо бисозанд. Аз додгустарии Курӯши Кабир тавассути таърихнигорони юнонӣ достонҳое боқӣ монда, ки воқеан омӯзанда аст: «Крезиюс (Cresus) подшоҳи Лидӣ ва Сорд рӯзе ба Сулун – ҳакими юнонӣ, фарру шукуҳи кох ва ганҷинаҳои худро нишон медод, ба ӯ гуфт: «То кунун хушбахттарин касеро дидаӣ? Чӣ

фарде будааст? – Касе, ки бо сарбаландӣ ва некӣ зиндагӣ карда бошад, зеро ин коххо ва сарватҳо нопойдор мебошанд ва растагориро бояд дар саранҷоми кор дид. Крезиюс аз ин ҷавоби донишманди юнонӣ асабонӣ мешавад ва ба андеша меравад. Баъде чанде дар ҷанги Эрон бо Юнон Крезиюс шикаст мехӯрад ва асир меафтад. Бояд ӯ ва 14 тан аз бузургони Лидӣ дар оташ сӯзонда мешуданд. Дар ин ҳангом Крезиюс суханони ҳакимро ба хотир меорад ва ба овози баланд се бор номи ӯро ба забон мегирад. Курӯш баъд аз бозпурсии ин масъала ба поси хотири он ҳакими доно рӯзи дигар фармони озодии Крезиюс ва бузургони Лидиро содир мекунад» [80, с. 34].

Бояд зикр кард, ки ҷуз китоби Авесто ва осори вобаста ба он ҳеч асари дигаре ба ин забон дар даст нест ва дар худи китоби Авесто ишорае ба номи аслии ин забон нашуда ва ҳатто калимаи Авесто низ дар матнҳои авестоӣ наомадааст. Танҳо дар давраи Сосонӣ ва дар китобҳои паҳлавӣ ба калимаи «Абистог» (дар арабӣ Абисто, Абистоқ ва дар форсӣ Абисто, Ависто, Висто ва ғайра) ба назар мерасад. Дар ин китобҳо забони Авесторо «забони динӣ» низ номидаанд. Маънии дақиқи калимаи Авесто низ равшан нест, танҳо эҳтимол дода шуда, ки ба маънии «ситоиш» бошад. Аз баррасии забоншиносӣ ва муқоисаи забони авестоӣ бо форсии бостон, аз як сӯ ва аз сӯйи дигар, муқоисаи ин забон бо забонҳои шарқии давраи миёна, муҳаққиқон ба хулоса омадаанд, ки забони авестоӣ мутааллиқ ба машриқи Эрон будааст. Авесто ба унвони китоби муқаддаси зардуштиён, ки он дар бар гирандаи падидаҳои меъёрии бостонӣ мебошад, дар маркази таваҷҷуҳи хосси олимон, пажӯҳишгарон ва таърихнигорони соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ қарор гирифтааст. Таърихи зуҳури Авесто, ба замони на дертар аз асри IV пеш аз мелод ва пештар аз ибтидои ҳазорсолаи якуми пеш аз мелод рост меояд. Имрӯз аксарият шуруи таърихи Авесторо эҳтимолан ба таърихи асри VI қабл аз мелод нисбат медиҳанд, ки ин бо суннатҳои фарсизабонон мувофиқат ва ҳамхонӣ дорад, ки бар пояи он Зардушт 250

сол қабл аз даврони Искандари Мақдунӣ ба дунё омадааст. Ҳеҷ гуна меъёри мутлақи замонӣ дар робита ба муддатҳои эҳтимолии таваллуди Зардушт вуҷуд надорад. А.Ғ. Холиқзода ибтидои давлатдории Каёниёни сониро дар ҳудуди солҳои 860-840 пеш аз милод тахмин менамояд [90, с. 17].

Ҳангоми таҳқиқи таърихи давраи Авесто, меъёри асосӣ барои муайян кардани замони он забон нест, балки сохтори иҷтимоии он ҷомеа ба ҳисоб меравад - ҷомеае, ки тибқи маълумоти таърихӣ, ҳанӯз шаклҳои давлатӣ ва сохторҳои табақавиро надошта, зинаи ибтидоии ташаккули иҷтимоиро инъикос менамояд. Баъзе муҳаққиқон бар асоси натиҷаҳои бостоншиносӣ ва маълумоти таърихие, ки аз мавҷудияти шаҳрҳо ва гуногунии касбу ҳунарҳо дар ҳудудҳои эҳтимолии пайдоиши Авесто шаҳодат медиҳанд, чунин мешуморанд, ки таърихи пайдоиши Авесто аз асри VI пеш аз милод ҳам пештар буда, эҳтимолан ба оғози ҳазораи аввали пеш аз милод рост меояд. Дар ин робита, Б.Ғ. Ғафуров чунин менигорад: «Матнҳои Авесто, ки қадимтарин қисматҳои онҳо асрҳои аввалини ҳазораи I пеш аз милод дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омадаанд, хеле барвақттар аз асрҳои VII-VI пеш аз милод дар Осиёи Миёна иқомат доштани тоҷиконро тасдиқ менамояд» [27, с. 51].

Маълум аст, ки яштҳо – суруди миллии худоёни қудрати табиат, аз рӯйи муҳтавову мазмуни худ дар муқоиса бо Гот хеле қадимитаранд, вале дар баробари ин, онҳо аз лиҳози забон дар муқоиса бо Гот нисбатан ҷавонтар мебошанд. Як қатор аз устураҳо дар бораи Авесто аз ҷониби ҷомеаи ҳиндуаврупоӣ таърихгузорӣ мешаванд, вале ин устураву афсонаҳо на фақат бо забони авестоӣ, балки бо забони муосири форсӣ нигошта шудаанд. Аз ин рӯ, муҳтавои бостонии Авесто мутлақан ба ин маъно нест, ки забони Авесто дорои таърихи куҳану бостонӣ мебошад. Ба ин далел ҳақ ба ҷониби он пажӯҳишгароне мебошад, ки дар талошҳои худ барои муайян сохтани таърихи забони нигориши Авесто таваҷҷуҳи

худро рӯйи шахсияти Авесто – муаллифи Гот мутамарказ менамоянд [8, с. 256].

Забони Авесто забони Зардушт мебошад. Агар замони зиндагӣ ва фаъолияти Зардуштро муайян созем, тавассути он замон ва таърихи Авесто низ маълум мегардад. Аммо дар робита ба ин нукта низ манобеи таърихӣ мушаххасан чизе ба ғайр аз зикру ёдоварии юнониҳо дар бораи таълимоти Зардушт баъд аз юришҳои анҷомдодаи Искандари Мақдунӣ ироа намедиҳанд. Бештари сарчашмаҳо таъкид мекунанд, ки Зардушт на дертар аз асри IV қабл аз мелод зиндагӣ намудааст. Талошҳои баъдина барои муайянсозии замони кору зиндагии Зардушт дар ҳудуди пешгӯӣ, фарзу тахмин ва мубоҳисаҳо қарор мегирад. Ба хулоса омадани олимон, ки ривояти каёниҳо воқеияти таърихӣ буда, бе баҳс аст, маҳз натиҷаи ҳамин татқиқотҳост, вале ин маънои қабули ҳамаи ривоятҳои роҷеъ ба каёниҳоро надошта, балки эътирофи онҳо чун шахсиятҳои таърихист. Имрӯз дар мавриди макон ва замони Авесто байни олимон баҳс аст. Қисме зодгоҳи Зардушт Озорбойҷон [18, с. 220-222; 67, с. 86], қисмати дигар Хоразм [27, с. 69], қисмати сеюм Бохтар [55, с. 87-96] ва қисмате Эрони ғарбӣ, қисмате маҳаллаи Дуроджи шаёри Роғи Бадахшони Афғонистонро [101, с. 23-48] зодгоҳи ӯ мешуморанд. Баъзе бар онанд, ки Зардушт аз миёни қавми Мод баргузида шуд ва чун дар диёри худ тарафдорон пайдо накарду ба суханонаш гӯш накарданд, ҷилои ватан карда, ба диёри ҳамнажодони худ – Бохтар (Балх) рафт ва мавриди таваҷҷуҳи шоҳ Виштосб қарор гирифт [80, с. 30]. Аз нигоҳи таърихӣ Зардушт таълимоти худро дар мулки Гуштосп, писари Луҳросп дар Бохтари қадим, дар Балхи Ҳусно идома додааст [70, с. 79].

Авестошиносон забони авестоиро ба забони эрониёни шарқӣ, яъне ба гузаштагони тоҷик: Суғдиён, Бохтариён, Хоразмиён ва Сакоиён нисбат медиҳанд [102, с. 16]. Ба андешаи академик Ю. Яқубшоҳ, «ватани Ориёиҳо ва Спитамон Зардушт дар ҳаминҷо мебошад» [102, с. 16]. Таҳқиқотҳо далолат ба он мекунанд, ки Осиёи Миёна ватани Авесто ва

Спитамону Зардушт мебошад. Даъвои бархе аз олимон, ки гӯё Зардушт аз Озарбойҷон ва дигар ҷой аст, ба назари мо, асосе надорад. Зардушт ба шоҳ Виштосп вохӯрда, дини худро ба ӯ арза мекунад. Нуктаи қобили қабул он аст, ки вай эҳтимолан дар ҳудуди 1000 пеш аз мелод мезистааст. Ин замон силсилаи бо номи «Квай» (ё Кай ва ҷамъи он ба забони паҳлавӣ Каён) аз аҳолии Систон дар Эронвич ҳукумат доштанд, ки охирин подшоҳи он силсила Виштоспа (Vistaspa – Гуштосп) ном доштааст. Зардушт дар замони ин подшоҳ зуҳур ёфта, дини худро бар вай арза карда аст.

Аз рӯйи қайдҳои пажӯҳишгари англиси таълимоти зардуштия – М. Бойс, таълимоти Зардуштия – «ин дини некуӣ аст ва қисматҳои ҷудогонаи он нодир ва олӣ мебошанд. Онҳо ба пайравони худ имкон доданд, то зиндагии ҳадафмандона ва пур аз ризоияту қаноатмандиро пеша кунанд ва ин ҳама дар вуҷуди онҳо садоқату самимияти беохирро нисбат ба дини худ ба вуҷуд меовард» [184]. Ҳолатҳои мазкур боиси ба миён омадани алоқамандии беохир нисбат ба дини зардуштия ва сарчашмаи бунёдии он, ки китоби Авесто фаризаҳои зиёдеро дар бар мегирад, шудаанд [165].

Арзиши ҷовидонагии ин ёдгории бостонии миллӣ, пеш аз ҳама, ба принсипҳои умумиинсонӣ такя намудани он аст, принсипҳое, ки сарфи назар аз пешрафти инсоният, ҳамеша рӯзмарраву мубрам боқӣ мемонанд. Ҳамин аст, ки бо гузашти асрҳо арзиши таълимоти ин ёдгорӣ бештар эҳсос мегардад.

Мутобиқан, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҷиноятҳоро ба се гурӯҳ тақсим карда буданд: 1) ҷиноятҳои мазҳабӣ; 2) саркашӣ нисбат ба шоҳ, туғёну шӯриш ва фирор аз ҷанг ва ғайра; 3) ҷиноят нисбат ба ашхос. Ҳамчунин, ҷиноят аз фард ба хонаводааш низ сироят мекард. Бинобар ин, аъзои хонавода ва бахусус хешовандони наздик ҳам ба таъқиб кашида мешуданд.

Мутобиқи таълимоти Зардушт, даъвати инсонҳо ба риояи арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ дар шакли равшан ва мушаххас ифода ёфта буд: яккахудой, кору зиндагӣ бар асоси се усули калидӣ – гуфтори нек, пиндори нек, кирдори нек ва дар набарди бадӣ бо некӣ ҷонибдори некуӣ будан. Некӯкор ҳоким ва соҳиби назми ашё буд ва шариру бадкор дар муқобили ин – барҳамзанандаи чунин назм.

Ба рӯзмарра ва мубрам будани ёдгории бостонии мавриди назар – Авесто мо бештар эътимод пайдо менамоем ҳар боре, ки ба китоби Вандидод, ки яке аз се қисмати Авесто аст, рӯ меоварем. Ин китоб дорои дастуроту навиштаҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ мебошад.

Дар марҳилаҳои аввал, матни Авесто танҳо ба таври шифоҳӣ аз насл ба насл интиқол дода мешуд. Навишти аввалини ин матнҳо, тибқи ривоятҳои таърихӣ, ба давраи шоҳаншоҳии Каёниён, махсусан замони ҳукмронии Виштосп мансуб дониста мешавад. Гуфта мешавад, ки ин навиштаҳо «бар рӯйи 12 ҳазор барги пӯст, бо хатти тиллоӣ» сабт гардида буданд. Авестое, ки то рӯзҳои мо ҳифз шудааст, аз Авестои бузург ва хурд иборат мебошад.

Профессор А.Ғ. Холиқзода чаҳор марҳалаи тадвину танзими маҷмуаи қонунҳо дар Авесторо ҷудо месозад:

1. Танзиму тадвини маҷмуаи қонунҳои даврони Виштоспи Каёнид дар поёни умри худи Зардушт.

2. Танзиму тадвини маҷмуаи қонунҳои даврони Ҳахоманишинҳо, ки тавассути юнониҳо аз байн бурда шуданд.

3. Танзиму тадвини маҷмуаи қонунҳои даврони Аршакиён (асрҳои I-III).

4. Танзиму тадвини маҷмуаи қонунҳои даврони Сосониён [89; 27].

Ҳамин тавр, Авесто дар қатори китобҳои муқаддаси дину мазҳабҳои дигар, яке аз санадҳои бузургу бемисли рушд ва инкишофи фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар он эътиқодоти мухталиф, ҳам бовару эътиқодоти зардуштӣ ва низ бовару эътиқодоти мардуму

халқиятҳои мухталифи Осиёи Миёна, Эрон ва Қафқоз инъикос ёфтаанд. Авестои бузург аз се қисмат иборат мебошад: Ясно (Авестоӣ, йас муҳтарам доштан); дар миёни 72 боби «Ясно»-ҳо ҷойгоҳи махсусро 17 гот доро мебошанд. Готҳои мазкур, ки дар онҳо назария ва доктринаи аслии таълимоти Зардуштия баён ёфтааст, ба худи Зардушт нисбат дода мешаванд.

Вандидод (форсии миёна. Вендидад – Авестоӣ. Ви дево датэм – «Ба муқобили девҳо» кодекси мазкур – наск (трактат) аз 22 фарагард (боб) иборат аст, ки онҳо гуфтугӯҳои миёни Зардушт ва Аҳурамаздоро дар бар мегиранд. Дар ин муҳоварахо, охирин дар робита ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва оинӣ ба суолҳои матраҳшуда посух мегӯяд. Висперед (ба забони авестоӣ) Виспе ратво – «Тамоми фариштаҳои ҳофиз» мукаммалкунандаи Ясно ба ҳисоб меравад ва дар он дуову ниёишҳои таълимоти зардуштия инъикос ёфтаанд. Вандидод ҳамчун яке аз бахшҳои пурраҳифзшудаи китоби Авесто шинохта мешавад ва то имрӯз мавриди таваҷҷуҳи васеи муҳаққиқон қарор дорад. Ин матн ба сифати манбаи арзишманд барои таҳқиқи низомҳои динӣ, мифологӣ, сиёсии қадим ва равандҳои ташаккули ҳуқуқ дар давлатҳои бостонии Эрону Осиёи Марказӣ истифода мешавад. Гарчанде ки Вандидод ҳамчун як рисолаи мукаммали қонунгузорӣ ё андешаи ахлоқӣ пурра арзёбӣ намешавад, нақши он дар шинохти ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва маънавии фарҳанги шарқии қадимро наметавон нодида гирифт. Дар идома, мо хусусиятҳои ҳуқуқии ин матнро дар чаҳорчӯби ҳуқуқи зардуштӣ баррасӣ мекунем ва бархе аз ҷанбаҳои марбут ба ҳуқуқвайронкуниҳои даврони бостонро низ мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

У.А. Азиззода дар раванди таҳияи таснифи ҳуқуқвайронкуниҳо дар чаҳорчӯби низоми ҳуқуқии зардуштӣ як қатор гурӯҳбандии муҳаққиқони пешинро ҷамъбаст намуда, аз ҷумла ба он таъкид мекунад, ки дар аксари ин таснифот тухмат ва таҳқир ҳамчун амалҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ шинохта мешаванд [104, с. 254-262]. Масалан, И.Б.

Буризода дар таснифоти пешниҳодкардааш ҷиноятҳо алайҳи шахс ва ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба ахлоқро ба гурӯҳи мустақил ҷудо намуда, масъалаи ҳифзи шаъну шараф, эътибор ва номи неки шахсро аз таъсири кирдорҳои манфӣ чун туҳмат ва таҳқир мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор медиҳад [22, с. 244]. А.Г. Периханян дар гурӯҳбандии пешниҳодкардаи худ ҷиноятҳое, ки ба шахсият ва арзишҳои ахлоқиву маънавӣ равона шудаанд, ба зумраи ҳуқуқвайронкуниҳо дохил кардааст [56, с. 322]. Дар навбати худ, А.Ғ. Холиқзода, бо такя ба сохтори ҳуқуқии зардуштӣ, шакли алтернативии таснифи ҳуқуқвайронкуниҳоро пешниҳод намуда, кирдорҳои зидди озодӣ, шаъну шараф, аз ҷумла амалҳое чун фиреб, дурӯғ, қаллобӣ ва туҳматро ба ин гурӯҳ мансуб медонад [89, с. 380]. Дар ҳамин замина, У.А. Азиззода низ дар яке аз таҳлилҳои худ зикр мекунад, ки тибқи Авесто ва дигар манобеи ҳуқуқии марбут ба зардуштият, кирдорҳое ба мисли туҳмат, таҳқир, фиреб ва дурӯғ ҳамчун амалҳои зараррасон ба озодии шахсӣ, шаъну шараф ва нуфузи иҷтимоии фард баррасӣ мешуданд [13, с. 368]. З.Х. Зокирзода чунин менигорад: «Дар ҳамаи сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ туҳмат ва таҳқир кирдорҳои аз рӯйи оқибат хавфнок ҳисобида шуда, нисбати ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳо бисёр ҷазои вазнин пешбинӣ мегардид» [35, с. 102-103]. Аз таҳлили таснифоти пешниҳодгардида мо ба чунин хулоса омадем, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ амалҳое ба монанди туҳмат, фиреб ва дурӯғ ҳамчун кирдорҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ шинохта мешуданд ва барои содир намудани онҳо намудҳои махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида буданд.

Мутобиқи таҳқиқоти мавҷуда, кирдорҳое чун туҳмат, таҳқир ва фиреб бо назардошти дараҷаи хатари иҷтимоии худ дар ҷойгоҳи дуюм қарор доштанд. Дар меъёрҳои ҳуқуқии зардуштӣ шумораи зиёде аз муқаррарот ба ҳифзи озодии шахсӣ, шараф ва нуфузи иҷтимоии фард нигаронида шуда буданд.

Ин гуна назари илмӣ боз ҳам равшан месозад, ки дар чаҳорчӯби ҳуқуқи зардуштӣ туҳмату таҳқир ҳамчун ҷиноят арзёбӣ мешуданд ва ҳимояи ҳуқуқи шахс, бахусус аз зарари маънавӣ, як ҷузъи муҳимми он ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, дар таълимоти зардуштия на танҳо туҳмат, таҳқир, фиреб ва дурӯғ, балки ҳар амале, ки бо ҳадафи коҳиш додани шаъну шараф ва манзалати шахсият анҷом дода мешуд ва ба шахс зарари маънавӣ мерасонид, ҳамчун кирдори ҷиноятӣ муаррифӣ мегардид.

Туҳмат ва таҳқир, ки аз замонҳои қадим ҳамчун амалҳои хатарнок ва ба эътибору обрӯи шахс осебрасон шинохта мешуданд, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ мавриди маҳкумият қарор гирифта буданд. Дар ин низоми ҳуқуқӣ, ҳарчанд маъно ва муҳтавои ин кирдорҳо ба фаҳмиши имрӯзаи онҳо наздик буданд, тарзи танзими ҳуқуқӣ ва муносибат ба онҳо вобаста ба дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва сатҳи шуури ҳуқуқии ҳамон давра фарқ мекард. Амале чун туҳмат ё таҳқир, дар зеҳни ҷомеа ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ҳамчун рафтори зиддиқонунӣ арзёбӣ мешуд, ки дар сурати содир шудан ба шаъну шараф, обрӯ ва номи неки шахс латма зада, зарари маънавии ҷиддиро ба шахсият ворид менамуд. Азбаски инсон ва ҳуқуқу манфиатҳои ӯ дар ҳамаи низомҳои ҳуқуқии динӣ ва миллӣ ҳамчун объекти асосии ҳимоя эътироф мегардиданд, дар доираи чунин системаҳо ба масъалаи ҳифзи эътибор ва манзалати шахсият аз туҳмату таҳқир таваҷҷуҳи хоса дода мешуд [161, с. 34].

Бо дарназардошти таҳлил ва баррасии масъалаи марбут ба ҳимояи ҳуқуқи инсон аз туҳмату таҳқир дар матни Вандидод мо ба чунин натиҷа расидем, ки ин сарчашма арзишҳои маънавии инсон, аз ҷумла шаъну шараф, эътибор ва номи некро мавриди ҳифз қарор медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки дар таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ туҳмат ва таҳқир аз ибтидои ташаккули он ҳамчун ҳуқуқвайронкунии ҷиддӣ ва шакли нодида гирифтани ҳуқуқи инсон арзёбӣ мегардиданд.

Таълимоти ҳуқуқии Вандидодро манбаи қадимии эронӣ дар бораи меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ маънавӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Зернамудҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар Вандидод бар асоси таъйид ва тасдиқ муқаррар карда мешаванд. Масалан, агар ба ҷиҳати объективии кирдори ҷиноят назар афканем, метавон дид, ки дар низоми ҳуқуқии мазкур ҷиноятҳо ба содда ва мураккаб тақсим мешуданд. Тибқи таълимоти зардуштӣ, ҳуқуқвайронкунӣ метавонад тавассути як амал ва бар зидди як объект сурат гирад. Масалан, дар фаргарди 4, сатри 34 зикр шудааст, ки агар шахсе нисбат ба нафари дигар амале анҷом диҳад, ки боиси осеби ҷисмонӣ гардаду хунрезӣ ба миён ояд, ин кирдор ҳамчун ҷиноят арзёбӣ мегардад, шахси ҳуқуқвайронкунанда метавонад бо панҷоҳ зарбаи шалоқ ва панҷоҳ зарбаи чӯб муҷозот гардад. Дар сурати доштани асоси тарафи объективӣ, ҳуқуқвайронкунии мазкур ҳамчун ҳуқуқвайронкунии одӣ ҳисоб мешуд. Бо содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, шахси айбдор ба шахси бегуноҳ зарар ворид месозад. Вале гоҳҳо расонидани зарар тавассути шахси айбдор метавонад боиси ба миён омадани чанд оқибат гардад. Дар натиҷа чунин амал падидаи маҷмуи ҷиноят мегардад, ки дорои асоси арзёбӣ ҳисобида мешавад. Ба унвони намуна, тибқи муқаррароти фаргарди 15, сатри 5, агар шахсе саги ҳомиларо лату кӯб намояд ва дар натиҷа он ба ҳалокат расад ва ҷасадаш ба ҷӯй ё чуқурии обӣ афтад, чунин шахс дар гурӯҳи «пешутану» - яъне гунаҳгори ҷинояти шадид ҷой дода мешавад. Ҳамзамон, дар фаргарди 4, сатри 1 чунин ҳолат матраҳ мешавад, ки агар пас аз бастани шартномаи кор, миёни шахси иҷорадиҳанда (ё ба истилоҳ, корфармо) ва иҷорагиранда (истихдомгиранда) охирин ашёи истихдомшударо барнагардонад, ба ӯ ҷазо дода мешавад, зеро ӯ дузд маҳсуб мегардад [58, с. 419]. Воқеан таркиби мураккаби ҳуқуқвайронкуниро таҳлил намуда, мушоҳида намудем, ки истихдом ҳанӯз дар низоми ҳуқуқии Зардуштӣ вуҷуд дошт ва то замони мо таркиби мазкур амал менамояд ва мутобиқ ба замон дар

муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим гардидааст. Масалан, дар м. 769-и КМ ҶТ вобаста ба ҷавобгарии ройгонгиранда чунин оварда шудааст: «Агар ашё аз сабаби онҳоро мувофиқи шартнома ё таъиноташон истифода набурдан ё бе розигии ройгондиҳанда ба шахси сеюм супоридан нобуд шуда ё осеб дида бошанд, ройгонгиранда барои зиёни ба ашё расондааш ҷавобгар мебошад» [3].

Ҳамчунин, Вандидод вобаста ба мазмуну муҳтаво ва мураккаб будани таркиби ҷиноят ҷиноятҳоеро муайян ва пешбинӣ менамояд, ки хусусияти давомнок доранд. Ба сифати намуна, ҳангоми таҳлили амалҳои дорои ҷанбаҳои динӣ, махсусан маросими ба хок супоридани шахс ё ҳайвони фавтида (бар асоси сатрҳои 36-38, фаргарди 3-и Вандидод), дар сатри 36 зикр мегардад, ки агар ҷасади ба хок супоридашуда дар муҳлати то шаш моҳ аз зери замин берун карда нашавад, барои чунин амал ҷазои мушаххасе пешбинӣ гардидааст. Аҳурамаздо дар ҷавоб ба ин пурсиш посух медиҳад, ки бояд бо 500 зарбаи шаллоқ ва 500 зарба бо чӯбдаст шахси айбдор ҷазо дода шавад, зеро, тибқи таълимоти зардуштия, дафн ва ё ба хок супоридани инсон ва ҳайвонот яке аз гуноҳони ҷиддӣ шуморида мешуд. Ҷинояти мазкур ҷинояти дорои хусусияти давомнок аст. Чунин тасаввур мешавад, ки дар таълимоти зардуштия ҷиноятҳои тавассути вақту замон муайяншавандаро ҳамчун ҷиноятҳои давомдор муқаррар намудаанд. Ҳар чӣ зиёдтар аз ҷиҳати вақт ҷасад аз зери хок берун оварда нашавад, ба ҳамон андоза гуноҳ бештар ва ҷазо вазнинтар мешавад.

Намуди ҳуқуқвайронкунии дар боло зикршуда аз ду навъи рафтор – амал кардан ва амал накардан иборат буд. Зери мафҳуми амал кардан, берун овардани ҷасади дафншуда аз зери хок ва зери мафҳуми амал накардан дар зери хок мондани ҷасади инсон ё ҳайвон дар назар буд. Намунаҳо нишон медиҳанд, ки дар Вандидод таваҷҷуҳи марказӣ ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва шаклҳои он дода мешавад. Дар Вандидод

намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо, ки аз рӯйи беэҳтиётӣ содир карда мешаванд, ҳуқуқвайронкуниҳое мебошанд, ки ба объектҳо таҷовуз мекунанд ва ин объектҳо таҳти ҳимояи Вандидод қарор доранд. Ҳамчунин, таъкид мешавад, ки чи донистан ва чи надонистани қонун шахси айбдорро аз ҷавобгарӣ ва ҷазо озод намесозад, зеро, донистан ва надонистани қонун бо содир намудани ҳуқуқвайронкунии баъдӣ, боиси арзёбӣ шудани кирдори содиршуда дар пасманзари тарафи субъективии ҷиноят дар шакли гуноҳи қасдан ва ё аз рӯйи беэҳтиётӣ баамаломада мегардад. Аммо, дар ҳуқуқи зардуштӣ барои ҳуқуқвайронкуние, ки қасдан содир карда мешуд, хеле ҷазои вазнин таъин мегардид. Ҳуқуқвайронкуние, ки аз рӯйи беэҳтиётӣ содир карда мешуд, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои дорои категорияи дараҷаи миёна маҳсуб мегашт. Дар матни Вандидод инчунин доир ба навъҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунӣ, аз ҷумла амалҳои расонидани осеб, қатли инсон ва ҳайвонот ва дигар кирдорҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ маълумот дода мешавад. Бар асоси таҳлили муқаррароти ҳуқуқии Вандидод метавон хулоса кард, ки ҳар як кирдори ҷиноятӣ, новобаста аз намуди он, метавонад бо қасди мустақим ё ғайримустақим анҷом дода шавад.

Дар матни Вандидод ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳо дорои гурӯҳбандии дохилӣ мебошанд. Масалан, ҷиноятҳое, ки бар зидди инсон анҷом меёбанд, ба чанд зергурӯҳ ҷудо мешаванд. Дар қисми сеюми фаргарди 4 Вандидод, масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти саломатии аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Бо назардошти дараҷаи хатари иҷтимоии ҷиноят, ки содир мешавад, чунин кирдорҳо ба чор навъ тақсим мешаванд: огерепта, авауришта, аредуш ва пешутану. Илова бар ин, дар Вандидод ҷиноятҳо бар асоси объекти зарардида низ гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ҷумла, ба ҷиноятҳое ишора мешавад, ки алайҳи арзишҳои динӣ ва мазҳабӣ, алайҳи муҳити табиӣ – аз қабили наботот

(флора) ва ҳайвонот (фауна), инчунин моликият ва дигар соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ равона шудаанд [11, с. 350].

Ба андешаи мо, омӯзиши низоми ҳуқуқии зардуштӣ нишон медиҳад, ки ин низом дар масъалаи танзими ҳуқуқвайронкунӣ ва татбиқи ҷавобгарӣ аз усулҳо ва абзорҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода менамуд. Аз ҷумла, таснифи дақиқи ҳуқуқвайронкуниҳо ва муқаррароти ҷазо аз пешрафти назарраси низоми ҳуқуқии зардуштӣ дарак медиҳад. Чунончи, дар ин низоми ҳуқуқӣ меъёру муқаррароте вомехӯранд, ки ба падидаҳои ҳуқуқии замони муосир, аз ҷумла редсидиви ҷиноят, афв, сӯиқасд ба ҷиноят, шартан татбиқ накардани ҷазо ва ғайра монандӣ доранд. Чунин ба назар мерасад, ки ҳуқуқи муосир падидаҳои зикршударо аз зардуштия ба ёдгор гирифтааст.

Дар омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод қайд менамоем, ки ниҳод ё падидаи шарикӣ дар ҷиноят низ вуҷуд дорад. Дар сатрҳои 13-14 фаргарди 15-и Вандидод ҷинояти исқоти ҳамли ғайриқонунӣ зикр шудааст. Дар робита ба ин ҷиноят, ҳамчунин ҷазо нисбат ба шахсе, ки чунин амалро анҷом медиҳад, пешбинӣ шудааст, зеро амали мазкур ҳамчун амале арзёбӣ мешавад, ки бо қасди бевосита содир мегардад. Ҳамин тавр, ҷазо барои тамоми шахсони ширкаткунанда дар содиршавии ҷиноят таъин карда мешавад. Шояд ин ба он хотир бошад, ки дар Авесто шарикони ҷиноят муайян карда нашудаанд.

Дар Вандидод ҷиноятҳои хотимаёфта ва хотиманаёфта мушаххас карда мешаванд, ҳамчунин муайян карда мешавад, ки ҷустуҷӯ, омодасозии асбобу воситаи содиршавии ҷиноят (ҳатто агар онҳо лозим нашуда бошанд ва ҷиноят то ба охир содир нашуда бошад) омодагӣ барои содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ҳамчун давраҳои содири ҷиноят номида шавад.

Мутобиқи Вандидод, сӯиқасд ба ҷиноят он кирдори қасдан содиршудае эътироф мегардад, ки мақсади он содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ бошад. Тибқи муқаррароти Вандидод, агар шахс бо

нияти расонидани зарар ба фард ё шахси дигар амал намояд, ин навъи кирдор дар зумраи ҷиноятҳои «авауришта» ҷой дода мешавад. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки дар Вандидод як ҷиноят метавонад дар баробари як амал, бо якчанд дараҷа ва навъи гуноҳ баррасӣ гардад.

Дар қонунгузории имрӯз зимни тавзеҳи ҳуқуқвайронкунӣ ё ҷиноят, аслан, кирдор дар намуди ҳаракат ё беҳаракатӣ, яъне амал ва беамалӣ ба кор бурда мешавад, ки дар Вандидод низ чунин аст. Аммо ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар Вандидод пешбинӣ шудаанд, баъзе вижагиҳои худро доранд. Мутобиқи таълимоти зардуштӣ, бояд ҳама гуна кирдоре, ки ҷиноят ба бор меорад, пеш аз содир шуданаш решакан карда шавад. Чунончи, дар Вандидод аҳаммияти хосса на ба ҷазо додани шахси ҷиноятсодиркарда, балки аз бунёд решакан намудан ва пешгирии ҷиноят дода мешуд. Ҳамин тавр, тибқи таълимоти зардуштӣ, чунин тасаввур мешуд, ки ҷиноятe, ки ҳанӯз шуруъ наёфтаву боиси расонидани зарар нагардидааст, бояд аз бунёд решакан карда шавад.

Дар асоси муқаррароти Вандидод дар ҳолати қасд намудан ё омодагӣ доштан барои содир намудани ҷиноят, ҳолати ретсидиви ҷиноят ва ҳамчунин категорияҳои ҷиноят, тарз ва вақти содир шудани ҷиноят ба назар гирифта мешуд, ки мавҷуд будани принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ифода менамуд.

Меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод, аз рӯйи дараҷаи ба ҷамъият хавфнок, ба ҷазо ва объектҳои ҷиноят ҷудо карда мешаванд. Хавфноктарин ҷиноятҳо ҷиноятҳое шуморида мешуданд, ки нисбат ба амнияти ҳаёти ҳайвонот, инсонҳо ва олами наботот таҳдиди хавф дошта бошанд. Барои мисол дар Вандидод, дар фаргарди 14, сатрҳои 1-2 барои куштани саги обӣ ҷазо пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ҷиноятҳо муқобили ҳаёти инсон, ки ҳамчун ҷиноятҳои махсусан вазнин муайян карда шуда буданд ва барои содир намудани онҳо ҳукми қатл пешбинӣ шуда буд.

Ҳамчунин, дар Вандидод метавон ҳуқуқвайронкуниро аз рӯйи дараҷаи ҷазо ва муҳтаво тасниф намуд. Чунонки дар фаргарди 15,

сатрҳои 1 то 8-и Вандидод зикр ёфтааст, панҷ навъи кирдори ҳуқуқвайронкунанда мавҷуданд, ки барои онҳо бахшиш ва авф пешбинӣ нашудааст. Инҳо иборатанд аз:

1) шахсе, ки миёни пайравони оини зардуштӣ бовар ва эътиқоди мазҳаби ғайри зардуштиро ташвиқ мекунад;

2) шахсе, ки ба саг ғизои хеле гарм ё устухони сахт медиҳад ва бо лату кӯб ба марги ҳайвон сабаб мегардад;

3) шахсе, ки саги ҳомиларо аз худ меронад ва дар натиҷа ҳайвон ба чуқурӣ ё дара афтода ҳалок мешавад;

4) муносиботи маҳрамона бо зан дар давраи ҳайз;

5) алоқаи ҷинсӣ бо занони ҳомила, ки дар натиҷаи он ба тифли дарбатнбуда осеб ворид мегардад.

Мавриди зикр аст, ки муҷозотҳо хеле вазнин буданд, вале Анӯшервон миқдори муҷозотҳоро кам намуд. Аз дин баргаштагон то вақте ки тавба мекарданд, дар ҳабс нигоҳ дошта мешуданд ва дар мавриди шӯриш ва фирор аз ҷанг ба қатл маҳкум мешуданд. Вале дар дигар ҳолатҳо ҷарима ситонида мешуд. Дуздӣ сазовори ҷазои вазнин буд. Дуздро дар маҳбас нигоҳ медоштанд ва баъд аз иқрор дар ҳузури қозӣ ӯро ба дор меовехтанд. Буридани гӯшу бинӣ ва ба дор кашидану сангсор кардан низ маъмул буд. Агар дар гунаҳгор будани муттаҳаме шубҳа ба мушоҳида мерасид, ӯро боз медоштанд, то аз миёни ду канораи оташ бигзарад ва агар солим меомад, бегуноҳаш медонистанд [44, с. 544].

Барои пешгирӣ аз ришва додан, Камбуҷия фармон дод, то пӯсти қозии фосидеро зинда ба зинда кананд ва фарзанди ҳамон қозиро бар маснади қозигӣ нишонанд, то пайваста достони падарро ба хотир дошта бошад ва аз роҳи рост ва адлу дод берун набарояд.

Ҳамин тавр, ҷудо намудани кирдор мутобиқи объекти таҷовуз, куштори инсон: расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ, зарар ба саломатии

инсон ва ғайра; ҷиноят ба муқобили олами ҳайвонот ва наботот; ҷиноятҳои мазҳабӣ нисбатан дастрастар мебошанд.

Усулҳои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ ба мо имкон дод, то падидаҳои ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидодро бо қонунгузории муосири ҶТ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем ва таносубу фарқияти онҳоро бо диди тоза матраҳ намоем, ки ин метавонад, боиси такмилёбии назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории ватанӣ гардад.

Мутобиқан ба он, омӯзиши меъёрҳои ҷиноятии Вандидод нишон медиҳад, ки дар байни ҳуқуқвайронкуниҳои дар Вандидод пешбинигардида амалҳои зиёде мавҷуданд, ки қасди бевосита ва бавосита доранд. Чунончи, равобити маҳрамона бо зан дар вақти ҳайз аз ҷониби Вандидод манъ аст ва барои он сӣ зарба муҷозот мешавад. Агар мард аз аҳволи зан огоҳ шуда, бо ӯ робитаи ҷинсӣ дошта бошад, ки дар сатри 14-и фаргарди 16 омадааст, қасди бевосита дорад. Ҳадафи мустақим ин аст, ки шахсе, ки алоқаи ҷинсӣ кардааст, аз аҳволи зан огоҳ буд ва онро мехост. Дар натиҷаи кирдораш ба он чи мехост, даст ёфт. Инчунин, қасди бавосита вуҷуд дорад. Ҳар ки ба саг устухони сахте диҳад, ки дандонҳояшро вайрон кунад ё ғизои гарме диҳад, ки даҳону гулӯи сагро сӯзонад, дар натиҷаи захмҳои бардошта саг бимирад, пешутан мешавад – сазовори марг аст. Дар ин ҳолат ҷониби субъективии ҷиноят оид ба марги саг дар шакли қасди бавосита пайдо мешавад. Дар мавриди ба саг устухони сахт ва ғизои гарм надодан, ӯ қасди бевосита дошт, аммо эҳтимол намехост, ки саг бимирад. КҶ ҶТ, ду намуди қасдро ҷудо менамояд: қасди бевосита ва қасди бавосита (қ. 1 м. 28 КҶ ҶТ). Яъне, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз дар замонҳои пешин падидаи шакли гуноҳ, аллакай дар Вандидод пешбинӣ гардида буд ва мавриди амал қарор дошт.

Бояд қайд намоем, ки як қатор муқаррароти Вандидод то замони мо аҳаммият ва мубрам будани худро ҳифз намудаанд. Аз ҷумла, танзими муносибати инсон ба ҳайвоноту муҳити зист, маҳкум намудани ҳар гуна бебандубории ҷинсию ҳамҷинсгарой ва роҳ надодан ба исқоти ҳамл муқаррароте мебошанд, ки аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби замони муосир ба ҳисоб меравард ва дар ҳама давру замон ҳамчун масъалаи рӯзмарраву мубрам боқӣ мемонанд.

Далели мазкур ва он нақше, ки таълимоти зардуштӣ ба таври умум дар таърихи инсоният бозидааст, сабаби ҳифзу пойдор мондани гароиш, таваҷҷуҳ ва алоқамандии камназир нисбат ба ин осори бузурги таърихӣ дар тайи даҳҳо қарн гардидааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъала ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Бархе аз падидаҳои ҳуқуқии зардуштиро дар қонунгузории амалкунандаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон мушоҳида намудан мумкин аст. Ин бошад, пеш аз ҳама, ба он ишора мекунад, ки таълимоти зардуштӣ бар асоси принсипҳои умуминсонӣ ва эътирофи ҳуқуқ барои ҳар мавҷуд рӯйи кор омадааст.

2. Баъди таҳлилу баррасии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар Вандидод ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳуқуқвайронкуниҳо ва роҳу василаҳои иҷрои ҷазо барои он замон пешрафта маҳсуб мешуданд. Бояд хотирнишон сохт, ки аллакай дар ҳамон давра падидаҳое чун редсидиви ҷиноят, авф, сӯиқасд ба ҷиноят, шартан татбиқ накардани ҷазо ва ғ. дақиқу мушаххас гардонида шуда буданд, ки то имрӯз мубрам мебошанд.

3. Боз як вижагии дигари Вандидод аз он иборат аст, ки ҳангоми ҷинояти қасдан ё омодагӣ доштан барои содир намудани ҷиноят, ретсидив ва категорияи ҷиноятҳои вазнини содиршуда ба инобат гирифта мешуданд. Ҷиноятe, ки ҳанӯз шуруъ наёфтаву боиси расонидани зарар нагардидааст, бояд аз бунёд решакан карда мешуд.

4. Дар Вандидод масъалаҳои ҳуқуқие пешбинӣ шудаанд, ки имрӯз низ инсоният барои ҳалли онҳо саъю талош дорад. Яке аз чунин масъалаҳо манъи муносибати золимона нисбат ба ҳайвонот ва маҳкум намудани ҳамҷинсгароӣ мебошад. Илова бар ин, падидаҳое чун такрори ҷиноят, маҷмуи ҷиноят, сӯиқасди ҷиноят, ҷиноятҳои хотимаёфта, давраҳои содиршавии ҷиноят, пешгирии исқоти ҳамл, қатъи ҳомиладории номатлуб ва ғ. маҳсули дастоварди низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар Вандидод вомехӯранд.

## 3.2. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раванди ташаккул ва инкишофи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон бисёр мураккаб буда, решаҳои он ба марҳилаҳои бостонӣ бармегардад. Дар як қатор сарчашмаҳои ҳуқуқии қадим ва асрҳои миёна, ба монанди Авесто, «Мотикони ҳазор додистон», Қуръон, суннат ва дигар матнҳои ҳуқуқӣ, масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди зикр қарор гирифтааст. Таърихи пайдоиш ва амалишавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳудуди Тоҷикистон аз замонҳои қадим сарчашма мегирад. Авесто ҳамчун яке аз асарҳои бунёдии таълимоти зардуштӣ эътироф гардида, дар ибтидо ба таври шифоҳӣ миёни пайравон интиқол меёфт ва дертар дар даврони Сосониён (асрҳои III-VII мелодӣ) ба шакли хаттӣ даровarда шуд ва расмият пайдо кард. Авесто дорои 21 қисм буда, ҳудуди 350 000 калимаро дар бар мегирифт, ки то замони муосир танҳо тақрибан 83 000 калимаи он боқӣ мондааст. Авесто ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ дар қатори фармоишоти сирф маросимию мазҳабӣ, унсурҳои илмӣ, тиббӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ тасаввурот оид ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «нахустин Қомусномаи ҷаҳон, нахустин китоби зарнавишти дини мукаммали олами мутамаддин, нахустин

ҳамосаву сурудаҳои беқаринаи ҳазорсолаҳои дур – Авестои ҷовидона дигар дар қолаби сарҳадҳои кӯчак намеғунҷад, зеро ҳама гуна садду монеа ва ҳудудҳои сунъиро шикаста, кайҳо ба уқёнуси тамаддуни ҷаҳонӣ омезиш ёфтааст» [65, с. 40-41]. Умуман, фарҳанги ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ дар ин марҳалаи рушди худ хусусиятҳои муайян дошт. Аввалан, Авесто чун китоби бостонии динии зардуштиён барои мардуми бостонии Осиёи Миёна ва Эрон, бахусус тоҷикон, бешубҳа, кодекси ягонаи ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ буд. Авесто ва қисми асосии ҳуқуқии он – Вандидод дар муддати тулонӣ барои халқҳои Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон ва як қисми Қафқоз на танҳо ёдгории ҳуқуқӣ, балки сарчашмаи фаъоли ҳуқуқие буд, ки қонунгузорон, хирадмандон ва руҳониён ба онҳо асос гузоштаанд. Сониян, дар рафти омӯзиши низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва Авесто меъёру падидаҳои ҳуқуқии дорои хусусияти дигар муайян карда шуданд, ки то имрӯз дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи муосир мавҷуданд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи падидаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои танзими ҳуқуқии ин низоми қадимаи ҳуқуқ боиси суханронӣ дар бораи ҳуқуқи давлатӣ, ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи оила мегардад.

Ақидаҳои диниву ҳуқуқии Зардушт дар китоби муқаддаси Авесто зикр ёфтаанд. Ин китоб аз 21 қисм иборат мебошад. Аз ҷумла, аз китоби муқаддаси зардуштиён Авесто то замони мо 5 қисм боқӣ мондааст. Тоҷикон дар масири таърих борҳо мавриди ҳуҷумҳои аҷнабиён қарор гирифта, бисёр аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқияшон несту нобуд гардиданд. Яке аз қисматҳои асосии китоби Авесто Вандидод мебошад, ки дар он масъалаҳои мубрами ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст.

Низоми қадимаи ҳуқуқӣ, ки дар маҳдудаи Тоҷикистони қадимӣ вуҷуд дошт, зардуштӣ буд [132, с. 241]. Он падидаи ҷавобгарии ҳуқуқии халқҳои эронитабор ба ҳисоб рафта, муносибатҳои ҷамъиятии ҳамон давраро ба танзим медаровард. Дар матни Авесто баъзе намудҳои ҷиноят ва принсипҳои асосии татбиқи ҷазо ба хотири танзими

муносибатҳои вобаста ба ҳуқуқи ҷиноятӣ зикр гардидаанд [177, с. 16]. Бо вуҷуди ин, то ба имрӯз ин ҷанбаҳо ҳамчун мавзуи мустақил ва мукаммали таҳқиқотӣ, ки ба фарҳанги ҳуқуқии зардуштиён бахшида шуда бошад, мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор нагирифтаанд [147, с. 12].

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид месозанд, ки аз даст додани хотираи таърихӣ, муносибати беэҳтиромона нисбат ба гузаштаи пурифтихори миллӣ ва беарзиш донистани анъанаҳои созандаи гузашта, маҳдуд шудани шуури таърихӣ ва нотавонӣ дар ҳифз ва нигаҳдории мероси гаронбаҳои фарҳангӣ инсонро аз ҳисси масъулият дар назди ҷомеаи имрӯза ва наслҳои оянда маҳрум месозад. Таҷрибаи таърихӣ, новобаста аз он ки мусбат аст ё манфӣ, набояд аз сӯйи наслҳои баъдӣ сарфи назар гардад [65, с. 130]. Зикри ин нукта зарур аст, ки ин масъала аҳаммияти кам надорад. Миллати тоҷик, ки соҳиби як фарҳанги бузург ва шукуҳманд аст, дар тули таърих – ҳам дар замони қадим ва ҳам дар марҳилаҳои ташаккули тамаддуни хеш бо эҳсоси ҳайрат ва қадршиносӣ ба мероси ниёгон нигариста, имрӯз бо руҳияи нав ба сӯйи рушди зиндагии миллӣ ва эҳёи арзишҳои гузашта қадам мегузорад.

Омӯзиши амиқ ва таҳлили ҳамаҷонибаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як падидаи таърихӣ-ҳуқуқӣ, то имрӯз ба таври кофӣ мавриди таҳқиқи мукаммали илмӣ қарор нагирифтааст, ки ин барои давлати ҳуқуқбунёд ва демократии Тоҷикистон аз манфиат холӣ нест ва буда наметавонад. Дарки дуруст, арзёбӣ ва шарҳи мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳудуди таърихии сарзамини Тоҷикистони имрӯза, махсусан дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна, зери таъсири як қатор омилҳои боздоранда қарор гирифтааст. Аз ҷумла, мавҷуд набудани низоми мураттаби ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, таҳия нашудани фаҳмиши дақиқ оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муносибат ба масъалаҳои ҷуброни зарар, мафҳуми «харидани гуноҳ», набудани таснифи равшани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мураттабсозии низоми ҷазоҳо, дар умум ба рушди

шинохти илмии ин падида таъсири ҷиддӣ расондаанд. Бо вуҷуди ин, дар матни Авесто кӯшиш шудааст, ки тавассути риояи принсипҳои техникӣ-ҳуқуқӣ ба танзими низомноки масъалаҳои марбут ба ҷавобгарӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ замина гузошта шавад [139, с. 6]. Қонунномаи Сосониён, Ясои Чингизхон, Тузукномаи Темур ва дигар асарҳои ҳуқуқии асрҳои миёна, дар аксари маврид, маҷмуи қоидаҳое буданд, ки бо тартиби низомноки илмӣ таҳия нашуда, бештар хусусияти тасодуфӣ доштанд. Аз ҳамин рӯ, онҳо на танҳо бо фаҳмиши умумии муқаррароти ҳуқуқӣ маҳдуд мегаштанд, балки таснифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва навъҳои алоҳидаи он низ ба таври пурра ва дақиқ шарҳ дода намешуданд. Ба андешаи мо, дар чунин санадҳо на мафҳуми ягона ва таҳлили мукаммали ҷавобгарии ҳуқуқӣ рушд ёфта буд, на низоми таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ, на фаҳмиши амиқи мақсад ва вазифаҳои ҷазо ва на тартиби мураттаби ҷорӣ намудани онҳо дар чаҳорчӯби ҳуқуқи амалкунанда мавҷуд буд.

Вандидод ҳамчун қисмати китоби муқаддаси зардуштиён маҳсуб мешавад. Вандидод калимаи паҳлавӣ буда, маънои он маҷмуаи қонун бар зидди девҳо мебошад, ки ба таври умум аз 22 бахш ё фаргард иборат аст. Вандидод номи нуздаҳумин наск аз Авестои қадим мебошад. Ба андешаи муҳаққиқ А. Кристенсен, Вандидод ягона қисми пурраи Авесто ба шумор меравад, ки аз давраи Сосониён то имрӯз боқӣ мондааст. Ӯ бо эътимоди қавӣ бар он аст, ки ин бахши муҳимми Авесто маҳз дар замони подшоҳии Меҳрдоди I аз сулолаи Ашкониён (солҳои 171-138 то милод) таҳия ва ба шакли ниҳоии худ оварда шудааст [46, с. 74]. Вандидод китобе нест, ки он на танҳо маросимҳои мазҳабӣ ва ниёишу ибодатҳо, балки масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро низ фаро мегирад. Масоили ҳуқуқие, ки ба танзими муносибатҳои байни инсонҳо, муомилоти иқтисодӣ, ҳаёти оилавӣ ва дигар ҷанбаҳои иҷтимоӣ марбутанд, гарчанде аксаран дар шакли содда ва ибтидоӣ ифода ёфтаанд, аз як ҷониб арзиши

таърихӣ ва замонавии ин бахши Авесторо нишон медиҳанд ва аз ҷониби дигар, эҳтимол меравад, ки он нақши як қонуни умумии иҷтимоиро иҷро мекард [64, с. 372]. Мундариҷаи Вандидод бештар ба мавзуъҳои марбут ба татбиқи ҷазо нисбат ба гуноҳҳои гуногун, ки инсон метавонад нисбат ба муҳити зист, ҷомеа ва мавҷудоти судманд содир намояд, бахшида шудааст. Илова бар ин, ин бахши Авесто роҳҳои мубориза бо нопокӣ ва бемориҳоеро низ дар бар мегирад, ки ба андешаи таълимоти зардуштӣ, аз ҷониби руҳи шарири Аҳриман ва девони ӯ паҳн мегарданд ва зиндагии созандаи инсонро таҳти хатар қарор медиҳанд [64, с. 372].

Бояд зикр кард, ки дар матни Вандидод намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида буданд, аз ҷумла: ҳукми қатл, ҷазоҳои ҷисмонӣ, мусодираи молу мулк, пардохти ҷуброни зарар тавассути додани молу мулк (ҳам пурра ва ҳам қисман), инчунин бадарға кардан аз муҳити иҷтимоӣ ва дигар шаклҳои муҷозот [123, с. 29-43]. Бо вуҷуди ин, дар амал аксар вақт навъҳои ҷавобгарие татбиқ мешуданд, ки дорои хусусияти молиявӣ буданд - аз қабили ҷарима, мусодираи амвол ва таъмини ҷуброни зарар бо роҳи пардохти моликият, ки гоҳо онро ба маънои «харидани гуноҳ» низ тавсиф мекарданд [40, с. 14]. Тибқи таҳқиқоти К. Косович, «ҷазои қатли инсон дар зардуштия танҳо дар мавриди хиёнат ба мазҳаб ҷоиз буд. Дар ҳолати содир кардани ҷиноят ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк: ҳайвонот, асп, гӯсфанд ва монанди он иҷро мешуд [185]. Ҷазои ҷисмонии инсон то задани 1000 дурра иҷозат буд» [39, с. 96]. Ҷазои бадарға дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аксаран дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои ҷазо, аз қабили мусодираи молу мулк, пардохти ҷарима ва ҷазои ҷисмонӣ татбиқ мегардид [158, с. 110]. Аз ҷумла, мусодираи амвол яке аз шаклҳои ҷазо ба шумор мерафт, ки нисбат ба шахсоне, ки ба амалҳои соҳирӣ ва ҷодугарӣ машғул мешуданд, истифода мешуд [108, с. 24]. Ин гуна кирдор, яъне фаъолияти ҷодугарона, ҳамчун ҷинояти ниҳоят вазнин арзёбӣ мегардид

ва одатан бо ҳукми қатл ҷазо дода мешуд, аммо дар баробари он мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои иловагӣ низ татбиқ мешуд.

Хусусиятҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷомеаи ориёӣ ба мушоҳида мерасад. Ба ақидаи С. Хайруллоев, «дар ҷамъияти ориёӣ барои бе кишту кор гузоштани замин, истифодабарии нодурусти об барои обёрӣ, муносибати ғайриодӣ ё беадолатона байни хешовандон ё аъзои ҷомеа, муносибати беадолатона ба ҳайвонот, нофармонӣ ба шоҳ, роҳзанӣ, ғоратгарӣ ва дуздӣ ҷазоҳои мухталиф таъин карда мешуданд» [84, с. 349]. Дар давраҳои қадим, бархе аз навъҳои ҷазо хосияти тарбиявӣ дошта, ба ислоҳи шахсе, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир намудааст, равона мешуданд. Аз ҷумла, ба ин гурӯҳи муҷозотҳо метавон ҷазоҳои беобрӯкунандаро мансуб донист, ба мисли ҳазф кардани номи шахс аз рӯйхати наздикони подшоҳ, рондан аз макони иқомат, муҷозоти дорои хусусияти молӣ (ҷарима ва мусодираи амвол), инчунин, дар баъзе ҳолатҳо татбиқи ҷазои ҷисмонӣ.

Дар ҷомеаи ориёӣ барои амалҳои ҳуқуқвайронкунанда ҷазоҳои сахт пешбинӣ шуда буданд [84, с. 349]. Навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар дорои хусусияти ҷисмонӣ, молу мулкӣ ва мазҳабӣ-анъанавӣ буданд. Масалан, дар ҳолатҳои ҷиноятҳои марбут ба осеб расонидан ба саломатӣ, гунаҳгорон метавонанд бо ҷазои ниҳоӣ – қатл, ё бо муҷозоти молӣ, аз ҷумла мусодираи амвол ё пардохти ҷаримаи то 300 стир рӯ ба рӯ шаванд.

Авестошиносон он гуногуннавъии ҷавобгарии ҳуқуқии дар ин давра бакорбурдаро ба тарзҳои мухталиф тасниф мекунанд. Аз ҷумла, А.Г. Периханян [56, с. 247], А.Ғ. Холиқзода [86, с. 361-362], И.Б. Буризода [164, с. 31], Муҳаммад Рашшод [69, с. 123], У.А. Азиззода [13, с. 30]. Дар ҳамаи таснифоте, ки муҳаққиқон оид ба ҷиноятҳо дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ пешниҳод намудаанд, ҷиноятҳое, ки бар зидди дин равона шудаанд, дар меҳвари асосӣ қарор доранд.

Меъёрҳои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба як қатор омилҳо – аз қабили мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунанда, мақоми иҷтимоии шахс (озод ё ғулом будан), ҷинс ва дигар хусусиятҳои фардӣ фарқ мекарданд [164, с. 32]. Илова бар ин, дар доираи ин низоми ҳуқуқӣ як қатор озмоишҳои хос ба кор бурда мешуданд, ки дорои хусусияти ҷазодиҳӣ буданд. Ба унвони мисол, дар мавридҳое, ки гунаҳгор будани шахс шубҳаовар арзёбӣ мегардид, ӯро водор мекарданд, ки нӯшокиҳои махсусро бинӯшад, ки истеъмоли он, дар аксари ҳолатҳо, бо марг анҷом меёфт ва ҳамчун далели гуноҳ дониста мешуд.

Дар сохтори иҷтимоии ҷомеаи зардуштӣ мафҳуми «харидани гуноҳ» ҷойгоҳи махсус дошт. Дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Авесто имконияте мавҷуд буд, ки ҷазо ба ивази пардохти молӣ ё моли муайян иваз карда шавад. Баробар арзёбӣ намудани ҷазо дар Вандидод, инчунин, муайян кардани арзиши зарбаҳои қамчин ва тарҷумаи он ба эквиваленти молиявӣ дар даврони ҳукмронии Сосониён, далели равшани мавҷудияти чунин раванд аст. Масалан, таҷрибаи давлатдории Сосониён дорои хусусиятҳои хоси худ буда, ба таври худ нодир ва арзишманд аст [72, с. 217]. Мувофиқи матнҳои Вандидод, ҳар ки саги чӯпониро лату кӯб кунад ё гӯшашро бурад ё пойи ӯро бибурад, пас, бояд зарари худро кафорат кунад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ин кирдори содиршуда ҳазор зарбаи тозиёнаи асп ва ҳазор тозиёнаи тасма буд.

Хариди гуноҳ дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дошт. Низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон дар баъзе масъалаҳо нисбат ба низоми ҳуқуқии муосир ба пешравиҳо ноил гардида, нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҷиддият кор гирифтааст. Масалан, хариди гуноҳ яке аз падидаҳое мебошад, ки дар замони ҳуқуқи зардуштӣ амал мекард. Агар низоми ҳуқуқии зардуштиро бо низоми ҳуқуқии исломӣ дар муқоиса қарор диҳем, дар низоми ҳуқуқии мусулмонӣ низ ин падида ба мушоҳида мерасад. Дар низоми ҳуқуқи

исломӣ институти фидя (институти каффораи гуноҳ) мавҷуд мебошад. Тибқи падидаи мазкур, шахси муҷрим бо додани фидя (каффораи гуноҳ) аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ озод карда мешуд. Воқеан, институти мазкур, ки дар замонҳои пеш гузаштагони ниёгони мо истифода мебурданд, агар дар замони муосир ҳамчун институти чораи дорои хусусияти ҷиноятӣ татбиқ созем, бамаврид хоҳад буд. Маълум аст, ки масъалаи доғи судӣ доштан, асосан, хоси ҷазоҳои ҷиноятӣ мебошад. Агар ин падидаро дар низоми ҷазои ҷиноятӣ ворид намоем, шахс доғи судӣ намегирад. Агар ба қонунгузории ФР назар афканем, мусодираи молу мулк вижагиҳои худро дорад, ки дар қонунгузории миллии мо дида намешавад. Масалан, мусодираи молу мулк ба шахсони ноболиғ низ таъин карда мешавад, ки дар қонунгузории кишвари мо ин меъёр вуҷуд надорад. Масъалаи дигар дар он аст, ки дар ФР ноболиғоне, ки нисбати онҳо ҷазои мусодираи молу мулк таъин мегардад, доғи судӣ намегиранд. Аммо як нуқтаро бояд ишора намоем, ки дар қонунгузории ҶТ ҷазои мусодираи молумулк дар алоҳидагӣ таъин карда нашуда, он дар якҷоягӣ бо дигар намуди ҷазо таъин карда мешавад. Пешниҳоди мо чунин аст, ки падидаи харидани гуноҳро ҳамчун чораи дорои хусусияти ҷиноятӣ дар қисми чораҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ татбиқ созем, ин аз доғи судӣ гирифтани шахс пешгирӣ менамояд. Ин асос мешавад, ки шахс ҳамчун дигар аъзои ҷамъият мавқеи худро дар ҷомеа гум накунад, оилаи худро соҳибӣ мекунад, зеро мувофиқи Конститутсияи ҶТ, оила асоси ҷамъиятро ташкил менамояд. Илова бар ин, дар доираи ҳуқуқи муосир, шахс бо амали содирнамудааш ба дигар аъзои оила таъсири манфӣ намерасонад, зеро тибқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ, принсипи масъулияти шахсӣ амал мекунад. Маҳз ҳамин принсип заминаи ҳуқуқиро барои татбиқи одилонаи ҷавобгарӣ таъмин менамояд ва падидаи мазкур ба талаботи он ҷавобгӯ мебошад.

Ҳукми қатл дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ яке аз ҷазоҳои қадимтарин ва шадидтарин маҳсуб мешуд, ки нисбати содиркунандагони ҷиноятҳои вазнин ба кор бурда мешуд. Ин навъи ҷазо ба кирдорҳое марбут буд, ки бар зидди ҳаёт ва саломатии инсон, бар зидди неруҳои табиат ва ҳайвонот, моликият, устувории оила, ҳокимият ва ҳамчунин бар зидди арзишҳои дорои моҳияти динӣ ва ахлоқӣ равона шуда буданд [123, с. 29-43]. Дар аксари ҳолатҳо, ҷазои қатл барои кирдорҳое татбиқ мегардид, ки ба муқобили амнияти давлат, шахсияти подшоҳ ва афроди наздики ӯ (аз ҷумла, хизматгорон ва шахсони мавриди эътимод) равона шуда буданд. Аз ҷумла, дар ҳолатҳои эҳтиром нагузоштан ба шоҳ, ширкат дар исён ва ё сӯиқасд ба ҷони ҳоким, ин навъи ҷазо пешбинӣ мешуд. Тибқи матни Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии ҳамон давра, ҳукми қатл инчунин дар ҳолатҳое татбиқ мегардид, ки як амал ба таври такрорӣ – яъне бори шашум, ҳафтум ва ҳаштум содир мешуд.

Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, истифодаи ҷазоҳо ба шакли маҳдуд ва маҳрум сохтани озодӣ ба таври густарда роиҷ буд. Дар ҳудуди таърихии Тоҷикистон, дар тамоми давраи амалкарди ин низоми ҳуқуқӣ, маҳдудкунии озодӣ ҳамчун яке аз чораҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ мавриди татбиқ қарор мегирифт ва баъдан ба низомҳои дигари ҳуқуқӣ низ ба таври меросӣ интиқол ёфт. Хусусияти хоси ин навъи муҷозот дар он ифода меёфт, ки нисбат ба шахсе, ки кирдори хатарноке барои ҷомеа анҷом дода буд – мувофиқи ҷаҳонбинӣ ва арзёбиҳои замони мазкур чораҳои маҳдудкунандаи иҷтимоӣ ва давлатӣ андешида мешуданд. Ба унвони мисол, дар Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ таъкид шуда буд, ки занон дар давраи ҳайз иҷозати наздик шудан ба унсурҳои муқаддас, ба монанди оташи муқаддас, об, замини зироатӣ ва дигар мавзеъҳои покро надоштанд. Зане, ки дар чунин ҳолат қарор дошт, бо унвони «армешт» ном бурда мешуд, ва макони, ки барои нигоҳдории ӯ пешбинӣ мешуд, «армештгоҳ» (ё «армештгос») ном дошт.

То бартараф гардидани ҳолати мазкур ва барқароршавии покӣ, ӯ бояд дар он макон истиқомат мекард. Бо вуҷуди ин, фарҳанги ҳуқуқии зардуштӣ нисбати ҳуқуқи зан муносибати мустақим ва равшан дошт ва онро ба таври муқарраршуда дар матнҳои Авесто ва дигар манобеи таърихии давраи мазкур метавон мушоҳида кард [59, с. 172].

Тибқи муқаррароти Вандидод, иҷозат дода намешуд, ки як нафар ҷасади шахси фавтидаро ба дахма мустақилона, бе ширкати дигарон интиқол диҳад. Сабаби чунин манъкунӣ дар эҳтимоли олудашавии шахс ва паҳн гардидани бемориҳо ба дигар аъзои ҷомеа нуҳуфта буд. Дар ҳолате ки шахс ба ин манъият итоат намекард ва чунин амалро ба танҳоӣ анҷом медод, ба ӯ маҳдудиятҳои ҷиддӣ дар ҷойи иқомат ва ҳаракат таъин мешуданд. Бо рушди минбаъдаи низоми ҳуқуқи зардуштӣ, ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба яке аз воситаҳои маъмул ва муассири маҷбуркунии давлатӣ табдил ёфт. Дар даврони салтанати Сосониён муассисаҳои зиндони расмӣ амал мекарданд ва дар «Додномаи Сосонӣ» ҳатто дар бораи вазифа ва сохтори идоракунии ин муассисаҳо маълумот дода шудааст. Тибқи пажӯҳишҳои А.Г. Периханян, дар татбиқи чунин навъи ҷазо як қатор шахсони масъул иштирок мекарданд, аз ҷумла: додрас (судя), ки ҳукм содир менамуд; бойгонидор, ки ҳуҷҷатҳо ва санадҳоро нигоҳ медошт; ва сардори зиндонҳо, ки масъули назорат ва татбиқи ҷазои маҳрум аз озодӣ ба шумор мерафт [56, с. 247]. Дар Авесто ҳам дар бораи мавҷудияти чунин ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишорат меравад. Дар фаргарди 10-и Вандидод гуфта мешавад, ки «амали шахсе, ки маҳкумро аз зиндон озод мекунад, ба амалҳои одаме баробар карда мешавад, ки пӯсти касро канда мегирад ва сари ӯро аз тан ҷудо менамояд, яъне ба одамкушӣ баробар карда мешавад» [10, с. 589].

Дар давраҳои ҳукмронии Ҳахоманишиён ва Сосониён, яке аз шаклҳои маъмул ва роиҷи муҷозот ин маҳрум кардани шахси ҷиноятсодиркарда аз озодӣ ва маҳдуд намудани ӯ дар макони махсуси

ҷудошуда аз ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Ҷинояткорро дар чунин ҷойҳо, ки ба зиндон шабоҳат доштанд, нигоҳ медоштанд. Шароити зист ва нигоҳдорӣ дар ин маконҳо ниҳоят вазнин, шиканҷабор ва дур аз меъёрҳои инсондӯстона буданд. Дар бисёр мавридҳо, чунин нигоҳдорӣ бо марги маҳкумшуда анҷом меёфт ва аксаран ҳадафи нигаҳдорӣ низ маҳз ҳамин буд – яъне нигоҳ доштани шахс то лаҳзаҳои охирини ҳаёт дар шароити маҳрумият аз озодӣ.

Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ нисбати намудҳои гуногуни ҷиноятҳо татбиқ мегардид. Бо рушди сохторҳои давлатӣ ва тақвияти идоракунии ҳуқуқӣ, ин шакли муҷозот бештар истифода мешуд. Маҳрумият аз озодӣ ба унвони як навъи ҷазо нисбат ба ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла амалҳо бар зидди ҳаёт ва саломатии инсон, ҷиноятҳои дорои хусусияти динӣ ва ҳамчунин ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба моликият татбиқ мешуд.

Муҳлати татбиқи ин муҷозот вобаста ба вазнинии ҷиноят аз муҳлатҳои маҳдуд то маҳрумияти якумра аз озодӣ фарқ мекард. Дар баъзе ҳолатҳо, маҳрумият аз озодӣ ҳамчун муҷозоти такрорӣ нисбат ба шахсоне, ки борҳо ҷиноят содир менамуданд, пешбинӣ мешуд. Масалан, шахсе ки дуздӣ содир мекард, бо нишона (тамға) аломатгузорӣ мешуд. Дар сурати содир намудани ҷиноятҳои такрорӣ, нишонаҳои нав мегузоштанд. Агар чунин шахс то чаҳор маротиба тамғагузорӣ мешуд ва боз ҷинояти монанд содир менамуд, тибқи меъёрҳои замон, ӯ набояд дигар ҳаргиз аз зиндон озод карда мешуд.

Дар давлатҳои бостонӣ, аз ҷумла дар низоми ҳуқуқии даврони зардуштӣ, ҷазо дар шакли рондан аз ҷомеа ва бадарға ба ҳайси яке аз муҷозотҳои муҳимми ҷиноятӣ ба шумор мерафт. Ин навъи ҷазо асосан нисбат ба шахсоне татбиқ мегардид, ки амалҳои зиддидинӣ ё дигар кирдорҳои номатлуб анҷом медоданд. Чунин кирдорҳо ҳамчун вайрон

кардани меъёрҳои ҳамзистии иҷтимоии қабилавӣ ва ахлоқии ҷамъият арзёбӣ мешуданд.

Ҷазои бадарға, одатан, бо дигар муҷозотҳо, аз қабили мусодираи молу мулк, пардохти ҷарима ва ҷазоҳои ҷисмонӣ якҷоя истифода мешуд. Яке аз ҳолатҳои маъмул барои татбиқи чунин ҷазо саркашӣ аз ширкат дар маросими қурбонии ҳарсола ба шумор мерафт. Шахсе, ки аз пешниҳоди саҳми худ дар ин маросим худдорӣ мекард, ҳамчун гунаҳгори ҷиноятe дониста мешуд, ки дар заминаи эътиқодоти он давра, ба «гуноҳи марговар» баробар ҳисобида мешуд. Дар натиҷа, шахси гунаҳгор аз ҷомеа хориҷ гардида, тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандии худро аз даст медод.

Дар давраи салтанати Сосониён, содир кардани ҷинояти махсусан вазнин, ки ба он унвони «гуноҳи марговар» дода мешуд, сабаби рондашавии шахс аз ҷомеа мегардид ва ӯ дар натиҷа ҳуқуқи истифода аз имтиёзҳои шаҳрвандиро аз даст медод. Аз давраҳои хеле қадим, татбиқи ҷазои қатл ҳамчун масъалаи баҳсталаб ва мураккаб шинохта мешуд. Бо таҳаввули тафаккури динӣ ва ахлоқӣ, муносибат ба ин навъи ҷазо тағйир ёфта, тадриҷан истифодаи он коҳиш меёфт ва онро бо муҷозотҳои дигар, камшиддаттар иваз менамуданд. Дар Авесто равияи дигаргун сохтани ҷазои қатл бо назардошти рушди ҷомеа ва ҳуқуқи бостонӣ зикр ёфтааст. Ба ҷои марги ҷисмонӣ, ҷазоҳои ба истилоҳ «марги мулкӣ» – яъне маҳрум шудан аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ бештар татбиқ мешуданд. Чунин муҷозот нисбат ба шахсоне ба амал меомад, ки бар зидди арзишҳои оилавӣ ва ҷамъиятӣ ҷиноят содир менамуданд. Аз ҷумла, занеро, ки бе шавҳар ба корҳои номуносиб машғул мешуд, ё нафаре, ки оилаи худро беназорат гузошта, хиёнат мекард ва ё ҳатто одамкушӣ содир менамуд, дучори чунин ҷазои шадид мекарданд. Ин навъи кирдорҳо, ки хусусияти беобрӯкунанда доштанд, аксар вақт ба аз байн рафтани мақом ва нуфузи иҷтимоии шахс дар оила ва ҷомеа сабаб мешуданд. Хиёнат ба сохтори оилавӣ на танҳо аз ҷиҳати ахлоқӣ маҳкум

мешуд, балки дар сатҳи ҳуқуқӣ низ бо чораҳои шадид посух мегирифт [123, с. 29-43].

Тухмат ва таҳқир яке аз кирдорҳое мебошад, ки дар Вандидод роҷеъ ба он ҷавобгарии ҳуқуқии вазнин пешбинӣ гардидааст. Вобаста ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ маҳз кирдорҳои зиддиҳуқуқие чун туҳмат ва таҳқир нисбатан муҳим ба ҳисоб меравper, зеро ин кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ҳанӯз аз ҳуқуқи зардуштӣ сарчашма гирифта, ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф гардида, ҷазои вазнин таъин карда мешуд. Дар ҳама сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ туҳмат ва таҳқир кирдорҳои аз рӯйи оқибат хавфнок ҳисобида шуда, бисёр сахт мазаммат гардидааст. Ба андешаи З.Х. Зокирзода ва Ф.А. Бобохонов, «агар меъёрҳои ҳуқуқи қонунгузории имрӯзаро вобаста ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ бо сарчашмаҳои таърихӣ муқоиса намоем, маълум мегардад, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ нисбат ба низоми муосири ҳуқуқи Тоҷикистон ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ диққати ҷиддӣ зоҳир менамудааст» [35, с. 81].

Лозим ба таъкид аст, ки тибқи Вандидод саг бисёр ҳайвони боарзиш маҳсуб мешавад. Ба андешаи Ш.П. Бердиев, «сагро ранҷондан гуноҳ ҳисобида мешавад» [159, с. 124]. Накӯкорӣ ва дилсӯзӣ нисбат ба ҳар чизе, ки дар рӯйи замин зиндагӣ мекунад, хусусияти асосии ахлоқи авестоӣ мебошад. Аз ин рӯ, зарбаи марговар задан ба саг ё азоб додани он ҷинояти бузург дониста мешуд. Фаргарди сездаҳуми китоби Вандидодро метавон шартан бо номи «Сагнома» ёдовар шуд, зеро тамоми муҳтавои он ба масъалаҳои марбут ба саг ва муносибати инсон бо ин ҳайвон бахшида шудааст. Ин қисмат 56 бандро дар бар мегирад ва дар он ҷанбаҳои гуногуни марбут ба куштани саг, озору шиканҷа додани он ва ҷазоҳои таъйиншаванда баррасӣ мегарданд. Дар Вандидод таъкид мешавад, ки саг дар миёни офаридаҳои Аҳуромаздо ҷойгоҳи хос дорад,

зеро он аз субҳ то шом бар зидди неруҳои шар, бахусус Аҳриман, мубориза мебарад ва тартибу низоми некро дар ҷаҳон ҳифз мекунад [64, с. 372]. Фаргарди чордаҳум бошад, иборат аз 14 банд буда, ба ҷазоҳои пешбинишуда барои куштани саги обӣ (дар забони авастоӣ – «удра», ки эҳтимолан бо истилоҳи муосири русии «выдра» мувофиқ аст) бахшида шудааст. Ин ҷонвар, ки дар муҳити обӣ зиндагӣ мекунад, ҳамчун махлуқи муқаддас эътироф мегардад. Дар натиҷа, нафаре ки даст ба қатли он мезанад, тибқи муқаррароти Вандидод, бояд ба ҷазои сахт – ҳазорон зарбаи тозиёнаи асп ва ҳамин қадар зарбаи тасма маҳкум гардад [64, с. 372]. Чунин навъи муҷозоти шадид ва сахтгирона, ки дар бандҳои қаблӣ зикр гардидаанд, дар дигар қисматҳои Вандидод қариб ки мушоҳида намешавад. Фаргарди понздаҳум, ки иборат аз 51 банд мебошад, ба тавзеҳи гуноҳҳои бузург ва нобахшиданӣ бахшида шудааст. Дар ин фаргард кирдорҳое зикр мегарданд, ки тибқи таълимоти зардуштӣ ҳамчун амалҳои ношоиста ва хатарнок ба ҷомеа ва ахлоқи ҷамъиятӣ арзёбӣ мегарданд. Аз ҷумла, ба саги хонагӣ ё саги посбон додани ғизои ниҳоят гарм ва ё номусоид, расонидани шиканҷа ё лату кӯб ба саги ҳомила, анҷоми муносиботи ҷинсӣ бо зан дар давраи ҳайз ва ҳамчунин бо зани ҳомиладор, анҷоми исқоти ҳамл (бачапартоӣ) ва ҳомиладор гардидани духтари бешавҳар ба сифати гуноҳҳои ҷиддие ба ҳисоб мерафтанд, ки бахшиданашон ғайриимкон шуморида мешуд. Ин навъи кирдорҳо ҳамчун таҳдид ба тартиботи ахлоқӣ ва муқаддасоти зиндагии ҷомеа арзёбӣ мешуданд ва ҷазоҳои сахтро ба дунбол доштанд.

Ногуфта намонад, ки қисми зиёди давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ва давлатҳои рӯ ба инкишоф нисбати азияти ҳайвон дар қонунгузории миллиашон ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ намудаанд. Дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои ИДМ бошад, ҳама гуна кирдорҳои ба озору уқубат додани ҳайвонҳо алоқамандбударо ба ҷиноятҳо ба муқобили ахлоқ ворид намудаанд ва ҷавобгарии муайянро

пешбинӣ намудаанд. Кирдорҳои (кофтани чашми саг, гурба, хариду фурӯши ғайриқонунии ҳайвонот ва ғайра) ҳамчун ҷиноят ҳисобида шудаанд. Аммо масъалаи мазкур дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаассифона дида намешавад. Муқаддас будани саг ҳамчун як унсури дини зардуштӣ дар давлатҳои ғарб бараъло дида мешавад. Аммо, мутаассифона, дар қонунгузории ҶТ оид ба ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ танҳо дар м. 277-и КҲМ ҶТ барои бераҳмӣ нисбат ба ҳайвоноту парандагон, аз ҷумла ҳайвоноти бесарпаноҳ, инчунин таблиғи бераҳмӣ нисбат ба ҳайвонот ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи қ. 2-и м. 277-и КҲМ ҶТ [5], агар ҳамин кирдорҳо нисбат ба ҳайвонот ва парандаҳо аз ҳиссиёти авбошӣ, бо бераҳмии махсус, садизм, бо мақсади ғаразнок ва дигар нияти нопоку паст, бо намоиши оммавӣ бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, ки боиси маъюбӣ ё ҳалокати ҳайвонот ё парандаҳо гардида бошанд ва ё дар ҳузури шахсони бараъло хурдсол содир шуда бошанд, ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

Ахиран қонунгузорони Тоҷикистон бо вуҷуди ин тасмим гирифтанд, ки барои бераҳмӣ нисбат ба ҳайвоноти хонагӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷорӣ кунанд. Аммо ин қоида танҳо дар Лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии кишвар хоҳад буд, ки кай қабул шудани он ҳанӯз маълум нест. Шарти ҳатмӣ ё меъёри ҳатмӣ маҳз муносибати бераҳмона, ангезаҳои авбошӣ, яъне садизм хоҳад буд.

Имрӯз вақти он расидааст, ки таркиби нави ҷиноят дар м. 243$^{1}$-и КҶҶТ оид ба муносибати бераҳмона нисбат ба ҳайвонот ворид карда шавад, зеро мавҷудияти ин модда метавонад ба муносибати хуби инсон ба ҳайвонот мусоидат намояд. Ин масъала, аллакай, дар қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ (Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Украина, Ҷумҳурии Гурҷистон ) ҳалли худро ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории ҶТ хулоса ва пешниҳодҳои зерин манзур шуданд:

1. Дар ҷомеаи зардуштӣ мафҳуми «харида гирифтани гуноҳ» ҷойгоҳи махсус дошт. Тибқи муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятии Авесто, имкони иваз кардани ҷазои ҷисмонӣ бо пардохти ҷуброни моддӣ (ё молумулкӣ) қобили қабул дониста мешуд. Чунин амали ҳалли муҷозот тавассути ҷубронро метавон дар Вандидод низ мушоҳида кард, ки дар он баробар қарор додани миқдори зарбаҳои қамчин бо арзиши молиявии онҳо ишора шудааст. Ин тарзи баррасии ҷазо ва истифодаи меъёрҳои ивазшаванда дар замони салтанати Сосониён низ идома ёфта, қимати зарбаҳо бо ҳисобу китоби пулии замона муайян карда мешуд.

2. Дар Вандидод намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазо дарҷ гардидаанд, аз ҷумла: ҳукми қатл, ҷазоҳои ҷисмонӣ, мусодираи доройӣ, пардохти товон дар шакли додани молу мулк (пурра ё қисман), маҳрумсозӣ аз ҳуқуқи будан дар ҷомеа ва дигар навъҳои ҷазо. Бо вуҷуди ин, дар амал бештар навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқие мавриди истифода қарор мегирифтанд, ки характери молиявӣ доштанд – ба мисли ҷаримаҳо, мусодираи амвол ва пардохти товон ба унвони «харидани гуноҳ». Ин раванд на танҳо муҷозот буд, балки воситаи барқарорсозии адолат ва ҷуброни зарари расондашуда ба ҷомеа ё шахсони ҷабрдида маҳсуб мешуд. Вақти он расидааст, ки мо падидаи ҳуқуқии харидани гуноҳ ё каффоратро, ки ҳазорсолаҳо пеш аҷдодону ниёгони мо ҳангоми азобу уқубат намудани ҳайвонот, аз ҷумла саги хонагӣ ё ҷӯпонӣ истифода мебурданд, аз нав эҳё намоем.

3. Аз омӯзиши муносибати низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба таҳқир ва туҳмати инсон бармеояд, ки ин падидаҳо ҳамеша мавриди нафрат қарор гирифта, нисбати онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Кирдори туҳмат метавонад зарари калони равониву физиологӣ ба инсон расонад. Вале падидаи туҳмат дар таҳрири нави КҶ ҶТ ҷурмзудоӣ

(декриминализатсия) карда шуд. Аз ин рӯ, такя ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон дар ҶТ ва бо назардошти омили пастзанандаи арзиши инсонӣ будани тухмат пешниҳод мешавад, ки кирдори тухмат дар КҶ ҶТ дубора ҷурмангорӣ (криминализатсия) карда шавад.

4. Бо омӯзиши қонунгузориҳои давлатҳои аъзои ИДМ пешниҳод мешавад, ки дар КҶҶТ тағйирот ворид карда шуда, дар он моддаи алоҳида вобаста ба ҷинояти муносибати бераҳамона ба ҳайвонот қабул карда шавад. Раванди омӯзиш ва таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ИДМ нишон дод, ки тибқи моддаи 245-и Кодекси ҷиноятии ФР, моддаи 163-и Кодекси ҷиноятии Қирғизистон, моддаи 339[1]-и Кодекси ҷиноятии Белорус, моддаи 202-1-и Кодекси ҷиноятии Узбекистон, моддаи 259-и Кодекси ҷиноятии Гурҷистон, моддаи 299-и Кодекси ҷиноятии Украина, моддаи 243[1]-и Кодекси ҷиноятии Қазоқистон вобаста ба муносибати бераҳмона нисбати ҳайвонот ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидаанд, ки ҳамчун таркиби ҷиноят дар КҶ ҶТ вуҷуд надорад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар моддаи 243[1]-и КҶ ҶТ таркиби нави ҷиноят оид ба муносибати бераҳмона нисбати ҳайвонот ворид карда шавад, ки мавҷудияти ин модда барои мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили ахлоқ мусоидат хоҳад кард.

### 3.3. Вандидод ҳамчун заминаи таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ

Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ду падидаи муҳимми ҳуқуқие мебошанд, ки дар ҳама давру замон мубрамияти худро нигоҳ доштаанд. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши институтҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубрамияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзоянд.

Яке аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқие, ки пайдоишу ташаккули ҳуқуқи миллӣ аз он ибтидо гирифтааст ин низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳисоб

меравад. Ҳуқуқи зардуштӣ дорои сарчашмаҳои расмию хаттие мебошад, ки бори нахуст ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқӣ, аз ҷумла институтҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро дар шакли навишташуда муқаррар ва танзим намудааст, навиштаҳои хаттии он то ба имрӯз омада расидаанд. Мафҳуми ҷиноят ҳамчун як падидаи хатарноки иҷтимоӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро халалдор месозад, дар аксари манбаъҳои қадимӣ, бахусус дар Авесто – яке аз сарчашмаҳои бунёдии ҳуқуқи қадима мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Авесто на танҳо ҳамчун манбаи динию фалсафӣ, балки ҳамчун асоси ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шинохта мешавад. Дар ин манбаъ ба равшан сохтани моҳияти кирдорҳои ҷиноятӣ, муқаррар кардани навъ ва дараҷаи ҷазо, тартиби ҳалли ихтилофоти дорои характери ҷиноятӣ ва татбиқи адолати судӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардидааст. Ин равиш нишон медиҳад, ки дар зардуштия принсипҳои адолати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ аз замонҳои хеле қадим вуҷуд дошта, ҷиноятро на танҳо ҳамчун амал бар зидди қонун, балки ҳамчун хатаре ба суботи ҷомеа ва арзишҳои инсоният медонистанд [112, с. 40].

Дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ Авесто мавқеи марказиро ишғол менамояд. Зеро чун «Маҷмуаи қонунҳо» тамоми ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро муқаррар кардааст. Заминаи таърихию ҳуқуқии бисёре аз меъёрҳои қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар дар Авесто ба назар мерасанд. Меъёрҳои ҳуқуқии Авесто дар Вандидод – «Қонун бар зидди девҳо» каму беш ба низом дароварда шудаанд. Хусусиятҳои Авесторо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ ба ғайр аз дигар меъёрҳои ҳуқуқии қисмҳои он ҳамин қисм муайян мекунад. Аввалан, он хусусияти сирф ҳуқуқӣ дорад. Аз 22 фаргарди Вандидод 16 фаргард (фаргардҳои 3-18) сирф ҳуқуқӣ буда, 6-тои боқимонда тақрибан нисфи талаботи ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Сониян, Авесто ҳамчун сарчашмаи мукаммали ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқии

соҳаҳои ҷиноятӣ, обӣ, судӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ҷолиб он аст, ки дар бисёр мавридҳо ҳангоми танзими объекти мушаххас пайдарпайии муайяни меъёрҳои ҳуқуқиро пай бурдан мумкин аст. Масалан, ҳангоми аз зарар муҳофизат намудани саломатии одамон, ҳангоми муҳофизати ҳаёт ва саломатии сагҳо, ҳангоми муайян кардани навъҳои шартнома ва ғайра [147, с. 13].

Баъзе олимон Вандидодро ҳамчун як кодекси ҷиноятии қадим эътироф мекунанд, ки қисман дуруст мебошад. Вале бояд гуфт, ки дар ин сарчашма ба ғайр аз меъёрҳои ҷиноятӣ бисёр меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи обӣ, ҳуқуқи экологӣ мавҷуданд, ки онро на танҳо ҳамчун кодекси ҷиноятии қадим ҳисоб кардан мумкин аст, балки, илова бар ин, ҳамчун «Қонунномаи қадим» тавсиф мекунанд. Чунин муназзам ва мутамарказии Вандидод, бешубҳа, ҳатто дар он замонҳо онро ба «Қонунномаи бостонии» форсизабонони Осиёи Миёна ва Эрон табдил дода, ба сарчашмаи ҳуқуқӣ чун «Қонунҳои Ману» дар Ҳиндустон ва «Қонунҳои Ҳаммурапӣ» дар Бобул баробар кардааст. Тафовути Авесто дар он аст, ки он ба ҳокимон ва қонунгузорони алоҳида тааллуқ надорад. Мазмун ва предмети танзими ҳуқуқии Вандидод, сарфи назар аз замони пайдоиши он аз он гувоҳӣ медиҳад, ки усулҳо ва талаботи ҳуқуқии он нисбат ба давраи Ҳахоманишиён хеле пештар ташаккул ёфта, то замони пас аз Сосониён татбиқ мешуданд [147, с. 13]. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасанд. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки меъёрҳои Авесторо бо меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи кишвар дар самти муносибатҳои

ҷиноятӣ, маданӣ ва оилавӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор диҳем.

**Муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ.** Дар бахши муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бисёр меъёрҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳам дар қонунунгузрии ҷиноятӣ ва ҳам дар Авесто ба мушоҳида мерасанд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҷинояту ҷинояткорӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар робита ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, Вандидод маҷмуи меъёрҳоеро фаро мегирад, ки дорои хусусияти ҷиноятӣ мебошанд ва ба таври муназзам гирдоварӣ шудаанд.

Дар замони амали низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ҳангоми таъин ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, принсипҳои муҳим ва умумии ҳуқуқӣ риоя мегардиданд. Қисми зиёди ин принсипҳо дар сарчашмаҳои ҳуқуқии он давра сабт ва тасбит шудаанд. Аз ҷумла, принсипи масъулияти шахсӣ (фардӣ) ҳамчун яке аз асосҳои муҳими низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ эътироф мегардид. Мувофиқи ин меъёр, ҳар як фард танҳо барои амали ҳуқуқвайронкунии аз ҷониби худ содиркардааш масъул дониста мешуд ва ҷавобгариро шахсан ба дӯш мегирифт, на дигарон. Мутобиқи м. 7 КҶ ҶТ «Ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ» [2]. Принсипи мазкур на танҳо дар Авесто, балки дар дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ низ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, Куруши Кабир дар Эъломияи худ чунин эълон дошта буд: «... ҳар кас посухгӯи аъмоли худ мебошад, ҳеҷ касеро набояд ба ангезаи ин, ки яке аз бастагонаш хилоф кардааст, муҷозот кард ва агар аз дудмон ё хонаводае хилоф кард, танҳо ҳамон кас ба кайфар бирасад ва ба дигар мардумон ва хонавода коре нест» [74, с. 117-118]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки дар татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши принсипи ҷавобгарии фардӣ хеле калон арзёбӣ мегардад.

Дар тафаккури ҳуқуқии зардуштӣ мубориза миёни неруҳои некӣ ва бадӣ бо пирӯзии адолат анҷом меёбад ва маҳз адолат ҳамчун кафили

саодати инсон дониста мешавад. Системаи ҳуқуқии зардуштӣ, махсусан таълимоти дар Авесто инъикосёфта, риояи муқарраротӣ ҳуқуқӣ, нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ва иҷрои амалҳои мувофиқ ба шариати он давраро амри муқаддас мешуморид. Аз нигоҳи ин таълимот, итоат ба қонун на танҳо воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки заминаи субот ва пешрафти ҳаёти инсон арзёбӣ мегардид [112, с. 40]. Умуман, риояи қонун ва иҷроиши онҳо дар ҳуқуқи зардуштӣ яке аз уҳдадориҳои шахс дониста мешуд, ки ин меъёр дар м. 42 Конститутсияи ҶТ [1] низ муқаррар гардидааст.

Ҳарчанд дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда масъалаи туҳмат ва таҳқиқри шахс муқаррар нашуда бошад ҳам, вале дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ туҳмат ва таҳқири шахс ҳамчун ҷиноят ҳисобида мешуд. Пажӯҳишҳои олимони ватанӣ, У.А. Азиззода [111, с. 36-38], И.Б. Буризода [20, с. 30], А.Ғ. Холиқзода [86, с. 322-358], Ф.А. Бобохонов [161; 162] ва дигарон ин андешаро собит месозад.

Аз таҳлили муқарраротӣ ҳуқуқи ҷиноятии дар Авесто зикршуда бармеояд, ки дар он давра мафҳуми шарикӣ дар содир кардани ҷиноят низ ба таври возеҳ мавҷуд буд. Дар сатрҳои 13 ва 14-и фаргарди понздаҳ, кирдорҳое зикр шудаанд, ки паҳлуи объективии онҳо ба амалҳои исқоти ҳамли ғайриқонунӣ рабт дошта, ҳамчун ҷиноят арзёбӣ мегардиданд: «Агар зан аз шахси бегона, яъне берун аз никоҳ ҳомиладор шуда, исқоти ҳамл карданӣ мешуд, барои ин ба пиразане муроҷиат мекарданд, ки тавассути растаниҳои махсус ба амали зерин машғул буд. Агар пиразанро ёфта, ин кирдорро содир менамуданд, он гоҳ гуноҳ барои ҳар се баробар тақсим карда мешавад» [10, с. 839]. Дар ин маврид, тибқи банди 12-и ин фаргард, онҳо ба куштори барқасдона ҷавобгар мешаванд. Дар Авесто шарик будан дар содир намудани ҷиноят эътироф шудааст, аммо ҷолиби диққат он аст, ки ҳатто ҳангоми муайян кардани нақши ҳар як шарик дар кирдори содиршуда барои ҳама як ҷазо пешбинӣ мешуд.

Тавре мебинем, дар Авесто таснифи шарикон аз рӯи нақшҳо: ташкилкунанда, иҷрокунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ дида нашудааст [146, с. 54-55]. Системаи ҳуқуқии авестоӣ, ба фарқ аз қонуни ҷиноятии замони муосир, ҳолатҳои омодагӣ ва сӯиқасд ба ҷиноятро дар асоси сатҳи таҳдиди воқеӣ аз сӯйи ҷинояткор ва вобаста ба навъи мушаххаси кирдорҳо ба таври алоҳида гурӯҳбандӣ менамояд. Дар Вандидод ҳангоми таҳлили ҷиноят, дараҷаи воқеияти амал ва имкони татбиқи он ҳамчун унсури муҳимми ҳуқуқвайронкунӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Хусусияти фарққунандаи ҳуқуқи Авесто дар он зоҳир мегардад, ки ҳолатҳои такрории сӯиқасд ё тайёрӣ ба ҷиноят ҳамчун рафтори дорои хавфи махсус арзёбӣ мешаванд. Бо ҳар такрори чунин амал, масъулияти шахс зиёд ва ҷазо нисбати ӯ шадидтар муайян мегардид. Аз ин рӯ, мо чунин андеша дорем, ки дар таълимоти ҳуқуқии Авесто тадбирҳои ҷиддии пешгирикунанда дар марҳилаи ибтидоии содиршавии ҷиноят – яъне дар сатҳи нияти ҷинояткорона ҷой дода шудаанд. Дар маркази таваҷҷуҳ на танҳо ҷазодиҳӣ, балки маҳз ҷилавгирӣ аз вуқуи ҷиноят қарор дорад.

Дар Авесто ба масъалаи ҳаёт ва саломатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст, ки ба меъёрҳои КҶ ҶТ мувофиқати зиёд доранд. Аз ҷумла, масъалаи саломатӣ дар Авесто бо намудҳои гуноҳашон баён шудааст: «Касе, ки ба оҳанги задани дигаре бархезад, гуноҳаш Огерепта аст. Касе, ки бар сари дигаре фуруд ояд, то ӯро бизанад, гуноҳаш Авауиришта аст. Касе, ки ба бадхоҳона оғоз ба задани дигаре кунад, гуноҳаш Аредуш аст. Ҳар гоҳ панҷ бори дигар бад-ин кор даст занад, Пешутану шавад» [10, с. 839]. Бидуни шубҳа метавон таъкид кард, ки бархе аз фаслҳои Вандидод хусусиятҳои қонунгузории ҷиноятиро доро буда, ҳамчун заминаи ҳуқуқи ҷазоӣ хизмат мекарданд. Зеро монанд ба Кодекси ҷиноятии муосир, дар он на танҳо намудҳои ҷиноят ва ҷазо барои онҳо зикр ёфтаанд, балки сатҳи вазнинии ҷиноятҳо ва ҳудуди ҷазои татбиқшаванда низ муайян гардидааст. Яъне, ҳам ҳадди ақал ва ҳам ҳадди аксари ҷазо барои ҳар як

навъи ҷиноят пешбинӣ шуда буданд. Дар дар м.м. 110-119-и КҶ ҶТ [2] вобаста ба дараҷаи зарари расонидашуда ба саломатӣ ва андозаи ҷазои таъиншаванда ҷиноят ва ҷазо дар самти саломатӣ муқаррар шудааст. Чунин масъала дар қисмати Вандидоди Авесто низ ба назар мерасад. Ба сифати намуна метавон овард, ки барои шахсе, ки ҷинояти марбут ба гурӯҳи Огерептаро содир намудааст, дар сатҳи камтарин, татбиқи панҷ зарбаи тозиёна бо аспаҳе-аштра ва панҷ зарба бо сраушо-чарана пешбинӣ шудааст [10, с. 839]. Аммо агар шахс ин гуна кирдорро ҳашт маротиба такрор карда, ҷуброни гуноҳҳои пешинаро напардохта бошад, амалҳои ӯ дар сатҳи ҷинояти Пешутану арзёбӣ мегарданд. Дар ин ҳол, ҷазои шадидтар ба андозаи дувист зарбаи тозиёна бо аспаҳе-аштра ва дувист зарба бо сраушо-чарана муқаррар мегардад [10, с. 589]. Аз меъёрҳои зикршуда бармеояд, ки заминаи таърихӣ-ҳуқуқии худро меъёрҳои м.м. 110-119 КҶ ҶТ [2] маҳз аз қисмати Вандидоди Авесто мегиранд.

Масъалаи ҳифзи саломатӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таваҷҷуҳи дигар муҳаққиқонро низ ба худ ҷалб намудааст. Дар таҳқиқоти илмӣ таъкид мегардад, ки дар матнҳои Авесто ба масъалаи ҳифзи тандурустии инсон аҳаммияти ҷиддӣ дода шудааст. Аз ҷумла, дар Вандидод масъалаи саломатӣ бо назардошти хусусияти амал, дараҷаи осеби расонида ва шахсияти ҳуқуқвайронкунанда ба навъҳои мухталиф тақсим гардида, барои ҳар ҳолат навъи мушаххаси ҷазо пешбинӣ шудааст [19, с. 28]. Дар адабиёт ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ вобаста ба сатҳу дараҷаи хавфнокиашон ба чунин навъҳо тасниф карда шудаанд: 1) ба даст силоҳ гирифтан (бо мақсади задан); 2) зарба задан; 3) маҷруҳ кардан; 4) хун резондан; 5) устухон шикастан; 6) расонидани зарари ҷисмонӣ ва ақлӣ ба саломатии инсон [57, с. 74]. Дар Авесто бошад, чор намуди ҷиноятҳо дараҷабандӣ гардидаанд: 1) огерепта; 2) авауиришта; 3) аредуш; 4) пешутану [10, с. 486].

Тибқи муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, се дараҷаи зарар ба саломатӣ муайян гардидааст. Ҳамин тартиб, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ масъалаҳои марбут ба осеб расонидан ба саломатӣ сарфи назар нашуда, дар он се сатҳи зарар – осеби сабук, миёна ва шадид ба таври алоҳида пешбинӣ шудааст. Вобаста ба зарари сабук Авесто муқаррар намудааст, ки «касе, ки дигареро бизанад ва осеби сахте бад-ӯ бирасонад, барои бори аввал сӣ тозиёна бо аспаҳе-аштра, сӣ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор панҷоҳ тозиёна бо аспаҳе-аштра, панҷоҳ тозиёна бо сраушо-чарана. Севумин бор ҳафтод тозиёна бо аспаҳе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Чаҳорумин бор навад тозиёна бо аспаҳе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана ҷазо дода мешавад» [10, с. 588]. Вобаста ба зарари миёна расонидан ба саломатӣ Авесто муқаррар менамояд, ки «касе, ки дигареро чунон бизанад, ки хуни вайро бирезад, подафраи гуноҳаш барои бори аввал панҷоҳ тозиёна бо аспаҳе-аштра, панҷоҳ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор ҳафтод тозиёна бо аспаҳе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Севумин бор навад тозиёна бо аспаҳе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана мебошад» [10, с. 559]. Дар хусуси зарари вазнин Авесто пешбинӣ кардааст, ки «касе, ки дигареро чунон бизанад, ки устухоне аз вайро бишканад, подафраи гуноҳаш барои бори аввал ҳафтод тозиёна бо аспаҳе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор навад тозиёна бо аспаҳе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана мебошад» [10, с. 537]. Меъёрҳои мазкур ба м.м. 110-112 КҶ ҶТ [2] мувофиқати калон доранд. Аммо, фарқият дар он аст, ки Вандидод аз дараҷаи сабук ба дараҷаи вазнин меъёрҳоро пайдарҳам муқаррар намудааст. Вале дар КҶ ҶТ бошад, аввал зарари вазнин, баъдан миёна, сониян сабук муқаррар шудааст [2]. Ҳол он ки санксияҳои ҳар як моддаи он аз дараҷаи сабук ба миёна ва баъдан ба вазнин муайян гардидааст. Бо ин назардошт, пешниҳод менамоем, ки м.м. 110-112 КҶ ҶТ ҷойҳояшон иваз карда шуда, аз сабук ба вазнин муқаррар гардад.

Барои куштори қасдан низ ҷазои қатл пешбинӣ шуда буд. Барои таҷовуз ба номус, бачабозӣ ва ғайра ҳамчун ҷиноятҳои хавфнок ҷазои сахт дода мешуд. Тайёрӣ ба ҷиноят ва кирдорҳое, ки дар доираи низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва ҷомеаи он замон хатари ҷиддӣ ба ҳисоб намерафтанд, ҳамчун амалҳои камтар хавфнок арзёбӣ мешуданд. Ҷазое, ки барои чунин кирдорҳо пешбинӣ мешуд, аз 5 зарбаи чӯб ё қамчин оғоз мегардид ва дар ҳолатҳои вазнин то ба 10 ҳазор зарба мерасид [146, с. 55]. Чунин намудҳои ҷиноятҳои зикршуда дар Кодекси ҷиноятии ҶТ низ муқаррар гардидаанд.

Яке аз ҷиноятҳое, ки дар амалия зиёдтар содир мешавад, ин ҷинояти дуздӣ ба ҳисоб меравад. Ҷинояти мазкур дар Авесто низ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, дар савганди ҳар як зардуштӣ баён гардидааст, ки «Аз дуздидану аз ситадани (боздрии) сутурон дурӣ меҷӯям. Аз зиён расондан ба висаи (хонадони) маздояснон, аз хароб гардондани онҳо дурӣ меҷӯям» [10, с. 590]. Дар ҷои дигар Зардушт хитоб кардааст, ки «Об аз они дузд, тороҷгар, роҳзан, порсокуш, ҷоду, Ашмуғи нопорсо, дурӯғгӯи ситамкор ва касе, ки мурдор ба хок супорад, мабод!» [10, с. 589]. Вобаста ба масъалаи дуздӣ Куруши Кабир дар Эъломияи худ хитоб намудааст, ки «ман то рӯзе, ки подшоҳ ҳастам, нахохам гузошт, ки касе молу амволи дигареро бо зӯр ва ё ҳар равиши нодурусти дигаре аз ӯ бидуни пардохти арзиши воқеии он бигирад» [74, с. 117-118]. Дар яке аз сарчашмаҳои дигари зардуштӣ чунин омадааст: «Эй Рашни ашаван! Эй ростарин Рашн!... Эй Рашн, ки беҳтар аз ҳама додхоҳро ба фарёд расӣ! Эй Рашн, ки дуздро беҳтар аз ҳама барандозӣ!» [10, с. 589]. Меъёрҳои мазкур ба меъёрҳои м.м. 244-250 КҶ ҶТ [2] мувофиқат менамоянд.

Масъалаи ҷиноятҳои коррупсионӣ низ дар сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ муқаррар гардидаанд, ки ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда мазмунан мувофиқат менамоянд. Аз ҷумла ба андешаи муҳаққиқи эронӣ А. Ашрофӣ, «шоҳаншоҳ ҳақ дошт порагирандаро, ки бори нахуст ин гуноҳро содир кардааст ва ё собиқаи дурахшони амал

дар гузашта дошта бошад, авф намояд» [113, с. 118]. Ба андешаи мо, меъёре, ки дар қисми 1, эзоҳи м. 320 КҶ ҶТ оварда шудааст, заминаи худро маҳз аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ мегирад. Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки агар шахси тамаъҷӯе ихтиёран ба мақоме, ки ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад хабар дода шавад, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Чунин ҳолат ҳам дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва ҳам шуравӣ низ ба назар мерасад.

Ҷолиб он аст, ки дар таълимоти Авесто низ, ба монанди қонунгузории ҷиноятии муосир, ба мизони зарари расонида аҳаммияти хосса дода мешуд. Ин равиш нишон медиҳад, ки дараҷаи ҷиноят ва ҷазо дар асоси оқибатҳои амали содиршуда муайян мегардид. Масалан, зарбаи ҷисмонӣ ба саг ва аз ин роҳ аз даст рафтани қобилияти кориаш ё маъюб гардидани узви он, дар сатҳи ҷинояти вазнин арзёбӣ мешуд. Дар қонунҳои ҷиноятии имрӯзаи аксари кишварҳои рушдкарда низ меъёрҳои махсус барои ҳифзи саломатии инсон аз зарари шабеҳ мавҷуданд, ки ин аз монандии методологии ҳифзи арзишҳои ҳаётӣ дар ҳуқуқи қадим ва муосир шаҳодат медиҳад [146, с. 54]. Масалан, дар Вандидод дар мавриди исқоти ҳамл чунин меъёр мавҷуд аст: «Агар зан аз шарм ба исқоти ҳамл даст занад, гуноҳи куштори кӯдак ҳам ба гардани падар ва ҳам ба модар гузошта мешавад, ки барои ин кирдор ҷазои қатл муқаррар шуда буд» [10, с. 589]. Қисмати Вандидоди Авесто ба масъалаи исқоти ҳамл меъёрҳои зиёди ҳуқуқӣ муқаррар кардааст. Аз ҷумла, фаргарди 15, қисми 2, бандҳои 13 ва 14-и Вандидод, ин масъаларо пешбинӣ кардаанд. Масъалаи мазкур дар м. 123 КҶ ҶТ [2] низ муқаррар гардидааст.

Омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ моро ба хулосае овард, ки ҳатто дар давраҳои қадим, навъҳои гуногуни ҷиноят ва механизмҳои ҷазодиҳӣ барои онҳо дар заминаи муқаррароти нисбатан мукаммали қонуни ҷиноятии дорои хусусияти давлатӣ пешбинӣ мегардиданд. Дар он замон як қатор институтҳои

муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла такрори содир кардани ҷиноят (рецидив), таъини ҷазо, бахшишу авф, ҷаримаҳо, кӯшиши содир намудани ҷиноят, маҳкумкунии шартӣ ва дигар институтҳои амалӣ вуҷуд доштанд, ки имрӯз низ дар қонуни ҷиноятии муосир аҳаммияти калидӣ доранд. Масъалаи такроршавии ҷиноят, ки дар қонунгузории кунунии Тоҷикистон низ ба таври муфассал танзим ёфтааст, тибқи моддаи 19-и КҶ ҶТ, бо муҳтавои мушаххас шарҳ дода мешавад: «Ҷиноятҳои такрорӣ дар вақтҳои гуногун содир намудани ду ё зиёда кирдорест, ки дар ҳамон модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд» [2]. Дар сатрҳои 26 то 28, қисми сеюми фаргарди 4-и Вандидод ҷиноятҳое зикр мегарданд, ки ба гурӯҳи аредуш тааллуқ доранд. Сатри 26 ин навъи кирдорро шарҳ дода, дар сатрҳои минбаъда – 27 ва 28 ҳолати такроршавии ин кирдор то панҷ маротиба дар марҳилаҳои гуногун баррасӣ мешавад. Тибқи меъёрҳои мазкур, агар шахс барои бори шашум чунин амалро анҷом диҳад, вай дар зумраи пешутану қарор мегирад. Аз ин равшан мегардад, ки шахс қаблан барои кирдорҳои содиркардааш ба ҷавобгарии ҷазодиҳанда кашида нашудааст ва ҳамин ҳолат аз фаҳмиши муосири мафҳумҳои такрор ва маҷмуи ҷиноятҳо фарқ мекунад. Ҳамин тавр, дар таълимоти Авесто, такрори ҷиноят танҳо дар ҳолате ба назар гирифта мешуд, ки шахс пештар доғи судӣ надошта бошад. Бо ин вуҷуд, дар дигар навъҳои ҷиноятҳо шаклҳои гуногуни такрор вуҷуд доштанд, ки аз нигоҳи ҳуқуқшиносии имрӯза шабоҳати муайянро бо таснифоти муосири такрори ҷиноятҳо доранд [146, с. 54-55].

Бо дарназардошти таҳлилҳои анҷомёфта метавон ба хулоса омад, ки манбаъҳои ҳуқуқии зардуштӣ, бахусус Авесто, масъалаҳои ҷиноят ва ҷазоро ба таври мушаххас дар бар гирифтаанд. Бисёре аз меъёрҳои ин низоми ҳуқуқӣ, новобаста ба қадимияти онҳо, бо принсипҳо ва муҳтавои қонунгузории ҷиноятии муосир ҳамсозӣ ва ҳамоҳангӣ доранд. Метавон чунин хулоса кард, ки институтҳои зикршуда аз низоми ҳуқуқии

зардуштӣ ба мусулмонӣ ва баъдан ба шуравӣ ва сониян ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш намудаанд.

**Муносибатҳои ҳуқуқӣ-оилавӣ.** Низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар пояи таълимоти зардуштия ташкил шуда, ба арзишҳои инсонӣ, махсусан оилавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Масъалаҳои бунёди оила, никоҳ, шартҳои никоҳ, аъзои оила, бекор кардани никоҳ, фарзандхонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми оилавӣ мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ зардуштӣ танзим шудаанд. Қадимтарин манбаи таърихии дорои меъёрҳои ҳуқуқие, ки танзими муносибатҳои никоҳиро дар қаламрави Осиёи Миёна ба зимма доштааст, китоби муқаддаси дини зардуштӣ – Авесто мебошад [21, с. 56-68]. Дар қисматҳои бостонии ин асар, ба истисноии бахши Вандидод, 13 меъёри мустақили ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки ба танзими равобити никоҳ ва сохтори оила дахл доранд. Худи Вандидод, ки зиёда аз 90 дарсади муҳтавояш дорои хусусияти ҳуқуқӣ мебошад, дорои 37 меъёри махсус аст, ки масоили марбут ба муносибатҳои никоҳию оилавӣ ва инчунин шаклҳои нигаҳдорӣ ва тарбияи фарзандонро ба таври бевосита фаро мегиранд [181, с. 52]. Ба масъалаҳои оилавӣ, никоҳ ва таъмини фарзандон тибқи низоми ҳуқуқии зардуштӣ муҳаққиқ Б.А. Одинаев таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Муаллиф изҳор медорад, ки «дар натиҷаи омӯзиши таълимоти зардуштия маълум гардид, ки дар таълимоти зардуштия масъалаҳое дохил мешуданд, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди истифода қарор доранд. Аз ҷумла: манъ будани бисёрзанӣ; фарзандхонӣ; шартҳои бастани никоҳ ва ғайра. Тафовути асосӣ дар он буд, ки фарзанддорӣ шарти муҳимми оиладорӣ дониста мешуд ва талоқ ихтиёрӣ набуд» [172, с. 154-156]. Ба назари мо, масъалаҳои мазкур бояд дар қонунгузории амалкунанда мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дода шаванд. Зеро яке аз омилҳои пешгирии парокандашавии оилаҳо маҳсуб меёбанд.

Масъалаи обрӯи зан дар Авесто сахт мавриди ҳифз қарор гирифтааст. Барои доғдор намудани он, ҳатто ҷазоҳои вазнин муқаррар

шудааст. Масъалаи нигоҳдорӣ аз зан ва таъмини ӯро низ Авесто яке аз уҳдадориҳои мард донистааст. Дар матни Авесто таъкид мешавад, ки агар марде бо духтаре робитаи ҷинсӣ дошта бошад ва дар натиҷа ӯ ҳомила гардад, мард вазифадор аст, ки то лаҳзаи таваллуди кӯдак аз он зан нигаҳбонӣ намояд [10, с. 578]. Дар сурати ғайр мард барои вайрон намудани талаботи одатию анъанавӣ гунаҳгор дониста мешуд ва ба ҷазо мубтало мегардид. Дар ин хусус А.Ғ. Холиқзода қайд намудааст, ки «қатъ намудани никоҳ ва бе нигоҳубин гузоштани зан низ гуноҳи вазнин дониста мешуд» [87, с. 92]. Оид ба ҷазои чунин амал дар Авесто зикр шудааст, агар мард ончунон ки сазовор аст, аз зан нигаҳдорӣ накунад ва газанде ба кӯдак бирасад, барои сар боз задан аз нигаҳдории шоиста, подафраи гуноҳи куштани огоҳона бар ӯ равост [10, с. 589]. Бояд гуфт, ки дар меъёри мазкур ҳадафи чунин нигоҳдорӣ асосан некуаҳволии кӯдак мебошад. Яъне, баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки дар замонҳои қадим дар Осиёи Миёна кӯдаконро дар батни модар ҳифз мекарданд ва ба занони ҳомиладор низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешуд. Тибби муосир собит кардааст, ки давраи инкишофи кӯдак дар батни модар дар рушди муътадили кӯдак нақши асосиро мебозад.

Қисмати қадимтарини ин асари муқаддас – Вандидод дорои маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои вобаста ба никоҳ, тарбияи фарзандони ноболиғ, маҳдудиятҳои ҳуқуқиву озодиҳои мардон ва занон вобаста ба вазъи ҳуқуқии оилавиро дар бар мегирад. Ин меъёрҳо ҳокӣ аз онанд, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масоили ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии сохтори оилавӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамуд. Аксари ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон дар сарчашмаҳои гуногуни низоми ҳуқуқии зардуштӣ, аз ҷумла Авесто муқаррар гардидаанд [153, с. 15]. Масалан, дар Вандидод омадааст, ки вазифаи волидайн дар зери назорати махсус нигоҳ доштани кӯдакро дар бар мегирад. Хӯрок ва пӯшонидани кӯдакон то синни ҳафтсолагӣ: «Кӯдакони то шашмоҳа ва

кӯдакони то ҳафтсола бояд дар васоят қарор дошта бошанд» [86, с. 206]. Барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар Вандидод муқаррар шудааст, ки «...падари кӯдак бояд зани бадномро то калон шудани фарзанд дастгирӣ кунад» [10, с. 576]. Аз ин бармеояд, ки Авесто оид ба таъмини манфиатҳои кӯдакон меъёрҳои зиёд муқаррар кардааст. Дар ҳуқуқи муосири кишвар бошад, Кодекси оилаи ҶТ [4] ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» [5] ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва уҳдадориҳои волидонро нисбати ӯ муқаррар кардаанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки таъминоти моддие, ки қонунгузории оилавӣ дар шакли алимент муқаррар кардааст, заминаи таърихии худро маҳз аз сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ (меъёрҳои дар боло зикршуда) мегирад. Фарқият дар он зоҳир мегардад, ки дар Авесто барои нигоҳубини нодурусти модару кӯдак ҷазои вазнин муқаррар шуда буд. Агар падар аз чунин уҳдадориҳо даст кашад, оиларо ҳимоя накунад ва аз ҷиҳати моддӣ таъмин нанамояд ва дар натиҷа, кӯдак ба ягон ҷиҳат нотавон гардад, шавҳар дар назди мардум ба қатл расонида мешавад: «Агар ӯро таъмин накунад, ҷазои куштори қасданро бар дӯш гирад» [10, с. 577]. Меъёри мазкур бори дигар далолат ба он мекунад, ки масъалаи таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон аз ҷумлаи масъалаи муҳим мебошад. Бо ин назардошт, дар қонунгузори оилавии замони муосир бояд ба масъалаи мазкур боз ҳам таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Амалия нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо ҳалномаи судӣ ҷиҳати таъмини моддии кӯдак (алимент) сари вақт иҷроя, яъне пардохт карда намешавад. Бинобар ин, барои сари вақт иҷро накардани ҳалномаи суд дар хусуси пардохти алимент бояд ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзӯр карда шавад.

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон медиҳад, Авесто ҳамчун сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ба масъалаи муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои оилавиро танзим намудааст, ки бо қонунгузории амалкунанда мазмунан мувофиқ ва

монанд мебошанд. Аз ҷумла, шартҳои бастани никоҳ, бекор кардани никоҳ, якканикоҳӣ ва амсоли инҳо.

**Муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ.** Дар ҳуқуқи зардуштӣ ба масъалаи муносибатҳои маданӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар Авесто бисёр меъёрҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муносибатҳои маданиро танзим намуда, ба қонунгузории мадании амалкунандаи кишвар мувофиқат менамоянд.

Дар Авесто ҳамчун сарчашмаи бонуфузи низоми зардуштӣ оид ба масъалаи паймон (аҳд ва шартнома ба фаҳмиши ҳозира) меъёрҳои зиёдро дучор омадан мумкин аст. Аз ҷумла, фаргарди 4, бахши дувум (А-Г) намудҳои алоҳидаи паймонро муқаррар кардааст [10, с. 484-487]. Бахши дувум д) паймони хизматрасонӣ – шартномаи хизматрасонӣ аз ҷумла, додани таълимро муқаррар кардааст [10, с. 493]. Меъёрҳои зикршуда ба зерфасли 2 (шартнома) ва боби 43 (хизматрасонии музднок) [3] Кодекси мадании ҶТ мувофиқат менамоянд. Дар қисмати Вандидод бошад, ҷазо барои шикастани паймон пешбинӣ карда шудааст. Аз ҷумла гуфта шудааст, ки «Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван! Касе, ки гуфтор – паймонро бишканад, подафраи гуноҳаш чист? Аҳура Маздо посух дод: – Сесад тозиёна бо аспаҳе-аштра, сесад тозиёна бо сраушо-чарана» [10, с. 493]. Чуноне ки маълум шуд, барои шикастани паймон дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст.

Дар хусуси шартномаи кироя низ меъёрҳо дар Авесто ба назар мерасид. Аз ҷумла, тибқи фаргарди 4, сатри 1 «Вақте ки касе шартномаи кироя мебандад ва дар натиҷа, кироягиранда аз баргардонидани он даст кашад, вайронкунандаи шартнома ба дузд баробар карда мешавад ва ҷазо мегирад...» [10, с. 493]. Меъёри мазкур дар Авесто чунин муқаррар шудааст: «Касе, ки аз бозгардондани супурдае ба дорандааш худдорӣ кунад, кирдораш бад-он монад, ки он супурдаро аз дорандааш дуздида бошад. То ҳангоме ки он супурдаро дар хонаи хеш нигоҳ дорад, ҳар рӯзу ҳар шаб, ки бад-он даст занад ва онро аз они хеш бишуморад, бад-он

монад, ки дигар бор онро дуздида бошад» [10, с. 484]. Меъёрҳои мазкур ба боби 39 (иҷора) Кодекси мадании ҶТ [3] мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқот бармеояд, ки масъалаҳои алоҳидаи маданӣ-ҳуқуқӣ дар Авесто муқаррар шудаанд, ки ба қонунгузории мадании амалкунандаи ҶТ мувофиқ ва мушобеҳ мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи ҶТ хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши институтҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубрамияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзояд. Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ, оилавӣ-ҳуқуқӣ, экологӣ-ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасид. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

2. Дар бахши муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бисёр меъёрҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳам дар қонунунгузрии ҷиноятӣ ва ҳам дар Авесто ба мушоҳида мерасанд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҷинояту ҷинояткорӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар ин хусус, Вандидод бахши меъёрҳои хусусияти ҷиноятии ҳуқуқидоштаро муттаҳид намудааст. Метавон чунин хулоса кард, ки институтҳои ҷинояткорӣ ва ҷазои зикршуда аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба мусулмонӣ ва баъдан ба шуравӣ ва сониян ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш намудаанд.

3. Яке аз фарқиятҳо дар он аст, ки Вандидод аз дараҷаи сабук ба дараҷаи вазнин меъёрҳоро оид ба расонидани зарар ба саломатӣ пайдарҳам муқаррар намудааст. Вале дар Кодекси ҷиноятии ҶТ бошад, аввал зарари вазнин, баъдан миёна, сониян сабук муқаррар шудааст. Ҳол

он ки санксияҳои ҳар як моддаи он аз дараҷаи сабук ба миёна ва баъдан ба вазнин муайян гардидааст. Бо ин назардошт, пешниҳод менамоем, ки м.м. 110-112 КҶ ҶТ ҷойҳояшон иваз карда шуда, аз сабук ба вазнин муқаррар гарданд.

4. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар пояи таълимоти зардуштия ташкил шуда, ба арзишҳои инсонӣ, махсусан оилавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Масъалаҳои марбут ба ташкили оила, муқаррароти никоҳ, шарту шароити бастани ақди никоҳ, мақоми аъзои оила, бекор намудани никоҳ ва фарзандхонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ мебошанд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба таври возеҳ танзим ёфтаанд. Авесто ҳамчун яке аз сарчашмаҳои қадимтарини таърихӣ-ҳуқуқӣ, ба муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, паҳлуҳои мухталифи ҳаёти оилавиро дар асоси ахлоқ, масъулият ва адолати иҷтимоӣ ба танзим даровардааст, ки бо қонунгузории амалкунанда мувофиқ мебошанд. Аз ҷумла шартҳои бастани никоҳ, бекор кардани никоҳ, якканикоҳӣ ва амсоли инҳо.

5. Тафовути асосӣ дар он буд, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ фарзанддорӣ шарти муҳимми оиладорӣ دониста мешуд ва талоқ ихтиёрӣ набуд. Ба назари мо, масъалаҳои мазкур бояд дар қонунгузории амалкунанда мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дода шаванд. Зеро яке аз омилҳои парокандашавии оилаҳо маҳсуб мегарданд.

6. Хулоса кардан мумкин аст, ки таъминоти моддие, ки қонунгузории оилавӣ дар шакли алимент муқаррар кардааст, заминаи таърихии худро маҳз аз сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ мегирад. Фарқият дар он зоҳир мегардад, ки дар Авесто барои нигоҳубини нодурусти модару кӯдак ҷазои вазнин муқаррар кардааст. Бо ин назардошт, дар қонунгузори оилавии замони муосир бояд ба масъалаи мазкур боз ҳам таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Амалия нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо ҳалномаи судӣ ҷиҳати таъмини моддии

кӯдак (алимент) сари вақт пардохт карда намешавад. Бинобар ин, барои сари вақт иҷро накардани ҳалномаи суд дар хусуси пардохти алимент бояд ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзур карда шавад.

7. Дар ҳуқуқи зардуштӣ ба масъалаи муносибатҳои маданӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст. Дар Авесто бисёр меъёрҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муносибатҳои маданиро танзим намуда, ба қонунгузории мадании амалкунандаи кишвар мувофиқат менамоянд. Аз ҷумла, масъалаи намудҳои шартнома.

## ХУЛОСА

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод чунин хулосаҳои илмӣ ба даст омаданд:

1. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ аз Авесто маншаъ мегирад. Баъзе падидаҳои ҳуқуқие, ки дар низомҳои ҳуқуқии кишварҳои шомили оилаҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва мусулмонӣ ба назар мерасанд, аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ сарчашма мегиранд, ба монанди: якканикоҳӣ, розигии тарафайн дар никоҳ, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, ҷуброни зарар ё хариди гуноҳ ва ғ. Низоми ҳуқуқии Зардуштия нисбати зан аҳаммияти волое қоил буд ва ҳуқуқҳои эшонро ҳифз менамуд. Эҳтироми зан то ҷое буд, ки як рӯзи махсус ҳамчун рӯзи занҳо шинохта мешуд. Дар ин рӯз мардҳо ба онҳо туҳфа менамуданд. Инчунин зану мард аз ҳуқуқи баробарии моддию маънавӣ бархӯрдор буданд.

Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ робитаҳои никоҳӣ бар пояи баробарии ҳуқуқии зану мард танзим мешуданд. Тибқи таълимоти ин дини қадим, на зан иҷозаи доштани якчанд ҳамсарро дар як вақт дошт ва на мард ҳақ дошт, ки дар чорчӯбаи як никоҳ ба гирифтани ҳамсари дуюм иқдом намояд. Аз назари пайравони оини зардуштӣ, чунин амали якҷонибаи мард хилофи принсипҳои баробарии ҳуқуқии ҷинсҳо арзёбӣ мегардид. Дар ҳолатҳое ки зан дар ҳаёт буд ва мухолифати худро изҳор мекард, мард наметавонист бе ризоияти ӯ никоҳи дигарро анҷом диҳад. Чунин амал ҳамчун поймолсозии ҳуқуқ ва шарафи зан маънидод мешуд. Зеро тибқи таълимоти зардуштӣ, зан ҳамчун мавҷуди пок ва арзишманд шинохта мешуд, ки офаридаи Аҳуромаздо буда, дорои ҳуқуқи пурра ба озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва масъулияти шахсӣ мебошад. Ӯ чун мард масъули рафтору кирдори худ дониста мешуд ва аз ҷиҳати арзиш ва мақом бо мард баробар ҳисобида мешуд **[3-М]; [12-М].**

2. Дар давраи ривоҷи таълимоти зардуштӣ, раванди мурофиавии суд аз омезиши зичи меъёрҳои ҳуқуқӣ бо таълимоти динӣ ва эътиқодоти

мазҳабӣ иборат буд. Дар ин замина, принсипҳои адолати судӣ на танҳо бар пояи қонунҳои дунявӣ, балки дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои динӣ ташаккул ёфта, низоми додгоҳиро бо унсурҳои ахлоқӣ ва маънавӣ ғанӣ мегардониданд, ки дар замони муосир низ дорои аҳаммияти актуалӣ ва мубрам мебошанд. Ба ин принсипҳо тааллуқ мегиранд: 1) истиқлолу озодӣ; 2) принсипи объективӣ будани судя дар ҳолатҳои зарур будани муқаррар гардидани ордалия. Ба кор бурда шудани ордалия ҳамчун яке аз василаҳои муайян намудани дурустии нишондод, шаҳодат, ҳақиқат ва адолат дар раванди муҳокимаи судӣ бо ҳидояти Рашан – фариштаи адлу ростӣ аз таркибу ба ҳам пайвастагии муҳокимаи судии дорои унсурҳои илоҳии мардуми тоҷик дар даврони тамаддуни зардуштӣ хабар медиҳад.

Маросими анҷом додани ордалия дар кишварҳои бостонии Осиёи Миёна ба расму суннатҳои халқу мардуми ҳиндуаврупоии дигар наздик буд. Ордалия барои ба исбот расонидани гуноҳ шакли ғайриратсионалӣ ва ғайри қобили қабул аст, вале агар сатҳи рушду инкишофи мардум аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва рушди механизми раванди баисботрасонӣ ба назар гирифта шавад, метавон гуфт, ки он бо тарзи тафаккури мурофиавии ибтидоии мардуми он замон мутобиқат ва мувофиқат дошт. Бо гузашти замон, ордалия тайи садсолаҳо дар кишварҳои мухталифи Аврупо мавриди истифода қарор дошт («Ҳақиқати Солидӣ», «Ҳуқуқи Саксонӣ»). Агар чунин тафаккуру равишҳо амиқан мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор бигиранд, айён мегардад, ки онҳо бо низоми муосири ҳуқуқ мухолифат надоранд. Худи вогузории вазифаи муайян кардани гунаҳкор ва бегуноҳ будани шахс ба неруҳои дигар аз бисёр ҷиҳат ба хоҳиши афроди даврони бостон барои ба таври объекивӣ ва бетарафона ҳал намудани баҳсҳои додгоҳӣ алоқаманд аст. Инсоният имрӯз ҳам ба сӯйи чунин ҳалли объективӣ ва бетарафонаи масъалаҳои додгоҳӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ талош дорад. Мутаассифона, имрӯз дар шароити кунунӣ низ ҳангоми баррасии масъалаҳои мазкур мушкилоти мубрами зиёде вуҷуд

доранд. Вале ин мавзуъ метавонад дар оянда дар меҳвари таҳқиқоту пажӯҳишҳои махсус қарор бигирад **[5-М].**

3. Нуздаҳумин наски Авесто Вандидод ба шумор меравад, ки дар худ падидаи ҷазо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ғайраро фаро гирифта, барои мо тоҷикон омӯзиш ва таҳқиқ намудани паҳлуҳои он ба манфиати кор аст. Вандидод ба шакли хаттӣ омада расидааст, чунки дар аҳди сулолаи Сосониён замони ҳукмронии Хусрави 1 аз ҷониби мӯбадони дини Зардуштӣ китобат гардида, ба таъкиди сарчашмаҳо дар қатори коҳинони маъбадҳо барои шоҳзодаҳо ва хизматчиёни дарбор низ аз ёд донистани матни Вандидод ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ лозим ва ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт **[11-М].**

4. Баррасии низоми ҳуқуқии марбут ба давраи зардуштӣ нишон медиҳад, ки табиати ҳуқуқвайронкунӣ дар заминаи рушди сохторҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин таҳаввули ақидаҳои равонӣ, динӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пайваста дар ҳоли тағйир ва инкишоф қарор дошт. Татбиқи ҷазо мутобиқи дараҷаи хатарнокии ҷиноят, хусусиятҳои шахсии субъекти ҳуқуқвайронкунанда ва арзишу мақоми объекти ҳимояшаванда амалӣ мегардид **[2-М].**

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ, ҷиноятҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда мешаванд: а) ҷиноятҳо бар зидди дин ва муқаддасоти мазҳабӣ; б) ҷиноятҳо бар зидди сохтори давлатӣ ва манфиатҳои сиёсӣ; в) ҷиноятҳо алайҳи шахсият, ки фарогири ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ; ҷиноятҳо ба зидди озодӣ, дахлнопазирӣ ва шаъну шарафи шахс мебошанд; г) ҷиноятҳо бар зидди муҳити зист ва олами ҳайвонот; ғ) ҷиноятҳо бар зидди молу мулк ва ҳуқуқи моликият.

5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ дар ҳамбастагӣ бо ташаккули ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, дар ибтидо бар асоси меъёрҳои ахлоқӣ ва урфу одатҳои мардумӣ асос мегирифт. Ин маҷмуи қоидаҳо, ки танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ буданд, тадриҷан ба

низоми мураттаби ҳуқуқӣ табдил ёфта, реша дар таълимоти ҳуқуқии дини зардуштӣ ва хосатан, дар матни Вандидод доштанд. Вандидод ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимтарини Авесто, қоидаҳои мушаххаси ҳуқуқиро дар бораи ҷавобгарии шахсӣ ва танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бар мегирад.

Ҷазоҳо намудҳои зерин доштанд: 1) ҳукми қатл; 2) ҷазои ҷисмонӣ; 3) ҷарима ва каффораи гуноҳ; 4) корҳои ислоҳӣ; 5) маҳдуд кардани озодӣ; 6) маҳрум сохтан аз озодӣ; 7) аз ҷамъият хориҷ кардан ва бадарға кардан; 8) мусодираи молу мулк; 9) маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян.

6. Ҳуқуқи ҷиноятии зардуштӣ ҳатто ба масъалаи ҳифзи ҳаёти кӯдаки таваллуднашуда низ эътибори ҷиддӣ зоҳир карда, ба шахсоне, ки кӯдаки дар батни модар бударо аз ҳаёт маҳрум мекарданд, ҷазо муқаррар намуда буд. Агар зани ҳомила барои исқоти ҳамл ба табиб муроҷиат мекард ва ин амалро ӯ ба анҷом мерасонид, он гоҳ ҳам табиб ва ҳам занро ҳукми қатл интизор буд. Барои исқоти ҳамл дар баробари модар боз нафароне, ки ба ӯ дар ин кор мусоидат ё ҳамроҳӣ намудаанд, масалан табиб ё ягон шахси дигар, онҳо низ ба марг маҳкум мегардиданд.

7. Ҳуқуқи мадании зардуштӣ меъёрҳоеро дар бар мегирифт, ки муносибатҳои ҳуқуқии мадании ҷанбаи молумулкидошта ва ғайримолумулкидоштаи шахсиро, ки байни зардуштиён ва намояндагони динҳои дигар ба вуҷуд меомад, танзим менамуд. Тибқи Вандидод, барои бевиҷдонона иҷро намудани шартнома нисбати гунаҳгор ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ пешбинӣ гардида буд **[3-М].**

8. Ҳуқуқи оилавии зардуштӣ аз марҳилаи ташаккули ибтидоии ниҳоди оила оғоз гардида, дар тули рушду таҳаввули таълимоти динию ҳуқуқӣ, пояҳои устувори низоми ҳуқуқии оилавиро ба вуҷуд овардааст. Ин низом муносибатҳои марбут ба сохтор ва мақоми оила, нақши падару модар, тарбияи кӯдакон, фарзандхонӣ, ташкили никоҳ ва

шартҳои бастани он, инчунин масъалаҳои бекорсозии никоҳ ва дигар ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти оилавиро фаро гирифта, бо муқаррароти мушаххаси динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ танзим менамуд. Таълимоти зардуштӣ дар ҳар давра бо такя ба арзишҳои инсонмеҳвар ва иҷтимоӣ, оиларо ҳамчун асоси муҳимми ҷомеа эътироф намуда, барои ҳифз ва тақвияти он маҷмуи меъёрҳо ва арзишҳои мушаххасро таҳия ва риоя намудааст, барои риоя нашудани он ҷавобгарии ҳуқуқии оилавиро пешбинӣ кардааст **[12-М].**

